Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоӣ – иқтисодии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар давраи ҳисоботии соли 2019 бо истифода аз “Шакли намунавии пешниҳоди маълумот”

## 1. Санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он бо нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо арзёбӣ гардиданд.**

### 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ дар давоми соли 2019 дар маҷмуъ 4534 ҳуҷҷат ворид гардидааст, ки 2953 адади он аз ҷониби раёсату кумитаҳо, идораву муассисаҳо, шуъбаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят буда, боқимондаи он дар теъдоди 1581 ҳуҷҷат аз мақомоти болоӣ, аз ҷумла 16 адад Амр ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 адад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 адад Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 адад қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Чумҳурии Тоҷикистон, 60 адад қарор ва 6 адад фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 76 адад протоколҳои Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 97 адад супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, 157 адад супоришҳои муовинони Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, 397 адад супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 44 адад барқияҳои ҳукуматӣ, 22 адад ҳуҷҷат аз Маҷлиси Олӣ ва 699 адад аз вазорату кумитаҳо, ташкилотҳо ва шарикони рушд ворид гардидааст.

Аз ҷониби Раиси вилоят дар ин давра 10 адад амр ва 455 адад қарор, аз ҷумла 71 адади онҳо дар заминаи Фармон ва Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва супоришҳои мақомоти болоӣ, 14 адад дар асоси Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тасвиб расида, ҷиҳати маълумот, корбарӣ ва иҷрои саривақтии минбаъда ба воҳидҳои сохтории дахлдори вилоятӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ирсол гардида, ҷараёни амалишавии онҳо таҳти назорати доимӣ қарор доранд.

## 2. Маълумот оид ба ҷараёни иҷрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун

**Нишондоди пешакии самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 2.1. (2.1,2.1.2)Риояи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти**

**маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», 2.1.1. Раванди амалишавии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, 2.1.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, 2.2.(2.2.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 2.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, 2.4. (2.4.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва чашну маросим”, 2.5. Рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет», 2.6.(2.6.1, 2.6.2) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», арзёбӣ гардиданд.**

## 2.1. (2.1.2) Риояи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»

**(2.1, 2.1.2) Ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо бо дарҷи номгӯи вазифаҳои маблағгузоришаванда.**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят тибқи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба такмили шаклу услуби кор, сифат ва самаранокии корҳои сиёсӣ, ташкилию оммавӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, бо назардошти масъалаҳои афзалиятноки соҳа нақшаи кории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятро таҳия ва тасдиқ намуд. Мутобиқи нақшаи мазкур дар давоми соли 2019 панҷ иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, иҷлосияи бистум, бисту якум, бисту дуюм, ғайринавбатии бисту сеюм ва бисту чоруми даъвати панҷуми Маҷлиси вакилони халқи вилоят, 12 машварати васеъ ва 12 машварати назоратии назди раиси вилоят гузаронда шуданд, ки дар онҳо зиёда аз 30 масъалаи рӯзмарраи дорои аҳамияти иқтисодию иҷтимоидошта баррасӣ гардида, доир ба ин масъалаҳо қарорҳои дахлдор ба тасвиб расонда шуданд.

Дар соли 2019 вобаста ба фаҳмондадиҳии мӯҳтавои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” ва “Дар бораи мақомоти худидоракунии ҷамъиятӣ” дар якҷояги бо кормандони Кумитаи рушди маҳали назди Прзиденти чумҳурии Тоҷикистон, Хазинаи Оғохон ва намояндагони Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон семинар – омӯзиш доир гардид. Ҳамзамон, рафти иҷрои қонунҳои мазкур дар машварати васеи назди раиси вилоят мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта қарори дахлдори раиси вилоят қабул гардид.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 45 Ҷамоати деҳот, ки 397 деҳа ва 2 Ҷамоати шаҳраки шаҳри Хоруғ ба номи Ш. Шоҳтемур ва И. Сомонӣ, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти

худидоракунии шаҳрак ва деҳот” ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ”, Низомнома ва оиннома кор ва фаъолият карда истодаанд.

Ҷиҳати риояи талаботи моддаи 6 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” оид ба расонидани кӯмакҳои молиявӣ ва иқтисодӣ, дар нуҳ моҳи соли 2019 ба маблағи 34,7 ҳазор сомонӣ аз буҷети маҳаллии вилоят кӯмаки молиявӣ расонида шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ ба 157,1 ҳазор сомонӣ, дар ноҳияҳои Рӯшон 17,8 ҳазор сомонӣ, Дарвоз 17,8 ҳазор сомонӣ ва Ишкошим 30,5 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст, ки барои иҷрои функсияҳои ҷамоатҳо шароити иқтисодӣ фароҳам оварда шудааст.

Оид ба ҳаҷми кӯмаки молиявӣ, ки аз маблағҳои буҷети маҳаллӣ ба Ҷамоатҳо ҷудо гардида, аз ҷониби ноҳияҳои Ванҷ, Шуғнон, Роштқалъа ва Мурғоб маълумот пешниҳод нагардидааст.

Оид ба риояи талаботи моддаи 6 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” оид ба расонидани кӯмакҳои молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби пешниҳод нагардидани маълумот дар ҳисоботҳои боқимондаи ноҳияҳои вилоят гузаронидани арзёбӣ ғайриимкон гардидааст.

### 2.1.1. Раванди амалишавии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон барои солҳои 2016-2020 109 лоиҳаро ба маблағи 4080,8 млн. сомонӣ дар бар гирифта, ба ҳолати 1 январи соли 2020, 31 банд ба маблағи 889,9 млн. сомонӣ пурра иҷро гардида, дар иҷрои 42 банд бо маблағи 171,9 млн. сомонӣ корҳо идома дошта, фоизи иҷроиш дар умум 26%-ро ташкил медиҳад ва дар 36 банди чорабиниҳо бинобар дарёфт нагардидани маблағ корҳо оғоз нашудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди азхудкунии маблағҳо барои амалигардонии лоиҳа чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар шаҳру ноҳияҳои Мурғоб 115,4%, Хоруғ 96,4%, Дарвоз 60,3% ва Рӯшон 62,8% таъмин гардида, дар сатҳи муайян барои пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуда истодаанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Шуғнон 33,9% ташкил додааст.

Нишондиҳандаи пасти он дар ноҳияҳои Ванҷ 18% ва Роштқалъа 13,6% ба назар расида, ҷоннок намудани ҳамкории байни мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷалби соҳибкорон ва фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллиро талаб менамояд.

Дар ин давра шумораи лоиҳа - чорабиниҳое, ки бинобар дарёфт нагардидани маблағ корҳо оғоз нашудаанд, аз шумораи умумии нақша чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар ноҳияҳои Роштқалъа 86,4% (шумораи лоиҳаи оғознагардида 68 лоиҳа), Ванҷ 268,4%

(161 лоиҳа), Дарвоз 39,7% (110 лоиҳа), Мурғоб (59 лоиҳа), Рӯшон 37,2% (44 лоиҳа), Шуғнон 66,1% (52 лоиҳа), ва шаҳри Хоруғ (20 лоиҳа) ташкил додааст, ки андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, барои баланд бардоштани дараҷаи амалигардонии лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон номуайяни дар барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ гардида, истифодаи натиҷаи мониторинг ва арзёбии барномаҳо дар татбиқи сиёсати соҳавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мусоидат намоянд.

### 2.1.3. Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурожиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" (банди 59-и паём)

Дар давоми соли 2019 шумораи умумии мурожиатҳои шаҳрвандон дар вилоят 1886 (1435) нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин даврои соли гузашта 451 нафар зиёд гардидаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят муроҷиати умумии шаҳрвандон дар ноҳияҳои Роштқалъа +179 (843) нафар, Рӯшон +160 (1165) нафар, Ванҷ +63 (521) нафар ва Шуғнон +16 (1094) нафар буда, нисбати соли гузашта зиёд гардида, мавҷудияти мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии ин шаҳру ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Шумораи муроҷиати умумии шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ -472 (2156) адад, Дарвоз -205 (1608) адад, Ишкошим -139 (1261) адад ва Мурғоб -61 (349) адад нисбати соли гузашта кам гардида, саривақт баррасӣ ва ҳал намудани мушкилотҳо дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ба назар мерасад.

### Ҳолати воқеии таҳлили таркибии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар шаҳру ноҳияҳо

Аз таҳлили мазкур бармеояд, ки аз шумораи умумии муроҷиати шаҳрвандон дар ноҳияи Ишкошим 62 адад вобаста ба масъалаи замин ба қайд гирифта шуда, нисбати соли гузашта -134 адад кам гардида, дар ноҳияҳои Мурғоб -39 (122) адад, Шуғнон -36 (98) адад, Рӯшон -34 (344) адад ва Роштқалъа -31 (269) ададро ташкил медиҳад, ки аз беҳтар гардидани шароити манзили зист шаҳодат медиҳанд.

Зиёдшавии шумораи муроҷиати шаҳрвандон оид ба қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбати соли гузашта дар вилоят +57 (72), шаҳри Хоруғ +17 (114) адад ва ноҳияи Дарвоз +27 (188) адад ба назар расида, дар доираи имкониятҳои мавҷудбудаи шаҳру ноҳияҳо барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии бо манзили зист, андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Дар давоми соли 2019 дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилоят шумораи муроҷиати шаҳрвандон аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон 91 ададро ташкил додааст, ки нисбати соли гузашта, 37 адад кам гардидааст.

Шумораи муроҷиатҳои аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда нисбат ба соли гузашта дар ноҳияҳои Дарвоз +1 (7) Ванҷ 0 (14) ва Рӯшон 0 (5) ададро ташкил додааст.

Ҳамзамон, дар шаҳри Хоруғ -17 (7) ва ноҳияҳои Шуғнон-5 (9) адад, Рошткалъа -4 (12) адад, Ишкошим -3 (12) адад ва Мурғоб -1 (12) адад шумораи муроҷиатҳо аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соли гузашта кам гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳалли саривақти масъалаҳо дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шудааст.

**2.2. (2.2.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”**

**2.2.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда дар асоси Протоколи Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.2016 с, №7 банди 4 (оид ба масъалаи номгузории анъанавӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо)**

Дар давоми соли 2019 ба комиссия оид ба номгузорӣ ва дигар кардани номи корхонаҳои давлатӣ, истгоҳҳои роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, ташкилоту муассиаҳо, таълимгоҳҳо, инчунин объектҳои физикию ҷуғрофӣ ва масъалаҳои сохти марзию маъмурии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят 15 адад муроҷиатнома ва пешниҳод аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи ноҳияҳои вилоят вобаста ба номгузорӣ намудани 6 муассисаҳои иҷтимою фарҳангӣ ва 1 адад вобаста ба номгузорӣ намудани ҷамоати деҳоти Сучони ноҳияи Шуғнон ба номи Шофақир Ҷумъаев ва 8 адад вобаста ба тағйир додани номҳои ғайримеёрии ҷуғрофӣ ворид гардиданд ва дар иҷлосияи навбатии Маҷлиси вакилони халқи вилоят баррасӣ гардиданд.

Дар шаҳри Хоруғ бо мақсади иҷрои мактуби расмии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 апрели соли 2019, №13/45 ва дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Чумҳурии Тоҷикистон номи 3 маҳалла ва 1 кӯчаи шаҳри Хоруғ, ки ба талаботи забони точикӣ мувофиқат намекарданд, тағйир дода шуданд.

Дар ноҳияи Дарвоз давоми соли 2019 як адад муроҷиатнома аз ҷониби Маҷлиси Ҷамоати деҳоти Қалъаихум-ро вобаста ба номгузорӣ намудани беморхонаи марказии ноҳия ба номи Ниёзов Абдуҷамил ва мактаби мусиқии бахши фарҳанги ноҳия ба номи Зикрихудоев Додихудоро барои баррасӣ ба Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ пешниҳод намуда, , аз тарафи комиссияи дахлдори вилоятӣ маъқул дониста шуда, дар Маҷлиси вакилони халқи вилоят дастгирӣ гардид.

Дар соли 2019 дар ноҳияи Рӯшон 2 пешниҳод аз номи Ҷамоати М.Абдулвосиев дар бораи номгузорӣ намудани хонаи фарҳанги деҳаи Шидз ба номи Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодмон Алифов

ва хонаи фарҳанги деҳаи Спон ба номи Ҳунарпешаи Халқии Тоҷикистон Ғарибсултони Худоёрбек номгузорӣ гардиданд.

Дар соли сипаригардида дар ноҳияи Рошткалъа 2 адад мурочиатнома ва пешниҳод дохил гардида, 1 адад мурочиатнома дар иҷлосияи навбатии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия баррасӣ гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба комиссияи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ, Ишкошим ва Мурғоб оид ба номгузорӣ ва дигар кардани номи корхонаи давлатӣ, истгоҳҳои роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, ташкилоту муассисаҳо, таълимгоҳҳо, инчунин объектҳои ҷуғрофӣ ва масъалаҳои сохти марзию маъмурӣ, ягон адад мурочиат пешниҳод нагардидааст.

Инчунин, мутобиқи маълумоти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 декабри соли 2019, №1-3/1454 аз 13521 номи объектҳои ҷуғрофии ҳудуди ҷумҳурӣ дар ВМКБ 151 адад ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, суннати номгузории миллӣ ва меъёрҳои забони тоҷикӣ мувофиқат намекунанд.

## 2.3. (2.3.1) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”

### 2.3.1. Натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда, тамоюли ҷиноятҡорӣ байни ноболиғон (банди 50 паём).

Дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои вилоят 105 кумитаи волидон ва ассотсиатсияи волидон ташкил карда шудааст.

Дар давоми соли 2019 30 - ҷаласаи Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдаки мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон гузаронида шуд. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ байни хонандагон оид ба Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Ҳуқуқи кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» зарари нашъамандӣ, сӯиқасд ба ҷони худ ва дар доираи дигар мавзӯъҳо 435 адад вохӯриҳою сӯҳбатҳо, аз ҷумла 200 адад дар мавзӯъи «Баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», гузаронида шудаанд.

Ҷиноятсодиркунӣ аз тарафи ноболиғон дар соли 2019, 2 адад ҷиноят бо иштироки 7 нафар ноболиғ ба қайд гирифта шуда, аз ҷиноятҳои содиргардида 1 адад (одамкушӣ) ба шаҳри Хоруғ ва 1 адад ба ноҳияи Ишкошим рост меоянд, ки ташкили ҳамкорӣ байни мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои қудратӣ, ҷамъиятӣ ва иҷрои функсияҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияи мазкур мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар сатҳи лозима ба роҳ монда шавад.

Ҳамзамон, ҷаримабандӣ бо моддаи 90-и Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ 734 нафар волидон ба маблағи 55662 сомонӣ ва 96 нафар волидон бо дигар намуди ҳуқуқвайронкунӣ ба маблағи 3716

сомонӣ, дар маҷмуъ 830 нафар ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, ба маблағи 59378 сомонӣ ҷарима гардиданд.

Дар ноҳияи Ишкошим аз тарафи ноболиғон як ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, аммо бо маълумоти ҷаъмбастии вилоят дар соли 2019 номутобиқатӣ ба назар мерасад.

Дар соли 2019 дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон, Роштқалъа ва Мурғоб сатҳи ҷинояткорӣ аз тарафи ноболиғон ба қайд гирифта нашудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он фаъолияти кумитаи волидон ва ассотсиатсияи волидони вилоятӣ ва шаҳру ноҳияҳо, ҷиҳати таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» корҳои ташкилию тағриботиро пурзӯр намоянд.

## 2.4. (2.4.1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим” (банди 59-и паём)

### 2.4.1. Шумораи маъракаҳои гузаронидашуда, ҳолатҳои қонуншиканиҳо, натиҷаи фаъолияти комиссияҳо ва чорабиниҳои амалишуда

Дар соли 2019 дар ҳудуди вилоят 1740 маъракаҳо гузаронида шудааст, ки нисбати соли гузашта 13 адад кам гардидааст. Хароҷотҳои умумӣ маъракаҳо дар ин давра 7070,7 ҳаз. сомониро ташкил додааст, ки нисбати соли гузашта 64,5 ҳаз. сомонӣ кам гардида, хароҷоти миёна ба ҳар як маърака маблағи 4063 сомонӣ рост меояд.

Хароҷоти миёнаи аз ҳама баланд дар шаҳру ноҳияҳои Дарвоз 5229 сомонӣ, Хоруғ 4871 сомонӣ, Ишкошим 4832 сомонӣ, Ванҷ 3799 сомонӣ, Шуғнон 3652 сомонӣ, Рӯшон 3350, Роштқалъа 2921 сомонӣ, ва Мурғоб 2569 сомониро ташкил дода, ки омӯзиши сабабҳои фарқияти каму зиёди хароҷотҳои маъракаро талаб менамояд.

Зиёдшавии ҳолати қонуншиканӣ нисбати соли гузашта дар ноҳияҳои Ванҷ +5 ҳолат, Рӯшон +1 ҳолат ва Мурғоб +1 ҳолат ба қайд гирифта шудааст, ки пурзӯр намудани ташвиқу тарғиботро ҷиҳати риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим” ба миён омадааст.

Ҳамзамон, ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ -4 ҳолат кам ба қайд гирифта шудааст, ки самаранокии фаъолияти масъулини соҳаи ба назар мерасад.

## 2.5. (2.5.1)Рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 “Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет”

### 2.5.1. Истифодаи технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру

**ноҳияҳо (сомона, почтаи электронӣ ва татбиқи унсурҳои «ҳукумати электронӣ»).**

Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаи баланди дараҷаи корношоямии воситаҳои технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, компютерҳо дар дастгоҳи раиси шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо) - и онҳо дар ноҳияҳои Роштқалъа 42,4% (ҳамагӣ 33 адад), Дарвоз 23,1% (43 адад), Мурғоб 22,4% (58 адад), Ванҷ 15,1% (86 адад) ба назар расида, дар ноҳияҳои Ишкошим 13,5% (81 адад), Шуғнон 12,9% (54 адад) ва шаҳри Хоруғ 3,1% (65 адад) ташкил медиҳад, ки таъсири манфии худро ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мерасонад.

Ҳамзамон, нишондиҳандаи баланди дараҷаи корношоямии воситаҳои технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар муқоиса ба 9 моҳаи соли2019 дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои болозикр бетағйир боқӣ мондааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳо беҳбудиро талаб менамояд.

Инчунин, нишондиҳандаи мазкур дар ноҳияи Рӯшон 0% (69 адад)-ро ташкил додааст, ки ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидати мусбӣ мерасонад.

Сомонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят аз соли 2012 (www.badakhson.tj) фаъолият мекунад.

Дар шаҳри Хоруғ 10 нуқтаи дастрасӣ ба интернет дошта, 1 нуқтаи сомонаи расмии худро дорад, ки ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Рӯшон 6/1, Дарвоз 4/1, Шуғнон 2/1,Роштқалъа 2/1, Ишкошим-/1 ва Ванҷ -/1 нуқтаро ташкил додааст.

Мутобиқи маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мурғоб сомонаи расмӣ мақомот (Murgab.tj) мавриди корбарӣ ва омодасозӣ қарор дорад.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ хусусан дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти он дар сатҳи нокифоя буда, пурзӯр намудани корҳо дар ин самт дар якҷояги бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад. Ҳамзамон, ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642 "Дар бораи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар солҳои минбаъда чораҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

## 2.6.(2.6.1, 2.6.2) Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

### 2.6.1. Гузаронидани озмуни мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ (моддаи 18), аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ (моддаи 20), бозомӯзӣ ва омода намудани хизматчиёни давлатӣ барои баланд бардоштани масъулияти онҳо.

Дар соли 2019 ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва тибқи муқаррароти банди 11-и Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ 4 маротиба озмуни мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ барои 8 мансаб гузаронида шуда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидат намуда, амалигардонии Қонуни мазкур таъмин карда шудааст, ки 7 нафар мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатро ишғол намуданд.

Дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ бошад, 27 маротиба озмун гузаронида шуда, 62 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин гардидаанд.

Дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда муайян карда шуд, ки аз ҷониби ноҳияҳои ВМКБ ҳисоботҳои пешниҳоднамуда ба талабот ҷавобгӯ набуда, маълумотҳо номукаммал пешниҳод шудаанд. Инчунин, талаботи дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ва дигар ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2017, №358 тасдиқ шудааст дар шаҳру ноҳияҳои вилоят риоя намегардад. (бахусус сархати 2 банди 46 ҳуруфи Times New Roman Tj ).

Дар давраи ҳисоботӣ дар ВМКБ аттестатсияи ғайринавбатии хизматчиёни давлатӣ (моддаи 20) гузаронида шуд. Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардида дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, шаҳри Хоруғ, ноҳияҳо, раёсатҳо, шуъбаҳо, бахшҳо ва идораю муассисаҳо, 627 нафар ба аттестатсия фаро гирифта шуда, 109 нафар бо сабабҳои гуногун иштирок надоштанд. Айни замон дар ҳудуди ВМКБ 54 мансаби холӣ мавҷуд мебошад.

Ҳамзамон доир ба бозомӯзӣ ва омода намудани хизматчиёни давлатӣ барои баланд бардоштани масъулияти онҳо, тибқи қарори раиси вилоят аз 31 декабри соли 2018, №493 «Дар бораи Нақшаи машғулиятҳои идоравӣ барои хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 2019» ба тасвиб расонида, дар давоми соли 2019 аз ҷониби мудирони шуъбаҳою бахшҳои дастгоҳи раиси вилоят ва сохторҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят 22 маротиба машғулиятҳо гузаронида шудаанд.

Ба 1 январи соли 2020 аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ 42 нафар ба курси такмили ихтисос фаро гирифта шудааст, ки нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир мебошад.

Аз ҷониби ноҳияҳои Дарвоз, Шуғнон ва шаҳри Хоруғ хизматчиёни давлатӣ ба курсҳои такмили ихтисос сафарбар карда нашудаанд.

Дар ин давра аз ҷониби прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 51 маротиба санҷишҳо гузаронида шуда, аз натиҷаи онҳо 61 амр, 68 эътироз, аз ҷумла ба қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо 33 эътироз оварда шуда, 29 эътироз пешниҳод гардида, 28 нафар шахси мансабдор ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шуда, 112 адад парвандаҳои

ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва 17 адад парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба ишғоли худсаронаи замин ва сохтмони худсарона дар он бо моддаҳои 338 қисми 2, 338 иловаи 1 қисми 2 ва 323 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда шуд.

Ҳамзамон, мутобиқи маълумоти Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2019, №05-2144 дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҳудуди ВМКБ ба ҳолати 1 октябри соли 2019 теъдоди воҳидҳои кории хизмати давлати шаҳрвандӣ 749 ададро ташкил дода, 52 (6,9%) ҷойи холӣ мавҷуд мебошад ва 697 нафар (93%) хизматчиёни давлатӣ амалан фаъолият доранд. Аз шумораи умумии 697 нафар хизматчиёни давлатӣ 222 нафар (31,8%)-ро занон ва 261 нафар (37,4)-ро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд.

Кадрҳои роҳбарикунанда, ки аз мансабҳои сиёсӣ ва категорияҳои олӣ, якум, дуюм, сеюм ва чорум иборатанд, 268 нафар (38,4%)-ро ташкил дода, аз ин шумора 56 нафар (20,8%) занон ва 46 нафар (17,1%) ҷавонони то 35- сола мебошанд.

Теъдоди хизматчиёни давлатии дастгоҳҳои раисонро 160 нафар, аз ҷумла, 64 нафар (40%) занон ва 71 нафар (44,3%) ҷавонони то 35-сола ташкил дода, дар ҳайати роҳбарикунанда 73 нафар, аз онҳо 19 нафар (26%)-ро занон ва 12 нафар (16,4%)-ро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд.

Дар сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ теъдоди хизматчиёни давлатӣ 262 нафар, аз ҷумла 89 нафар (54,9%) занон ва 96 нафар (36,6) ҷавонони то 35-сола буда, ишғолкунандагони мансабҳои роҳбарикунанда 97 нафар, аз ҷумла, 17 нафар (17,5%) занон ва 18 нафар (18,5) ҷавонони то 35 сола ташкил медиҳанд.

Теъдоди хизматчиёни давлатии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 275 нафар, аз ҷумла, 69 нафар (25,1%) занон ва 94 нафар (34,1%) ҷавонони то 35-сола ташкил дода, дар мансабҳои роҳбарикунанда 88 нафар, аз ҷумла, 20 нафар (22,7%) занон ва 16 нафар (18,1%) ҷавонони то 35-сола фаъолият доранд.

Мониторинги баргузории озмунҳо нишон медиҳад, ки дар 9 моҳи соли 2019 дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он 31 ҷаласаи комиссияи озмунӣ баргузор шуда, барои ишғоли 70 мансаби холии маъмурии хизмати давлатӣ озмун эълон гардида, ба 70 мансаби холӣ бо иштироки 152 (зан 76 нафар) нафар довталаб озмун гузаронидашуда, 61 (зан 20) нафар довталабон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тавсия дода шуданд.

Дар ин давра аз ҷониби прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва прокуратураи ноҳия дар ноҳияҳои Ишкошим 2 адад эътироз ва Мурғоб 6 адад эътироз дохил гардидааст, ки аз ҷониби масъулин сари вақт ба қонунҳои амалкунанда мутобиқ карда шуданд.

Дар Роштқалъа давоми соли 2019 дар сохторҳои макомоти идоракунии маҳаллӣ, ҳусусан, ҷиноятҳои коррупсионӣ оид ба замин ба қайд гирифта нашуданд. Дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои комплексии назорати давлатӣ 107 адад қонуншиканӣ вобаста ба замин дар майдони 597574м$^2$ошкор

гардид, ки бахри бартараф намудани қонуншиканиҳо 107 адад дастури назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин дастраси қонунвайронкунандагон гардид. Аз он 102 адад қонуншиканиҳо дар мӯҳлати муқарраргардида 571941 метри мурабба бартараф карда шуда, заминҳо ба ҳолати аввала баргардонида шуданд. Ду адад мавод барои додани баҳои ҳуқуқӣ ба прокуратураи ноҳия пешниҳод гардид. Ҷиҳати дар мӯҳлати муқарраргардида бартараф нагардидани қонуншиканиҳо 17 адад протоколҳо, 17 адад қарорҳои назорати давлатӣ қабул гардида, ба маблағи умумии 6205 сомонӣ ҷаримабандӣ гардида, ба суратҳисоби Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ворид гардид.

Ҳамзамон, аз ҷониби прокуратураи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Шуғнон, Рӯшон, Дарвоз ва Ванҷ эътироз дохил нагардидааст, ки риояи қонунҳои амалкунанда дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо таъмин карда шудааст.

## 3. Таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ

**Нишондоди пешакии таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 3.1. Даромади буҷет, 3.2. Ҳолати пардохти намуди андозҳо, 3.3. Бақияи қарзи андоз, 3.4. Қарзи музди меҳнат, 3.5. Музди миёнаи меҳнат, 3.6.Корҳои андешидашуда ҷиҳати ташаккул додани сарчашмаҳои иловагии буҷетҳои маҳаллӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 3.1. Даромади буҷет

Иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии вилоят дар соли 2019 аз рӯи даромадҳои худии буҷети вилоят ба андозаи 105,9% таъмин гардида, дар маҷмӯъ дар вилоят тибқи нақшаи маблағӣ 88,5 млн. сомониро ташкил дода, иҷрои он 93,7 млн. сомониро ташкил додааст.

Саҳми шаҳру ноҳияҳои Дарвоз +5,5 млн. сомонӣ (130%), Хоруғ +1 млн. сомонӣ (102,2%), Мурғоб +1 млн. сомонӣ (108,6%) ва Рӯшон +0,2 млн. сомонӣ (102,1%) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидани воридоти маблағ назаррас буда, барои рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо шароит фароҳам оварда мешавад.

Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳияҳои Шуғнон -0,4 млн. сомонӣ (97,7%), Ишкошим -0,3 млн. сомонӣ (98%) ва Ванҷ -0,4 млн. сомонӣ (98,8%) иҷро нагардидааст, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Қисми хароҷоти буҷети маҳаллии вилоят дар соли 2019 тибқи нақша 289,7 млн. сомониро ташкил дода, ба андозаи 282,8 млн. сомонӣ ё 97,5 фоизи таъйинот ба иҷро расонида шуда, барои хароҷот равона карда шудааст.

Хароҷоти буҷет дар алоҳидагӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят бошад, дар ноҳияи Шуғнон 118,7%, Дарвоз 100,6%, Рӯшон 99,6%, Ванҷ 98,2%, Роштқалъа 97%, Ишкошим 96,7%, Мурғоб 94% ва шаҳри Хоруғ 97,6% ба иҷро расонида шудааст.

### 3.2. Ҳолати пардохти намуди андозҳо

Иҷрои сифатноки нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллиро ноҳияҳои Дарвоз ва Шуғнон пурра таъмин намудааст, ки аз ҳамкории дурусти байни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо ва мақомоти нозироти андоз дарак медиҳанд.

Дар вилоят иҷрои нақшаи қисми даромади буҷет аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда (86,3%) таъмин нагардидааст.

Иҷрои буҷет:

– дар ноҳияи Ванҷ аз рӯи як намуди андоз - андози даромад аз шахсони воқеӣ (91,4%);;
– дар ноҳияи Рӯшон аз рӯи як намуди андоз - андози даромад аз шахсони воқеӣ (89,8%);
– дар ноҳияи Роштқалъа аз рӯи як намуд -андози даромад аз шахсони воқеъӣ (89,8%);
– дар ноҳияи Ишкошим аз рӯи як намуд – андоз аз воситаҳои нақлиёт (34,9%);
– ноҳияи Мурғоб аз рӯи ду намуд- андози даромад аз шахсони воқеӣ (94,5%), ва андоз аз захираҳои табиӣ (85,0%);
– дар шаҳри Хоруғ аз рӯи як намуди андоз - андоз аз арзиши иловашуда (74,6%) таъмин карда нашудааст.

Вобаста ба ҳолати бамиёномада мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикрро зарур аст, ки ҳамкориро бо мақомоти нозироти андоз ва андозсупорандагон дуруст ба роҳ монанд.

### 3.3. Бақияи қарзи андоз

Ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар ВМКБ 2,3 млн. сомонӣ бақияпулиҳои андоз мавҷуд буда, нисбат ба 01.01.2019 с., -159,2 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Дарвоз +159,6 ҳазор сомонӣ нисбат ба 01. 01. 2019 с. зиёд гардида, ба ҳолати давраи ҳисоботӣ 171,4 ҳазор сомонӣ мавҷуд мебошад, дар ноҳияҳои Ишкошим +36,9 ҳазор сомонӣ (65,5 ҳаз. сомонӣ), Шуғнон +29,9 ҳазор сомонӣ (261,3 ҳазор сомонӣ) ташкил дода, ташвишовар боқӣ мондааст. Аз ин лиҳоз, барои кам намудани он андешидани чораҳои иловагӣ ва пурзӯр намудани фаъолиятро дар якҷоягӣ бо нозироти андоз тақозо менамояд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Хоруғ -332,8 ҳазор сомонӣ (1577,9 ҳазор сомонӣ) ва ноҳияҳои Роштқалъа -131,5 ҳазор сомонӣ (25,1 ҳазор сомонӣ), Мурғоб -13,6 ҳазор сомонӣ (114,7 ҳазор сомонӣ), Ванҷ -3,3 ҳазор сомонӣ (226,1 ҳазор сомонӣ) ва Рӯшон –0,4 ҳазор сомонӣ (63,6 ҳазор сомонӣ) бақияи андоз кам гардидааст, ки натиҷаи чораҳои саривақтии андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва нозироти андоз мебошад.

Нишондиҳандаи баланди бақияи қарзи андоз дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Роштқалъа ба назар мерасад, ки барои кам намудани он андешидани чораҳои иловагӣ ва пурзӯр намудани фаъолиятро дар якҷоягӣ бо нозироти андоз тақозо менамояд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 декабри соли 2019, №18658/5.1 барқияи қарзи андозҳо дар таърихи 1 ноябри соли 2019 дар ВМКБ – 2,7 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба 1 январи соли 2019 ба андозаи 165,0 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Ҳамзамон, иттилоъ медиҳем, ки бақияи қарзи бештар асосан дар шаҳру ноҳияҳо Хоруғ - 1769,8 ҳазор сомонӣ, Дарвоз – 171,5 ҳазор сомонӣ, Ванҷ – 224,2 ҳазор сомонӣ, Шуғнон – 220,2 ҳазор сомонӣ ва ИШкошим – 81.6 ҳазор сомонӣ ба назар мерасад.

Ҷиҳати рӯёдани маблағи бақияи қарзи андозҳо дар даҳ моҳи соли 2019 аз тарафи мақомоти андоз дар ВМКБ нисбати 13 андозсупорандагони қарздор 13 адад қарор дар бораи маҷбуран ситонидани андозҳо дар маҷмуъ бо маблағи 2,4 млн. сомонӣ қабул гардида, аз ин ҳисоб ва аз ҳисоби қарорҳои дар соли 2018 қабургардида, дар муҷмуъ ба буҷет 962,0 ҳазор сомонӣ ворид карда шуд.

### 3.4. Қарзи музди меҳнат

Дар вилоят қарздорӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 801,5 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +385,9 ҳазор сомонӣ зиёд гардида, дар ноҳияи Дарвоз қарзи музди меҳнат 670,7 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба 9 моҳаи соли 2019 дар вилоят +343,2 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст, ки ба сатҳи зиндагӣ мардум таъсири манфии худро расонидааст.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ  қарздории музди меҳнат аз ҳисоби корхонаи саноатии ҶДММ “Таком-голд” ба ҳолати 01.12.2019 ба маблағи 670,7 сомониро ташкил медиҳад. Қайд менамоем, ки ба ҳолати 1 декабри соли 2019 қарздории музди меҳнат аз тарафи ҶДММ “Таком-голд” пардохт нагардида, баръакс ба маблағи 333,6 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Қарздори аз музди меҳнат дар муассисаҳои буҷетии вилоят ба назар намерасад.

Аз ин лиҳоз, бахши Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия, иттифоқҳои касаба дар ҳамкорӣ бо корфармоён ва дигар мақомоти дахлдор масъалаи қарздории музди меҳнатро бо роҳбарияти корхонаи зикргардида баррасӣ намуда, барои бартараф намудани қарздории музди меҳнат, чораҷӯӣ намоянд.

### 3.5. Музди миёнаи меҳнат

Дар соли 2019 музди миёнаи меҳнат маблағи 1182 сомониро ташкил дода, ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 164,4 сомонӣ ё 16,1 фоиз афзоиш ёфтааст.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар ноҳияҳои Мурғоб +126 сомонӣ (1111 сомонӣ), Дарвоз +108 сомонӣ (858 сомонӣ), Шуғнон +81,9 сомонӣ (902 сомонӣ), Рӯшон +79 сомонӣ (871 сомонӣ), Ванҷ +50 сомонӣ (750 сомонӣ) ва Ишкошим +9 сомонӣ (658) -ро ташкил додааст.

Ин нишондод дар шаҳри Хоруғ -110 сомонӣ (820 сомонӣ) кам гаштааст, ки сатҳи некуаҳволии мардум таъсири манфӣ мерасонад.

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар ноҳияҳои Мурғоб, Дарвоз, Шуғнон, ва Рӯшон ба назар расида, барои беҳтар намудани ҳолати иҷтимоии аҳолӣ мусоидат намудааст.

### 3.6. Корҳои андешидашуда ҷиҳати ташаккул додани сарчашмаҳои иловагии буҷетҳои маҳаллӣ

Дар соли 2019 мувофиқи нақшаи кории Шуъбаи аудити дохилӣ ва назорати Сарраёсати молияи ВМКБ, баҳри хароҷоти мақсадноку шаффофи маблағҳои буҷетӣ ва риояи катъии интизомии молиявӣ дар ташкилоту муассисаҳои буҷетии ВМКБ аз тарафи мутахассисони шуъба дар 87 идораву муассисаҳои давлатии вилоят санҷишу таҳлилҳо гузаронида шуданд, ки натиҷа зарари молиявӣ ба маблағи 197,1 ҳазор сомонӣ муайян гардид ва аз он маблағи 68,6 сомонӣ аз ҳисоби пардохти музди меҳнат ва мукофотпулӣ, 5092 сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа18209 сомонӣ аз ҳисоби сафархарҷӣ маблағи 7161 сомонӣ, аз ҳисоби аз меъёр хароҷоти зиёди сузишворӣ 5625 сомонӣ, аз ҳисоби дигар хароҷотҳои ғайриқонунӣ 375 сомонӣ, аз ҳисоби камомади воситаҳои пулӣ 5453 сомонӣ, аз ҳисоби камомади маводҳои арзишнок 26,3 ҳазор сомонӣ талафи воситаҳои пулию молӣ ва маблағи 54638сомонӣ аз ҳисоби андозҳо ташкил медиҳанд.

Аз маблағҳои ошкоршудаи зарари молиявӣ ба андозаи 71,8 %, ё ки маблағи 168,1 ҳазор сомонӣ барқарор карда шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ ва Дарвоз дар якҷоягӣ бо комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳияҳо, раёсати молия ва нозироти андоз ҷиҳати ташкил намудани сарчашмаҳои иловагии буҷети маҳаллӣ чораҳои зарурӣ андешида, мунтазам корҳо дар ин самт бурда мешаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ноҳияи Дарвоз 4 адад субъектҳои хурду миёна дар самти истеҳсолот бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва худӣ ба қайд гирифта шудаанд. Аз ҷумла, ҶДММ “Джун Тун”, ҶДММ “Х-шун”, ҶДММ “Гулчанг” ва ҶДММ “Усто Идӣ” ба қайд гирифта шудаанд, ки дар оянда барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия ва ташаккули сарчашмаҳои иловагии буҷетҳои маҳаллии ноҳия мусоидат хоҳанд кард.

Кормандони нозироти андози ноҳияи Ишкошим ба мақсади ташаккул додани сарчашмаҳои иловагии буҷети маҳаллӣ дар соли сипаришуда 27 адад санҷишҳо гузарониданд, аз ҷумла 1 санҷиши хронометражӣ, 4 санҷиши камералӣ ва 22 санҷиши амалиётӣ мебошанд, ки дар натиҷа ба буҷети маҳаллии ноҳия маблағи зиёда аз 121,6 ҳазор сомонӣ ворид гардид. Илова ба ин кормандони нозироти андози ноҳия дар ин давраи ҳисоботӣ 23 адад ҳолатҳои ғайриқонуниро ошкор намуда, нисбати ин нафарон протоколҳои маъмурӣ тартиб дода, аз ин ҳисоб ба маблағи 10,3 ҳазор сомонӣ ба буҷет гузаронида шуд.

Ҳамзамон, идораи нозироти андози ноҳияи Роштқалъа нисбати 23 андозсупоранда санҷиши камериалӣ гузаронида, дар натиҷа ба маблағи 23796 сомонӣ маблағи иловагӣ дарёфт намуда, ба буҷет ворид кардааст.

Ҳамзамон, дар ноҳияи Рӯшон дар давраи ҳисоботӣ нозироти андози ноҳия мутобиқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намуда, дар 97 корхонаҳою ташкилотҳо ва муассисаҳои давлатию ғайрдавлатии амалкунанда санҷиши дуруст ҳисоб намудани андозҳо, пурра ва сари вақт ворид намудани андозҳо ба буҷети маҳаллӣ гузаронидааст. Дар натиҷа маблағи 259,3 ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид гардид.

Пешниҳод: Барои таъмини нақшаи даромади буҷети ноҳияҳои Ванҷ, Ишкошим ва Шуғнон, дарёфти сарчашмаҳои иловагии андоз, кам намудани бақияпулиҳои андоз дар ноҳияҳои Дарвоз, Ишкошим ва Шуғнон баланд бардоштани ҷамъоварии андозҳо бо нозироти андоз фаъолияти кориашонро пурзӯр намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва ноҳияи Дарвоз дар ҳамкорӣ бо вазоратҳои молия, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани қарзи музди меҳнат (дар ҶДММ “Таком-голд”) чораҳои зарурӣ андешанд.

## 4. Таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ (бандҳои 18, 20-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳибкорӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 4.1. (4.1) Тамоюли каму зиёдшави шумораи соҳибкорон ва ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳияҳо, 4.2. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим, 4.3. (4.4) Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, 4.4. (4.5, 4.6) Дастрасии соҳибкорон бо қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ, 4.5. (4.7) Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва сармоягузории давлатӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 4.1. (4.1) Тамоюли каму зиёдшави шумораи соҳибкорон ва ҳиссаи соҳибкорон дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти шаҳру ноҳияҳо

Дар соли 2019 шумораи умумии соҳибкорон дар вилоят 6323 нафарро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (5727) +596 нафар ё ин ки 110,4% зиёд шудааст.

Ҳамзамон, ин нишондиҳанда нисбат ба 9 моҳи соли 2019 +2428 нафар ё ин ки 62% зиёд гаштааст, ки аз дуруст ба роҳ мондани фазои мусоид ҷиҳати пешбурди самти мазкур дарак медиҳад.

Дар ин давра 407 соҳибкор, ки дар асоси патент ва 53 соҳибкор, ки бо шаҳодатнома фаъолият доштанд, фаъолияташонро қатъ намуданд.

Тамоюли зиёдшавии шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Ванҷ +125 (338) нафар, Шуғнон +67 (345) нафар, Хоруғ +61 (ҳамагӣ 1438), Рӯшон +51 (530) нафар, Мурғоб +43 (428) нафар, Роштқалъа +43 (437) нафар ва Ишкошим +28 (378) нафар ба назар расида, рафти таъмини беҳбудии фазои соҳибкории

хурду миёнаро дар ин шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

Ҳамзамон, ин нишондиҳанда нисбат ба 9 моҳи соли 2019 дар шаҳри Хоруғ +48 нафар зиёд гашта, дар ноҳияҳои Дарвоз -70 нафар, Мурғоб -13 нафар ва Рӯшон -7 нафар кам гаштааст, ки омӯзиши сабабҳо ва андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Аз шумораи умумии соҳибкорон 2086 нафар соҳибкорзан мебошанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (1922 нафар) 164 нафар ё 108,5% зиёд буда, ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Дарвоз +67 (291 нафар), Хоруғ +60 (610 нафар), Ишкошим +26 (112 нафар), Рӯшон +17 (130 нафар), Роштқалъа +14 (42 нафар), Ванҷ +7 (41 нафар), Мурғоб +4 (67 нафар) ва Шуғнон +4 (94 нафар) ва ташкил додааст.

Шумораи соҳибкорзанон дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба 9 моҳи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ +352 нафар, Роштқалъа +28 нафар, Шуғнон +5 нафар ва Ванҷ +1 нафар зиёд гашта, дар ноҳияи Мурғоб -9 нафар кам гашта, дар ноҳияҳои Дарвоз (291 нафар), Рӯшон (130 нафар) ва Ишкошим (112 нафар) бетағйир боқӣ мондааст, ки корҳо дар самти дастгирии соҳибкорзанон аз ҷониби мақомоти дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо беҳбудиро талаб менамояд.

### 4.2. (4.2) Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати 13 лоиҳаҳои амалишаванда ҳаҷми маблағгузории ҷалбшуда маблағи 124870,1 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки аз он сармояи хориҷӣ 99146,8 ҳазор сомонӣ (79,3%) сармояи дохилӣ маблағи 9339 ҳазор сомонӣ (7,4%) ва сармояи мустақил маблағи 16384,3 ҳазор сомонӣ(13,3%) мебошад.

Шумораи лоиҳаҳо ва ҳаҷми маблағгузории ҷалбшуда дар шаҳри Хоруғ 6 адад (130,5 млн. сомонӣ), ноҳияҳои Рӯшон 88 адад (32,2 млн. сомонӣ), Ванҷ 32 адад (23,2 млн. сомонӣ), Дарвоз 5 адад (7,6 млн. сомонӣ), Шуғнон 3 адад (6,9 млн. сомонӣ), Мурғоб 3 адад (0,7 млн. сомонӣ) ва Ишкошим аз ҳисоби сармояи хориҷӣ ба маблағи 5,03 млн. сомонӣ амалӣ гардида истодааст.

Аз ҷониби масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Роштқалъа доир ба зербанди мазкур маълумот омода карда нашудааст, ки барои гузаронидани таҳлил мушкилӣ эҷод намуд.

### 4.3. (4.4) Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ

### 4.4. Ташкил ва гузаронидани курсҳои омӯзишӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаи соҳибкорон ва сифати омода гардидани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ (банди 18, ҚҲҲТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 15)

Айни замон дар шаҳри Хоруғ Фонди ҷамъиятии “Соҳибкорӣ ва рушд” (Акселератор) фаъолият дорад, ки дар баробари ташкили курсҳои омӯзишӣ,

ҳамчунин ба соҳибкорони вилоят барои амалисозии лоиҳаҳои тиҷоратӣ қарзҳои имтиёзнокро ҷудо менамояд.

Қобили зикр аст, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ таъсис додани бизнес-инкубаторҳо бамаврид буда, ташкили он барои дастгирии соҳибкори навтаъсис (стартап) ва рушди соҳибкории хурду миёна мусоидат менамояд.

Дар заминаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2018, №624 "Дар бораи таъсис додани муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" қарори раиси ВМКБ аз 2 апрели соли 2019, №101 ба тасвиб расид, ки мутобиқи он дар вилоят бахши муассисаи давлатии "Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон" таъсис дода шуд.

Бо мақсади бартараф намудани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсоли дар давоми ду сол аз ҷониби Президенти мамлакат мораторий эълон карда шуд. Тазаккур бояд дод, ки 36 корхонаи истеҳсолии шаҳру ноҳияҳои вилоят ба Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ ворид карда шудаанд, ки тамоми намуди санҷишҳо дар ин корхонаҳо манъ карда шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим дар моҳи ноябри соли 2019 бо соҳибкорони ноҳия омӯзиш дар мавзӯи "Лоиҳаи рушди деҳот" бо ҷалби 95 нафар соҳибкорон баргузор намуд.

Дар ҳудуди ноҳияи Шуғнон бизнес-инкубаторҳо ташкил карда нашудааст. Бояд қайд кард, ки ташкили курсҳои такмили ихтисос барои соҳибкорон дар маркази шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз тарафи Фонди ҷамъиятии соҳибкорӣ ва рушди "АКСЕЛЕРЕЙТ" ташкил карда шуда, 12 нафар сокинони ноҳия аз курсҳои такмили ихтисос соҳибкорон гузашта, аз тарафи фонди мазкур барои ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ дастгирӣ шуданд. Инчунин зиёда 20 нафар сокинони ноҳия дар курсҳои таҳияи бизнес- лоиҳа аз тарафи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ ширкат варзида истодаанд.

Соли 2019 барои рушди соҳибкории хурди миёна аз тарафи Донишгоҳи Осиёи Марказии шаҳри Хоруғ курси кӯтоҳмуддат оид ба рушди соҳибкории хурду миёна ва тайёркунии нақшаи тиҷорат ташкил шуда, 42 нафар соҳибкорони ноҳияи Мурғоб ба он ҷалб гардиданд.

Дар ноҳияи Роштқалъа бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбияти соҳибкорон ва омода намудани лоиҳаҳо дар ҳамкорӣ бо Маркази рушди сохибкории Фонди Хазинаи Оғохон дар ВМКБ курсҳои омузишӣ бо ҷалби бештари ҷавонон дар маркази ҷамоатҳои дехот гузаронида шуданд. Дар баробари ин чунин курсҳо аз тарафи Фонди ҷамъиятии "Соҳибкорӣ ва рушд" дар шаҳри Хоруғ низ гузаронида шуда, соҳибкорони муваффақ баъди хатми чунин курсҳо сазовори қарзҳои имтиёзнок бо фоизҳои паст мешаванд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон ва Дарвоз дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор бо соҳибкорон суҳбату вохӯриҳо доир намуда, ҷиҳати омода кардани нақшаҳои тиҷоратӣ ба онҳо дастурҳо дода, баҳри рушди соҳибкорӣ мусоидат менамояд.

### 4.4 (4.5) Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ

Дар соли 2019 барои 468 соҳибкорон аз тарафи бонкҳои дар вилоят амалкунанда ба маблағи 21345,8 ҳазор сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба маблағи 1790,4 ҳазор сомонӣ ё худ 8,2 фоиз зиёдтар мебошад.

Дастрасии соҳибкорон ба маблағи қарзи бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои Мурғоб +2185,7 ҳаз. сомонӣ (ҳамагӣ дар соли 2019 4698,7 ҳаз. сомонӣ), Шуғнон +2745,5 ҳаз. сомонӣ (2854,5 ҳаз. сомонӣ), Ванҷ +172 ҳаз. сомонӣ (916 ҳаз. сомонӣ), Ишкошим +743,9 ҳаз. сомонӣ (1804,9 ҳаз. сомонӣ), Роштқалъа +676,2 ҳаз. сомонӣ (719,5 ҳаз. сомонӣ) ва Рӯшон +952,2 ҳаз. сомонӣ (4858,4 ҳаз. сомонӣ) зиёд гардидааст, ки аз пешрафти фаъолияти соҳаҳои мазкур дарак дода, дуруст ба роҳ мондани ҳамкории соҳибкорон ва марказҳои хизматрасонии бонкиро нишон медиҳанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Дарвоз дар соли 2019 205 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта -54 ҳазор сомонӣ кам гардидааст, ки ба пешрафти соҳаи мазкур ва ҳамкории судманд таъсири манфӣ мерасонад.

Дар шаҳри Хоруғ ҳамагӣ дар соли 2019 110 ҳаз. сомонӣ қарзҳои бонкӣ ҷудо шудааст, новобаста ба ин ба масъалаи мазкур дигар маълумоти муфассал дарҷ нагардидааст.

Мавриди зикр аст, ки тибқи маълумоти Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 декабри соли 2019, №09.3-529 қарзҳои хурди додашудаи низоми бонк, дар моҳҳои январ-октябри соли 2019, 4,9 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 24,2 фоиз зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои хурди дар ин давра додашуда Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1,1 фоиз рост меояд.

### 4.4 (4.6) Ҳамкорӣ бо Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти лоиҳаҳои пешниҳодгардида ва мавриди амал қарор додашуда

Дар соли 2019 аз тарафи Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон се лоиҳаи самти истеҳсолӣ бо таъсиси 10 ҷойи корӣ ба маблағи 790,0 ҳазор сомонӣ пешниҳод шудааст, аз ҷумла ба соҳибкори шаҳри Хоруғ оид ба истеҳсоли маводи доруворӣ аз гиёҳҳои шифобахш ба маблағи 500 ҳазор сомонӣ, дар ноҳияҳои Дарвоз 1 адад лоиҳа оид ба таъсиси сехи қаннодӣ ба маблағи 90 ҳазор сомонӣ ва Шуғнон 1 адад лоиҳа барои таъсис додани корхонаи коркарди меваю сабзавот бо маблағи 200 ҳазор сомонӣ мавриди татбиқ қарор доранд.

Мавриди зикр аст, ки маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Мурғоб, Рошткалъа, Рӯшон ва Шуғнон дар давраи ҳисоботи нисбати 9 моҳи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

### 4.5. (4.7) Рафти ҷалби сармоя ва ташкили инфрасохтор дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва сармоягузории давлатӣ

Ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо ба Минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” ширкати ҶДММ “Ғаюрҷон” ба ҳайси субъекти минтақа расман ба қайд гирифта шуд. Самти асосии фаъолияти ширкати мазкур ин таъсиси маркази логистикӣ буда, тавассути минтақа интиқол додани молу маҳсулот, ки аз давлатҳои ҳамсоя вориди минтақа мегарданд, мебошад. Айни замон ҶДММ “Ғаюрҷон” ба истеҳсоли сементблок машғул буда, дар давоми соли 2019 ба маблағи 38,2 ҳазор сомонӣ маҳсулоти сохтмонӣ истеҳсол намудааст.

Ҳамзамон, лоиҳаи сармоягузории ҶДММ “Суман”, ки самти фаъолияти ин ширкат истеҳсоли сангҳои сохтмонӣ ва ороишӣ мебошад, расман ҳамчун субъекти минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим ” ба қайд гирифта шуд. То ба имруз аз тарафи ин ширкат ба маблағи 2088,0 ҳазор сомонӣ таҷҳизотҳои истеҳсоли харидорӣ гардида, корҳои лоиҳакашии сохтмон идома доранд.

Бояд қайд кард, ки корҳо дар самти ҷалби субъектҳо бо маром идома дошта, кооперативи тиҷоратии “Зиндагӣ” бо ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба маблағи 940,0 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ “Насим” бо ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба маблағи 4,2 млн. сомонӣ ҳамчун субъекти минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” ба қайд гирифта шуданд.

Моҳи июни соли 2019 Форуми соҳибкорони байнимарзии минтақаҳои Бадахшони Тоҷикистону Афғонистон баргузор гардид, ки дар он зиёда аз 60 нафар ширкат варзиданд. Мақсади баргузории форум ин ба ҳам овардани соҳибкорони минтақаҳо барои ташкил намудани соҳибкории муштарак ва истифодаи имкониятҳои ҳар ду тараф арзёбӣ гардид.

Инчунин, дар доираи баргузории Форуми сармоягузории “Помир инвест”, ки 6 августи соли 2019 дар маркази шаҳри Хоруғ доир гардида буд, панел дар мавзӯи “Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун омили суръатбахшии саноаткунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон” баргузор гардида, барои сармоягузорон имкониятҳои пеш бурдани соҳибкорӣ дар шароити Минтақаи озоди иктисодии “Ишкошим” муаррифӣ карда шуданд.

Самти асосии маъмурияти минтақа ин ҷалби сармоягузориҳо ва бақайдгирии субъектҳои нав арзёбӣ гардидааст. Соли 2019 таваҷҷӯҳи соҳибкорони маҳаллӣ ба минтақа бо назардошти таъсисдиҳии қитъаи алоҳидаи (субзона) дар шаҳраки Теми шаҳри Хоруғ афзудааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалишавии ваколатҳои онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ”, таъмини ҷудо намудани қарзҳо ба лоиҳаҳои пешниҳод гардидаи соҳибкорон аз тарафи Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ” баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ мусоидат намуда, омӯзиши мушкилоти онҳо (пешниҳоди рамзи гумрукӣ ба ҶДММ “Ғаюрҷон”), ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷоннок

намудани фаъолияти кори минтақаи озоди иқтисодии “Ишкошим” тақвият дода шавад.

Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ, паст намудани фоизи маблағи қарзҳои бонкии ҷудогардида ва дароз намудани муҳлати онҳо мавриди омӯзиш қарор дода, дастгирии мушаххас ба роҳ монда шавад.

Ҷиҳати баланд бардоштани имкониятҳои молиявии буҷети маҳаллии вилоят ва нигоҳдории сохтор ва воҳидҳои кории бахши муассисаи давлатии “Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон” дар ВМКБ диққати Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷалб карда шаванд.

## 5. Рушди соҳаи саноат
## (бандҳои 11, 12 ва 28-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи саноат бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 5.2. Рафти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат ва сармоягузорӣ, 5.3. Ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, 5.4.** (5.5) **Дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, шир, меваю сабзавот ва нӯшокиҳо, 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ

Дар соли 2019 корхона ва коргоҳҳои саноатии вилоят ба маблағи 237,9 млн. сомонӣ маҳсулот ва хизматрасониро ба иҷро расониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 +26,7 млн. сомонӣ зиёд гашта, ба 112,6% баробар мебошад.

Ҳиссаи маблағи истеҳсоли маҳсулоти саноатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти саноатии вилоят дар шаҳру ноҳияҳои Дарвоз 34,9%, Шуғнон 24,6%, Хоруғ 20%, Мурғоб 7%, Рӯшон 3,9%, Ванҷ 3,9%, Ишкошим 2% ва Роштқалъа 1,9% ташкил медиҳад.

Нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта дар ноҳияҳои Дарвоз 203% (40,8 млн. сомонӣ), Ишкошим 151% (4,77 млн. сомонӣ), Шуғнон 107,5% (58,6 млн. сомонӣ) ва Рӯшон 104,5% (9,2 млн. сомонӣ) таъмин намудаанд, ки ба рушди устувори саноат замина гузошта шуда истодааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Мурғоб 57,1% (ҳамагӣ 16,8 млн. сомонӣ), Ванҷ 79,1% (9,2 млн. сомонӣ), Роштқалъа 72% (4,5 млн. сомонӣ) ва Хоруғ 91,6% (48,4 млн. сомонӣ) кам мебошад, ки барои бартараф намудани ҳолати бамиёномада бояд чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Дар соли 2019 таносуби маблағи соҳаи саноат нисбат ба соҳаи кишоварзӣ дар ноҳияҳои Дарвоз 197% -ро ташкил дода, барои таъмини рушди индустриалӣ - аграрӣ замина гузошта шуда истодааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Шуғнон 57,6, Мурғоб 45,6%, Рӯшон 15,5%, Ишкошим 8,3% Роштқалъа 7,8% ва Ванҷ 5,7% рост омада, барои расидан ба ҳадафи стратегии миллӣ, мушкилот бартараф карда шуда, ҷиҳати таъмини рушди индустриалӣ - аграрӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо ва Вазорати саноат ва технологияҳои нав тадбирҳо андешида шаванд.

**5.2. Рафти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат ва сармоягузорӣ**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рошткалъа оид ба иҷрои қарори раиси вилоят аз 30.12.2016, № 486 вобаста ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016с, №503 «Дар бораи Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» қарори раиси ноҳияро аз 20 феврали соли 2017, №58 бо Нақша- чорабиниҳо ба тасвиб расонд.

Ҳамчунин, 3 сехи коркарди тибит бо маблағгузории МСДСП-ии Хазинаи Оғохон айни ҳол фаъолият намуда истодаанд. Ин сехҳо дар деҳаи Бидиз ва деҳаи Зануджи Ҷамоати деҳоти Барвоз, деҳаи Сежди Ҷамоати деҳоти Сежд фаъолият намуда истодаанд. Дар ин сехҳо асосан мӯинаи тибет аз мардум харид карда шуда, коркад карда мешавад ва аз он ҳар гуна маҳсулотҳо ба монанди ҷӯроб, жемпер, жакет, шарф ва ғайраҳо тайёр карда мешавад ва аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ харидорӣ карда мешаванд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Дарвоз ва Мурғоб дар доираи иҷрои "Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" чораҷӯӣ намуда, қарорҳои дахлдори раисони ноҳия ба тасвиб расонида, баыри зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ ва истифодабарии иқтидорҳои бозистода, расидан ба ҳадафҳои асосии соҳа, яъне истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот равонашуда чораҳои дахлдор андешида истодааст.

Дар ноҳияи Ишкошим аз сабаби ҷудо нагардидани маблағҳои зарурӣ барномаҳои соҳаи мазкур сариваќт ва бо сифат таъмин нагардида, ҷиҳати амалишавии "Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2020" дар ноҳия мушкилот ба миён овардааст.

Дар ноҳияи Рӯшон барои амалигардонии барнома, гузаронидани корҳои инкишофию геологӣ дар зуҳуроти оҳани Борҳ ва дар кони Икар барои истихроҷи ангишт корбарӣ дар назар дошта шуда, то ҳол ягон кори мушаххас анҷом дода нашудааст.

Ҳамзамон, вобаста ба амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат дар ҳисоботи мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ванҷ ва шаҳри Хоруғ маълумот пешниҳод нагардидааст.

**5.3. Ҷалби сармояи мустақим, бунёди корхонаҳои нав, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ (банди 12 паём)**

Дар вилоят 213 адад корхона ва коргоҳои истеҳсолӣ мавҷуд буда, аз онҳо 45 адад ба таври расмӣ ва 168 ба тариқи тадқиқот ба қайд гирифта шудаанд.

Дар соли 2019 аз 45 адад корхонаи ба таври расмӣ ба қайд гирифташуда, дар вилоят 6 корхона ва коргоҳи саноатӣ фаъолият надоранд, инҳо дар шаҳри Хоруғ- ҶДММ "Зари Помир" ва ҶДММ "Помир Асал", дар ноҳияҳои Дарвоз корхонаи коркарди ангишти "ВТИ -Помир" ва корхонаи дӯзандагии "Ахтари меҳр", Ванҷ ҶДММ "Мрамор Стоун" (сехи коркарди санги мармар) ва Рӯшон коргоҳи коркарди обҳои минералии ҶДММ "Помир асри 21" мебошанд. Сабаби аз фаъолият бозмондани корхонаҳо ва коргоҳҳо дар соли 2019 ин надоштани иҷозатнома, фарсуда гардидани таҷҳизот, надоштани маблағи гардон, дастрас нагардидани ашёи хом, муфлис гардидани соҳибкор ва набудани бозори фурӯши маҳсулот арзёбӣ мегардад.

Бо мақсади таъсис додани ҷойҳои нави корӣ қарори Раиси вилоят аз 31 декабри соли 2018, №486 дар бораи "Нақшаи амал оид ба таъсиси корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ дар ВМКБ барои соли 2019" ба тавсиб расида, дар асоси он дар соли 2019 бояд дар вилоят 16 адад корхона ва коргоҳ бо ҷалби 173 ҷойи корӣ ба истифода дода шаванд.

Дар соли 2019 дар вилоят 10 коргоҳи истеҳсолӣ бо ҷалби 34 ҷойи корӣ ба истифода дода шуданд, аз ҷумла дар ноҳияҳои Дарвоз сехи истеҳсоли қуму шағал бо ҷалби 8 ҷойи корӣ, Ванҷ коргоҳи истеҳсолии блоки сементӣ бо ҷалби 3 ҷойи корӣ, Рӯшон сехи истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ дар деҳаи Ёмс бо ҷалби 2 ҷойи корӣ, Шуғнон сехи истеҳсоли дару тиреза бо ҷалби 3 ҷойи корӣ дар ҷамоати деҳоти Навобод, сехи коркарди чуб, маҳсулоти масолеҳи рӯзгори мардум бо ҷалби 2 ҷойи корӣ дар ҷамоати деҳоти Поршинев, сехи коркарди чӯбу тахта дар ҷамоати деҳоти М.Ширинҷонов бо ҷалби 3 ҷойи корӣ ва сехи мурғпарварӣ дар ҷамоати деҳоти Сучон бо ҷалби 5 ҷойи корӣ, Роштқалъа сехи коркарди пашм бо ҷалби 4 ҷойи корӣ, Ишкошим коргоҳи коркарди асбобҳои мусиқӣ ва Мурғоб сехи дӯзандагии бо 3 ҷойи корӣ мебошанд.

Мувофиқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2019 №3-15, оид ба сохтмони иншоотҳои ҷашнӣ ба муносибати 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ 357 иншоот ба истифода дода шудааст, ки из ин шумора 22 адад корхонаҳои саноатӣ сохта ба истифода дода шуда, 581 адад ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст. Ҳамзамон, дар шаҳри Хоруғ 18 адад иншоот бо 91 ҷои кории нав таъсис дода шуда, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Ванҷ 57/46, Дарвоз 51/150, Ишкошим 17/17, Раштқалъа 79/67, Рӯшон 97/119, Мурғоб 13/23 ва Шуғнон 25/68 ташкил медиҳад.

### 5.4. (5.5) Дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шир, меваю сабзавот ва нӯшокиҳо

**5.5. Маълумот оид ба фаъолияти корхонаҳои коркарди маҳсулотҳои ширӣ, меваю сабзавот, нушокиҳо ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ин корхонаҳо (Нусха аз Протоколи маҷлиси ҲҶТ аз 18.01.2018 с., №1 банди 16)**

Дар вилоят корхонаи коркарди шири ҶДММ «Шири Кӯҳистон» фаъолият карда истода, 9 намуди маҳсулоти ширӣ истеҳсол ва пешкаши харидорон менамояд, Дар 12 моҳи соли 2019 маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаи мазкур 135,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбати ҳамин давраи соли гузашта 13,1 фоиз зиёдтар мебошад.

Ҳамзамон, дар ноҳияи Мурғоб сехи дӯзандагӣ (соҳибкор Носиршоева Г.) соли 2018 ғолиби озмуни Гранти Президентӣ ба маблағи 40 ҳазор сомонӣ гардида, аз моҳи марти соли 2019 ба фаъолият шурӯъ намуд.

Ҳамзамон, дар ноҳияи Дарвоз коргоҳи коркарди ширӣ (соҳибкор Қурбонова Гулнисо) аз тарафи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби гранти Президентӣ ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, 2 сар гови зотиро харидорӣ намуда, аммо бо маблағи ҷудогардида сохтмони сех ғайри имкон мебошад.

Дар ноҳияи Ванҷ коргоҳи коркарди ширии Ҷамоати деҳоти М. Абдуллоев (соҳибкор Давлатова Мақсуда) бо 3 ҷойи корӣ низ соли 2018 соҳиби гранти Президентӣ ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ гардид. Соҳибкор таҷҳизоти коркарди шир харидорӣ намуда, барои сохмони бино маблағ то ҳоло дастрас нагардидаст.

Дар ноҳияи Шуғнон сехи коркарди маҳсулоти ширии Ҷамоати деҳоти Вер (соҳибкор Фозилова С.) бо 5 ҷойи корӣ соҳиби гранти Президентӣ ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ гардид, ки ин маблағ барои хариди таҷҳизот нокифоя мебошад. Аз тарафи соҳибкор барои дастрас намудани таҳҷизот ба маблағи 65 ҳазор сомонӣ ба Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост пешниҳод гардид, вале то ҳоло дастгирӣ наёфтааст.

Лоиҳаи сехи коркарди маҳсулоти ширии Ҷамоати деҳоти Пастхуфи ноҳияи Рӯшон (Худоназарова Наргис ) барои дастгирӣ ба Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонба пешниҳод гардида, то ҳоло дастгирӣ наёфтаанд. Ҳамзамон, аз тарафи соҳибкор сармояи хориҷӣ ба маблағи 169 ҳазор сомонӣ дарёфт шуда, таҷҳизот аз давлати Руссия харидорӣ гардида, рӯзҳои наздик дастрас ва насб карда мешавад.

Дар ноҳияи Ишкошим лоҳаи Нақшаи тиҷоратии сехи коркарди маҳсулоти ширӣ дар Ҷамоати деҳоти Қизил Работ (соҳибкор Оматов Тоқур) ба маблағи 134020 сомонӣ ба Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, то ҳол дастгирӣ наёфтааст.

Вобаста ба талаботи бозори ҷаҳонӣ дар шароити имрӯза дар вилоят маҳсулоти барои содирот нигаронидашуда ин маҳсулоти боғпарварӣ (меваи хушк) ва истеҳсоли консерваҳои меваю сабзавот ба ҳисоб меравад. Дар вилоят ҶДММ “Памир Тревел”-и шаҳри Хоруғ, ҶДММ “Тути Помир”-ноҳияи Шуғнон, ҶДММ “Зиёратшо”-и ноҳияи Ванҷ ва ҶДММ “Нури

Умед”-и ноҳияи Рӯшон  меваи хушкро банду баст намуда, дар 12 моҳи соли 2019 ба маблағи 1299 ҳазор сомонӣ маҳсулотро истеҳсол намуданд.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорони ба истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда лоиҳаҳои бизнес – нақшаҳо ҷиҳати ташкили корхонаҳои коркарди мева ва сабзавот, воридоти технологияҳои ҳозиразамон ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ тартиб дода шуда, ба Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардиданд. Баҳри инкишофи шарикии давлат ва дастгирии бахши хусусӣ, инчунин барои ривоҷу равнақ додани соҳаи соҳибкорӣ бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон филиали Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» - и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ таъсис дода шуд, ки ин барои таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои тиҷоратӣ барои соҳибкорон кумак ва дастгирӣ менамояд.

Дар соли 2019 дар вилоят 3 субъекти соҳибкорӣ оид ба бунёди коргоҳи хурди истеҳсолӣ бо таъсиси 10 ҷойи корӣ ба маблағи 778,0 ҳазор сомонӣ ташкил карда шуд. Аз ҷумла, як лоиҳаи самти истеҳсолии оид ба истеҳсоли маводи доруворӣ аз гиёҳҳои шифобахш ба маблағи 500,0 ҳазор сомонӣ дасгирӣ гардид. Инчунин, аз тарафи Фонди ҷамъиятии соҳибкорӣ ва рушд “Акселерейт”-и шабакаи Оғохон  33 субъектҳои  соҳибкорӣ ба маблағи 2,6 млн сомонӣ дастгирӣ гардиданд. Аз ҷумла, бизнес-нақшаи ҶДММ “Памир Голд” вобаста ба банду басти меваи хушк ба маблағи 50 ҳазор доллари ИМА дастгирӣ гардид.

Пешниҳод: Таҳлили иҷрои нишондиҳандаи дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ муайян намуд, ки дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Ванҷ, Шуғнон ва Рӯшон иҷрои ваколати раиси шаҳру ноҳия мувофиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ” ҷиҳати таъмини супориши банди 16 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.01.2018 с., №1 дар сатҳи муайян таъмин карда шуда, дар ноҳияҳои Ишкошим, Дарвоз ва Мурғоб барои иҷрои супориши протоколи мазкур фаъолияташонро бояд ҷоннок намуда, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва соҳибкорон ҷиҳати таъсиси корхонаҳои нави истеҳсолӣ чораҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

### 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сеххои духти либосҳои мактабӣ

Бояд қайд намуд, ки дар вилоят асосан ду корхона, корхонаи дӯзандагии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ ва корхонаи дӯзандагии «Кохи Бонувон» дар ноҳияи Дарвоз фаъолият доранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар вилоят 314 муассисаи таҳсилоти умумӣ мавҷуд буда, шумораи толибилмон 37708 нафар мебошад.

Корхонаи дӯзандагии “Коҳи бонувон”-и ноҳияи Дарвоз дар 12 моҳи соли 2019, 3307 ҷуфт либоси мактабӣ дастраси шӯъбаи маорифи шаҳри

Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят намуд, ки барои ноҳияҳои Дарвоз 708 ҷуфт, Ванҷ 650 ҷуфт, Рӯшон 570 ҷуфт, Шуғнон 546 ҷуфт ва Мурғоб 326 ҷуфт таъмин намуд, ки ин 8,7 фоизи талаботи вилоятро дар бар мегирад.

Барои бунёди корхона ва коргоҳҳои дӯзандагӣ дар соли 2018 аз ҳисоби Гранти Президентӣ тавассути Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сехи дӯзандагии "Ҳангома"-и ноҳияи Ванҷ ба маблағи 40 ҳазор сомонӣ ва сехи дӯзандагии ноҳияи Мурғоб (соҳибкор Носиршоева Г.) ба маблағи 10 ҳазор сомонӣ ба фаъолият шурӯъ намуда, асосан ба дӯхти либосҳои миллӣ машғул мебошанд.

Сабаби асосии дар сатҳи паст қарор доштани фаъолияти коргоҳҳои дӯхти либосҳои мактабӣ ин нарасидани мутахассисони касбӣ дар вилоят мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъд аз кушода шудани коргоҳҳои дӯзандагӣ дар вилоят маҳсулоти истеҳсолшаванда рақобатпазир набуда, бозори худро дар байни аҳолӣ пайдо намекунад. Коргоҳҳои амалкунанда бо таҷҳизотҳои кӯҳнаю фарсуда таҷҳизонида шуда, асосан ба дӯхти курпача, болишт ва либоси миллӣ машғул мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки маълумотҳои пешниҳодгардидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Шуғнон ва Мурғоб нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст, ки масъулини соҳаро зарур аст, ки вобаста ба масъалаи бамиёномада чораандешӣ намоянд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти худро ҷиҳати ба кор андохтани 14 адад корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, сохтмони 16 адад корхонаҳои банақшагирифташуда, амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат, лоиҳаҳои ба Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкорӣ"-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида ва баланд бардоштани дараҷаи маҳсулоти кишоварзӣ пурзӯр намуда, ҷиҳати иҷрои супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба фаъолияти сехҳои дӯзандагӣ ва таъмини онҳо бо мутахассисони касбӣ чораҳои мушаххас андешида шавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло ҳамкориҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ барои амалигардонии Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда чораҳои зарурӣ андешанд.

**6. Рушди соҳаи энергетика**
**(банди 10-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи энергетика, 6.1. Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида, 6.2. Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ, 6.3. Қарзи умумии истифодаи барқ, 6.4. Фоизи талафоти барқ, арзёбӣ гардиданд.**

### 6.1. Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида

Дар соли 2019 барои таъмин намудани аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии ВМКБ қувваи барқ дар ҳаҷми 193,6 млн. кВт/соат қувваи барқ истеҳсол карда шуд, ки ин назар ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 5,3 млн. кВт-соат, ё 2,8 % зиёдтар аст.

Зиёдшавии ҳаҷми қувваи барқи истифодагардида нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Мурғоб +3,1 млн. кВт/с, Дарвоз +2,7 млн. кВт/с, Шуғнон +1 млн. кВт/с, Ванҷ +0,56 млн. кВт/с, Рӯшон +0,3 млн. кВт/с, Хоруғ +0,2 млн. кВт/с ва Ишкошим +0,1 млн. кВт/с-ро ташкил додааст.

Ҳаҷми истифодагардидаи қувваи барқ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияи Роштқалъа -2,8 млн. кВт/с кам гардидааст.

Таҳлили ин нишондиҳанда муайян намуд, ки ҳаҷми истифодаи нерӯи барқ аз ҷониби соҳаҳои саноат 15,3%, кишоварзӣ 21% зиёд гардида, барои рушди соҳаҳои мазкур замина гузоштааст.

Дар вилоят 61 деҳаҳо (2324 хоҷагӣ бо 12248 нафар аҳолӣ) дастрасӣ ба қувваи баркро надоранд, ки ин 4,7 фоизи аҳолии вилоятро ташкил мекунад, ки маълумоти пешниҳодгардида нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир мебошад.

### 6.2. Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ

Дар вилоят ба ҳолати 1 январи соли 2020 таъминоти муштариёнро бо таҷҳизоти замонавии ченкунии сарфиёти барқ зери назорати қатъӣ қарор дода, дар миқёси вилоят 35621 адад ҳисобкунакҳои нави электронӣ васл шудаанд, ки ин 100%-и шумораи умумии муштариёнро дар бар мегирад.

Боиси қайд аст, ки дар вилоят 100% муштариён, шаҳри Хоруғ 100%, ноҳияҳои Дарвоз 100%, Роштқалъа 100%, Шуғнон 100%, Ванҷ 99% ва Рӯшон 94,3% бо ҳисобкунакҳои электронӣ таъмин мебошанд, ки дақиқ баҳисобгирии истифодаи қувваи барқ ба роҳ монда шудааст, ки заминаи таъмини нишондоди рушди энергетика гузошта шудааст.

### 6.3. Қарзи умумии истифодаи барқ

Ба ҳолати 1 январи соли 2020 қарздории дебитории корхонаҳои буҷавӣ дар назди Ширкати "Помир Энерҷӣ" дар маҷмӯъ маблағи 261,5 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 126,7 ҳазор сомонӣ, касалхонаи вилоятӣ - 73,8 ҳазор сомонӣ, касалхонаи дил – 21,0 ҳазор сомонӣ, стансияи ёрии таъҷилии шаҳри Хоруғ – 10,6 ҳазор сомонӣ, касалхонаи марказии ноҳияи Ишкошим – 16,0 ҳазор сомонӣ, касалхонаи марказии ноҳияи Рӯшон - 9,3 ҳазор сомонӣ, қасри фарҳанги ноҳияи Рӯшон – 7,6 ҳазор сомонӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мурғоб – 5,4 ҳазор сомониро ташкил дод.

Қарздории ташкилотҳои тиҷоратӣ бошад дар маҷмӯъ 2,1 млн. сомонӣ, аз ҷумла Корхонаи фаръии об ва ташноби шаҳри Хоруғ – 1,9 млн. сомонӣ ва қарздории аҳолӣ бошад маблағи 2,2 млн. сомониро ташкил дод.

Қарзи мавҷудбудаи истифодаи қувваи барқ ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар шаҳри Хоруғ 5,9 млн. сомонӣ (+0,5 млн. сомонӣ) ва ноҳияҳои Шуғнон 588 ҳаз. сомонӣ (+367 ҳаз. сомонӣ), Рошткалъа 42 ҳаз. сомонӣ (+2,2 ҳаз. сомонӣ) ва Мурғоб 19,9 ҳаз. сомонӣ (12,3 ҳаз. сомонӣ)-ро ташкил додааст, ки нисбат ба аввали соли 2019 зиёд гардида, пурзур намудани фаъолиятро дар ин самт талаб менамояд.

Ҳамзамон, қарзи мавҷудбудаи истифодаи қувваи барқ дар ноҳияи Дарвоз 573 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад, аммо нисбат ба аввали соли 2019 (-66 ҳаз. сомонӣ) кам гаштааст, ки ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Ишкошим 16,8 ҳаз. сомонӣ (-102,2 ҳаз. сомонӣ) ва Ванҷ 146,6 ҳаз. сомонӣ (-53,3 ҳаз. сомонӣ) ташкил медиҳанд.

Қарздории калони маблағи истифодаи қувваи барқ дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Шуғнон, Рошткалъа ва Мурғоб мавҷуд буда, имконияти молиявии таъмини рушди соҳаи энергетикаро маҳдуд гардонидааст.

Мутобиқи маълумоти таҳлилии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон (мактуб муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2020, №3536(27-6)) маблағи қарзи истифодаи нерӯи барқ дар ВМКБ 7,1 млн. сомониро ташкил дода, аз ҳисоби аҳолӣ 2,6 млн. сомонӣ рост меояд.

### 6.4. Фоизи талафоти барқ

Ба ҳолати 1 январи соли 2020 талафоти қувваи барқ дар миқёси вилоят ба 9,9% баробар шуд, ки ин назар ба ҳамин давраи соли 2018 (11,1%) ба андозаи 1,2% камтар мебошад.

Нишондиҳандаи талафоти барқ дар шаҳри Хоруғ 6,55% (-1,2% нисбат ба соли гузашта), дар ноҳияҳои Ванҷ 8,63% (-4,1%), Шуғнон 9,97% (-0,85%), Рошткалъа 9,01% (-0,22%), Дарвоз 8% (-1%), Ишкошим 8,4% (-0,6 %), ва Рӯшон 8,6% (-0,2%) ташкил додааст, ки барои таъмини рушди энергетика шароит фароҳам оварда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ба назар расида, нишондиҳандаи пешбининамудаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 таъмин карда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар ниҳияи Мурғоб 7%-ро ташкил дода, нисбати соли 2018 нишон дода нашудааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазоратҳои энергетика ва захираҳои об ва молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶСП "Помир энерҷӣ" дар якҷоягӣ бо ҷиҳати таъмин намудани аҳолии 61 деҳаҳои ҳудуди вилоят бо нерӯи барқ, кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ, ҳалли масъалаҳои пардохти ҳаққи истифодаи қувваи барқ ва қарзи умумии он аз ҷониби сохторҳои қудратӣ, ташкилотҳои буҷетӣ ва шахсони воқеӣ чораҳои мушаххас андешанд.

## 7.Ҳифзи амнияти озуқаворӣ
## (банди 3, 10 паём)

**Нишондоди пешакии ҳифзи амнияти озуқаворӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 7.1.(7.12) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, 7.2. (7.8, 7.10) Истифодаи оқилонаи обу замин, 7.3. (7.4, 7.5, 7.7, 7,9) Таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ, 7.4 (7.6.) Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ, 7.5 (7.11.) Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ, арзёбӣ гардиданд.**

### 7.1. (7.12) Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ

Дар соли 2019 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи 503214 ҳаз. сомонӣ расонида шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбати соли гузашта 613321 ҳаз. сомонӣ, - 110107 ҳаз. сомонӣ (82%) кам буда, суръати афзоиш таъмин карда нашудааст.

Дар ин давра истеҳсоли гӯшт (бо вазни зинда) 8910 тонна, ки нисбат ба соли гузашта (-1438тонна) кам гардида, маҳсулоти шир 17806 тонна (-3813 тонна), тухм 4046 дона (-1619 дона), пашм 179 тонна (-78 тонна) кам истеҳсол карда шудааст, ки ба суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ таъсири манфӣ расонидааст.

Дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят 95847 сар ҳайвони шохдори калон, ки аз он 40185 сарро модагов, 24525 сар қутос ташкил дода, 322706 сар бузу гӯсфанд, 88383 сар парранда, 295 сар асп, 7030 оилаи занбури асал мавҷуд мебошад. Дар хоҷагиҳои мазкур 30336 сар насли гӯсола ва 150018 сар насли барраю бузғола ба қайд гирифта шудаст.

Нишондиҳандаи баланди истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ин давра дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ нисбат ба соли гузашта дар ноҳияҳои Мурғоб 117,5%, Рӯшон 107% ва Ванҷ 102,2%, таъмин гардидааст.

Нишондиҳандаҳои мазкур дар ноҳияҳои Дарвоз 77,6%, Роштқалъа 76,5%, Шуғнон 76,3% ва Ишкошим 73,8% нисбати соли гузашта кам гардидааст, ки чорводорони ин ноҳияҳоро водор месозад, ки сабабҳои таъмин нагардидани суръати афзоишро мавриди омӯзиш қарор дода, ҷиҳати афзоиш додани маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ бартараф намудани камбудиҳо чораҳои зарурирo пешбинӣ намоянд.

Ҳамзамон, тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2019, №2/7-2899 дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дар даҳ моҳи соли 2019 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли ғалландонагиҳо 6370 тонна, картошка 23477 тонна, сабзавот 9820 тонна, мевагиҳо 9434 тонна, гӯшт 4476 тонна, шир 12848 тонна, тухм 2723 ҳазор дона, пашм 172 тонна, асал 74 тонна ва истеҳсоли моҳӣ 44,3 тоннаро ташкил медиҳад, ки ҳамаи нишондиҳандаҳои истеҳсоли нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам мебошад.

Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 356,4млн. сомонӣ баробар гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 16,3 фоиз коҳиш ёфтааст, аз он ҷумла истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ 21,5 фоиз ва чорводорӣ 8,8 фоиз кам шудааст.

Меъёри физиологии истеъмоли озуқа ба 1 нафар маҳсулот дар соли 2019 таъмин карда нашудааст, аз ҷумла маҳсулоти картошка 92,3% (84,9 кг), гӯшт 95,6% (39 кг), орд 8% (11,9 кг), сабзавот, полезиҳо 23,3% (38,7 кг), меваю ангур 60,2% (74,7 кг), шир 56,2% (64,8 кг), тухм 9,8% (17,7 дона), моҳӣ 2,3% (0,21 кг), асал 11,5% (0,37 кг) ва равған 9,9% (1,6 кг) ташкил додааст.

Нисбати соли гузашта меъёри истеъмоли озуқа ба 1 нафар аҳолӣ маҳсулоти орд -8,5 кг, картошка -31,1 кг, сабзавот, полезиҳо -3,6 кг, меваю ангур -1,4 кг, гӯшт -6,9 кг, шир -15 кг, тухм -7,4 дона, моҳӣ -0,03 кг, асал -0,19 кг ва равған -0,3кг кам гардидааст, ки барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли онҳо чораҳои иловагӣ бояд андешид.

### 7.2. (7.8, 7.10) Истифодаи оқилонаи обу замин

### 7.8. Ҳолати ҷамъоварии маблағҳои ҳаққи хизматрасонии истифодаи оби полезӣ ва ҳаҷми қарздорӣ аз пардохти он (банди 34 паём, ҚҲҶТ “Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” аз 30.01.2019 с., №39, банди 34);

Мувофиқи маълумотҳои дастрасгардида дар соли 2019, дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят, азхудкунии заминҳои нав ва бекорхобида бо сабаби маблағгузорӣ нагардидани Барномаи азхудкунии заминҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2028 ягон кор ба анҷом расонида нашудааст.

Дар ноҳияи Дарвоз бо мақсади ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва азхудкунии заминҳои нав дар доираи Барномаи мазкур дар ноҳия 34 га заминҳои боир мавҷуд буданд, ки ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шудаанд. Аз ҷумла, 2 га ба Ҷамоати деҳоти Сағирашт, 6 га дар Ҷамоати деҳоти Нулванд ва 28 га дар Ҷамоати деҳоти Қалъаихум ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Ванҷ бо қарори раиси ноҳия оиди ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ва дигар намуди заминҳои дар гардиши кишоварзӣ истифоданашаванда, 8,71 га ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуд. Инчунин майдони 0,5 га заминҳои партови муассисаи давлатии хоҷагии ҷангалӣ ноҳия ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуданд.

Дар ноҳияи Рошткалъа 33 хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) 6 хоҷагии деҳқонии инфродӣ фаъолият менамоянд. Соли ҷорӣ дар майдони 1355 гектар кишти зироати хоҷагии қишлоқ гузаронида шуда, аз ин 439 га ғалла ва лубиёгиҳо, 272 га картошка, 72 га сабзавот, 504 га ба хӯроки чорво рост меояд. Соли 2019 аз ҳисоби заминҳои боир дар ҳудуди водии Ҷавшангоз аз тарафи алоҳида хоҷагии деҳқонӣ-фермерӣ 9 га замини боир obод гардонида чун заминҳои корами обӣ ба гардиши кишоварзӣ ворид карда

шуданд. Дар ин давра кишоварзони ноҳия 1,5 га боғи нав ва 5 га боғҳои куҳнаро аз нав барқарор карданд.

Дар ҳудуди ноҳияи Рӯшон 83 га заминҳои партов (боир), аз ҷумла 65 га замини обӣ ба қайд гирифта шудааст ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани онҳо яке аз вазифаҳои асосии рушди соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Дар деҳаи Спонҷ азхудкунии заминҳои нав дар масоҳати 26 га идома дорад.

Дар ноҳияи Шуғнон ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва азхудкунии заминҳои нави обёришаванда дар мавзеи дашти Шитами Ҷамоати деҳоти Вер ба ҳолати соли 2019 ба маблағи 240,0 ҳазор сомонӣ ба масоҳати 10 га барқарор карда шуд.

Дар ноҳияҳои Мурғоб ва Ишкошим дар давраи ҳисоботи ба гардиши кишоварзи ворид намудани заминҳои бекорхобида ва азхудкунии заминҳои нав ба қайд гирифта нашудааст.

Вобаста ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва азхудкунии заминҳои нав дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ маълумоти дарҷ нагардидааст.

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 17 адад Ассотсиатсияи истифодабарандагони об ба таври расмӣ ба қайд гирифта шуда, дар ихтиёрӣ худ 2963 га замин доранд. Аз ҷумла дар ноҳияи Дарвоз 137га, Ванҷ 982га, Рӯшон 910га, Шуғнон 446га, Роштқалъа 208га, Ишкошим 280га ташкил медиҳад. Дар вилоят ҳамагӣ бо Ассотсиатсияи истифодабарандагони обҳо 14 шартнома баста шудааст.

Ҳамзамон, фаъолияти на ҳамаи Ассотсиатсияи истифодабарандагони об қаноатбахш аст, чунки ҳамкорӣ дар ин соҳа дида намешавад. Масъалаи беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти Ассотсиатсияи истифодабарандагони об дар ноҳияҳои вилоят дар сатҳи мақомотҳои маҳалли дида баромада шуда, нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати расонидани кумак таҳия гардиданд.

Дар мавсими соли 2019 пардохти ҳақи истифодаи оби полезӣ мувофиқи шартномаи шӯъбаи беҳдошти замин ва обёрии вилоят бо хоҷагиҳои кишоварзӣ ба маблағи 187979 сомонӣ муайян шуда, то охири сол ин маблағ пурра пардохт карда шуд. Бояд қайд кард,ки аз ҳисоби пардохти ҳаққи химзматрасонии истифодаи оби полезӣ то ҳамин муддат қарздорӣ мавҷуд нест.

### 7.3. (7.4, 7.5, 7.7, 7,9) Таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ

### 7.3 Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ (банди 29 паём)

Бояд тазаккур дод, ки мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009 №413 дар соли 2019 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон се хоҷагии тухмипарварӣ ташкил карда шудааст. Дар ноҳияи Ванҷ хоҷагии деҳқонии «Ванҷ», ноҳияи Рӯшон хоҷагии деҳқонии «Рӯшон», ки самти истеҳсоли тухмии ғалладонагиҳо ва

дар ноҳияи Шуғнон хоҷагии деҳқонии «Дзержинский» самти истеҳсоли тухмии картошка фаъолият намуда истодаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки тайи се соли охир хоҷагиҳои номбурда бо тухмии хушсифати картошка аз тарафи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин нагардидаанд.

Барои мавсими кишту кори баҳорӣ соли 2019 тавассути БҶИИМК-и Хазинаи Оғохон ба миқдори 85 тонна тухмии картошка ба маблағи 285 ҳазор сомонӣ барои хоҷагиҳои ноҳияҳои вилоят дастрас гардид.

Ҷиҳати омодагӣ ба мавсими кишту кори баҳории соли 2020 ба ҳолати 1 октябри соли 2019 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят 813 тонна ғалладонагиҳо ва 2960 тонна картошка захира шудааст.

Кишоварзони ноҳияи Ванҷ дар соли 2019 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 1488 га кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз он ҷумла дар майдони 521 га кишти зироатҳои ғаллагӣ, 491 га кишти картошка,189,5 га кишти сабзавот, дар майдони 2 га зироатҳои полезӣ ва дар майдони 284,5 га кишти зироатҳои хуроки чорво гузаронидаанд.

Дар ноҳияи Дарвоз соли соли 2019 кишоварзони ноҳия дар майдони 1438 (2054) гектар кишти ғалладонагӣ, 150 (319) гектар картошка, 74 (90) гектар сабзавот, 854 (518) гектар хӯроки чорво кишоварзон кишт гардид. Аз майдонҳои киштгардида, 2003 (4237) тонна картошка,1048 (1636) тонна сабзавот,516 (2219) тонна ғаладонагиҳо рӯёнида шудаст, ки кишт ва ҳосилнокӣ нисбат ба соли 2018 дар сатҳи паст қарор доранд.

Дар ноҳияи Ишкошим дар соли 2019 кишти зироатҳои кишоварзӣ дар майдони 2512 га гузарониданд, ки аз он 1590 га ғалла ва лубиёгӣ, 353 га картошка, 39 га сабзавот ва боқимонда 530 га хӯроки чорворо ташкил медиҳад, пас аз ҷамъоварии ҳосил дар соли 2019 дар ноҳия 20638 сентнер ғалладонагиҳо, 44260 сентнер картошка, 5960 сентнер сабзавот ба даст омад.

Бо қарори раиси ноҳияи Рӯшон аз 11 июни соли 2010, № 132 «Оид ба азнавташкилдиҳии хоҷагии деҳқонии «Рӯшон» мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2006, № 1775 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба азнавташкилдиҳӣ ва ислоҳоти ташкилотҳои кишоварзӣ» барҳам дода шуда, дар заминаи он 508 хоҷагии инфиродии оилавӣ ташкил ва қисми зиёди онҳо ба Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонии «Рӯшон» аъзо шуданд. Парваришгоҳҳо, қитъаҳои тухмиафзункунӣ аз сабаби дастрас нашудани тухмиҳои элитӣ, дар ин хоҷагӣ ташкил нашудаанд.

Дар ноҳия шуъбаи картошкапарварии Стансияи таҷрибавии истеҳсолии «Помир»-и Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон фаъолият карда истодааст. Ин муассиса дар самти санҷиш, мутобиққунӣ ва ноҳиякунонии тухмиҳои навъҳои нави картошка, сабзавот ва ғалладонагиҳо корҳои илмӣ- тадқиқотӣ бурда истодааст. Стансия соли 2019 дар майдони 1,1 га кишти зироатҳои хоҷагии қишлоқро гузаронид. Дар майдони 0,10 га 9 намуди картошка, 0,01 га сабзи, 0,01 га пиёз барои мутобиқшавӣ ва таҷрибаомӯзӣ дар майдони 0,60 га замини худӣ ва 0,38 га

майдони замини ба иҷора гирифташуда, картошкаи тухмии нав “Вомар”-ро кишт намуд.

Дар ноҳияи Роштқалъа мавсими кишту кори соли 2019 барои сокинони ҷамоатҳои деҳоти ноҳия ба миқдори 20 тонна картошкаи тухмӣ аз тарафи БҶИИМК–и ВМКБ дастрас карда шуд ва барои нигаҳдории тухмии картошка дар деҳаыои Шошбувад, Сежд, Нимос,Шохиризм ,Бидизи боло таҳхона барои нигаҳдории тухмии картошка сохта шуда ба истифода дода шудаанд. Инчунин бо дастгирии барномаи паст намудани сатыи камбизоатии БҶИИМК – и ВМКБ дар деҳоти Сежд ба миқдори 3870кг тухмии ҷавдор,3000кг тухмии ҷавмушук, 6000кг аммофос, 2000кг карбомид, 13 кг тухмии сабзи, 13 кг тухмии лаблабу, 27 кг тухмии юнучқа ва 8 кг тухмии сирпиёз ба таври ройгон ба оилаҳои камбизоат дода шуд

Дар ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Шуғнон ва Мурғоб маълумот вобаста ба масъалаи мазкур дарҷ нагардидааст.

Дар самти рушди соҳаи тухмипарварӣ ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ВМКБ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳбудиро талаб менамояд.

### 7.4. Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда (банди 29 паём)

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 45 адад гармхона дар масоҳати 0,34 гектар ташкил гардида, мавсимӣ буда, нисбати 9 моҳаи соли 2019 ин нишондод бетағйир мебошад. Дар онҳо парвариши кабудӣ ва тайёр намудани кӯчати барвақтии сабзавот ба роҳ монда шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Ванҷ 9 адад дар майдони 720 м$^2$ (0,08 га), Хоруғ дар майдони 250 м$^2$, ноҳияи Рӯшон 9 адад гармхона дар майдони 1160 м$^2$ , ноҳияи Ишкошим 600 м$^2$, ноҳияи Роштқалъа 3 адад дар майдони 32 м$^2$, Шуғнон дар майдони 60 м$^2$, ноҳияи Дарвоз 3 адад гармхонаҳо барои кишти сабзавоти барвақтӣ фаъолият мекунанд.

Дар ноҳияи Ишкошим тибқи нақша дар соли 2019 ташкил намудани гармхонаҳо дар назар дошта шудааст .

Фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ванҷ, Хоруғ, Ишкошим, Рӯшон ва Дарвоз барои таъмини аҳолии ноҳияҳо бо сабзавоти тару тоза дар сатҳи муайян ташкил карда шуда, дар боқимонда ноҳияҳо барои пешбурди самти мазкур тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намудан лозим аст.

Дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Мурғоб оид ба банди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

Бояд қайд намуд, ки маълумотҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Ванҷ, Хоруғ, Ишкошим, Рӯшон ва Дарвоз вобаста ба банди мазкур нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир мебошад.

### 7.5. Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ (банди 29 паём)

Мувофиқи маълумоти пешниҳодгардида дар сарҳади давлатӣ ва наклиёти вилоят тавассути нуқтаи назорати давлатии бехатарии озуқаворий «Тем»-и шаҳри Хоруғ 1 сертификати фитосанитарӣ барои 73 тонна орди гандум тааллуқ ба корхонаи "Анҳор" ба давлати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон содирот гардидааст, ки нисбати соли гузашта ин нишондиҳанда 4 тонна кам гардидааст, фаъолияти босамари масъулини мақомоти болозикрро ҷиҳати пешбурди фаъолият талаб менамояд.

Дар асоси сертификати Кумитаи бехатарии озуқаворий назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ҶДММ «Тоҷик Интиқол» дар соли 2019 62016 дона пӯсти коркардашудаи ҳайвони шохдори калон, тариқи наклиёти автомобилӣ ба Ҷумҳурии Халқии Хитой, бо риояи талаботҳои бойторию - санитарӣ, тавассути гузаргоҳи сарҳадии «Кулма»-и ноҳияи Мурғоб содирот карда шудааст.

Дар асоси сертификат ба соҳибкор Азизхоҷаев Ш. барои содирот намудани 70 оилаи занбури асал аз шаҳри Душанбе ва ба соҳибкор Давлатхоҷаев А. барои содирот намудани 165 оилаи замбури асал аз шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Баҳор тавассути гузаргоҳи «Рузвай»-и ноҳияи Дарвоз ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон иҷозат дода шудааст.

Инчунин аз ҷониби ташкилоти Фонди Оғохон 182 оилаи занбӯри асал тавассути гузаргоҳи «Рузвай»-и ноҳияи Дарвоз, 54 оилаи занбӯри асал тавассути гузаргоҳи «Хумроғи»-и ноҳияи Ванҷ ва 81 оилаи занбӯри асал ба воситаи гузаргоҳи «Тем»-и шаҳри Хоруғ аз ноҳияи Файзободи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон содирот карда шудааст.

Дар асоси сертификати сифат, ҶДММ-и Иттифоқи хоҷагии қишлоқ "Водии заррин"деҳаи Ҳилолик Гулрез-и ноҳияи Хурусон-и вилояти Хатлон,тахти деклоратсияи гумрукӣ 5767 кип, вазни холисаш 960 тонна, 718кг нахи пахтарро ба шаҳри Гонконг-и Ҷумҳурии Хитой, таввасути гузаргоҳи сарҳадии «Кулма»-и нохияи Мурғоб интиқол дода шудааст.

Маҳсулотҳои кишоварзи давоми соли 2019 ба бозорҳои марказии вилоят аз ноҳияи Дарвоз танҳо аз ҳисоби истеҳсоли картошкаи барвақтӣ 100 тонна картошка ва 25 тонна мева ва дигар намуди сабзавотҳо 10 тонна, ноҳияи Ванҷ 665 тонна картошка, 1373 тонна сабзавот, 6243 тонна мева, ноҳияи Ишкошим 22 тонна картошка содирот гардид.

Аз ноҳияҳои Рӯшон, Шуғнон, Рошткалъа ва Мурғоб содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба роҳ монда нашудааст.

## 7.7.Бунёди боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо (банди 31 паём)

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №793 «Дар бораи Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» дар давраи ҳисоботӣ, дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидории вилоят дар майдони 37,42 гектар боғҳои нав бунёд гардида, 54,3 гектар боғҳои куҳна аз нав барқарор гардидаанд. Аз майдони умумии боғҳои нав 1,87 гектар боғи интенсивӣ ташкил медиҳанд.

Дар ноҳияи Ванҷ 11,67 га боғҳои нав, 12,2 га боғҳои кӯҳна барқарор шуда, 1,87 га боғи интенсивӣ бунёд гаштанд, аз ҷумла дар ноҳияҳои Дарвоз 4 га боғи нав ва 9,0 га боғи кӯҳна барқарор, Ишкошим 7,6 га боғи нав ва 6 га боғҳои кухна барқарор, Рӯшон 8,65 га боғи нав ва 10,1 га боғи кӯҳна барқарор ва дар Шуғнон бошад 4 га боғи нав бунёд ва 12 га боғи кухна барқарор карда шудааст.

Инчунин, моҳи апрели соли 2019 дар маркази шаҳри Хоруғ ярмаркаи фурӯши ниҳол, гул, тухмии зироатҳои кишоварзӣ баргузор гардида, дар чорабинии мазкур ба микдори 25,3 ҳазор бех ниҳолҳои мевадиҳанда ва ороишӣ, 30 намуди кучати гул,10 намуди тухмии сабзавот, 10 тонна тухмии картошка аз тарафи хоҷагиҳои ниҳолпарварии вилоят ва алоҳида соҳибкорон ба фурӯш бароварда шудааст.

Бо дастгирии Вазорати кишоварзии мамлакат барои пешгирии ҳашаротҳои зараррасон ба микдори 200 литр доруҳои заҳрхимикат дастрас гардида, ба ноҳияҳои вилоят тақсим карда шудааст.

Дар соли 2019 ҷиҳати бартараф намудани ҳашарот (зариндумболи туркистонӣ) бо супориши муовини Раиси вилоят Филиали кормандони муассисаи муҳофизати растаниҳо ба ноҳияи Рӯшон сафарбар карда аз тарафи мутахассисони соҳа бо заҳрдоруи Агро Би-58 ва Карат Буз 5%, дар майдони 10 гектар боғҳои мевадиҳанда ва ороишӣ коркарди кимёвӣ гузаронида шуданд.

Ҳамзамон, ҷиҳати зиёд паҳн нагардидани ҳашаротҳои зараррасон ва касалиҳо, мувофиқи имкониятҳо ба ноҳияи Дарвоз ва Ванҷ 25 литр заҳрдоруҳо ҷудо гардидааст.

Дар замимаи ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо Мурғоб маълумоти муфассал дарҷ нагардида, маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Рӯшон, Роштқалъа , Шуғнон , нисбат ба 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

Мутобиқи маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2019, №3/5-4731(9.35) дар 9 моҳи соли 2019 735га заминҳои корам аз гардиши кишоварзӣ берун монданд, ки нисбати соли 2018+543га зиёд гардидааст.

Ҳамзамон, 45 га замин ба гардиши кишоварзӣ ҷиҳати бунёди боғу токзорҳо ворид карда шудааст (аз он 45 га замини обӣ), ки нисбати соли 2018 +4 га зиёд мебошад.

### 7.9. Рафти иҷрои барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаҳои кишоварзӣ (банди 30 паём)

Дар ноҳияи Роштқалъа бо дастгирии дастгирии бо Барномаи ҷонибдории инкишофи иҷтимоии манотиқи кухистони Хазинаи Фонди Оғохон 50 сар гусфандони маҳинпашм ба маблағи 63,0 ҳазор сомонӣ ва 24 сар бузҳои зоти кашмири ба маблағи 24,0 ҳазор сомонӣ дастраси сокинони ҷамоатҳои деҳоти Барвоз ва Сежд гардиданд.

Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани барномаҳои соҳаҳои кишоварзӣ дар ноҳияҳои Ванҷ ва Дарвоз як қатор корҳо иҷро шуда бошанд ҳам, вале дигар барномаҳои соҳавӣ дар сатҳи зарурӣ иҷро нагардидаанд.

Дар ноҳияҳои Ишкошим, Шуғнон ва Рӯшон аз сабаби саривақт ҷудо нагардидани маблағҳои пешбинишуда аз тарафи вазорату идораҳои дахлдор на ҳама вақт ба пуррагӣ ва мақсаднок амалӣ мегарданд.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ маълумоти муфассал дарҷ нагардида, маълумотҳои ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Ишкошим, Рӯшон ва Шуғнон нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондаанд.

Вобаста ба иҷроиши банди 30 паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят маълумоти муфассал пешниҳод накардааст, ки дар ин раванд масъулияти шахсони масъули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо баланд бардошта шавад.

Бинобар ин ба ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалигардонӣ ва иҷрои босифати барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаҳои кишоварзӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад.

### 7.4 (7.6.) Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ

### 7.6. Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ (банди 3, 29 паём);

Дар ҳудуди вилоят барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ 29 анборхона бо иқтидори 1485 тонна ва 3 адад сардхонаи замонавӣ бо иқтидори 299 тонна мавҷуд буда, дар ҳолати коршоям қарор доранд, ки асосан барои захираи маҳсулоти кишоварзӣ бахусус картошка, меваю сабзавот истифода бурда мешаванд. Ба ҳолати имруза дар ноҳияҳои Рӯшон 3 адад, Шуғнон 1 адад ва Роштқалъа 1 адад, Ванҷ 1 адад ва шаҳри Хоруғ 1 адад сардхона ба қайд гирифта шудааст.

Аз тарафи Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ дар деҳаи Дерзуди Ҷамоати деҳоти Назаршо Додихудоеви ноҳияи Рӯшон барои захираи махсулоти кишоварзӣ сохтмони 1 адад маркази логистикӣ идома дорад.

Дар ноҳияҳои Дарвоз, Мурғоб, ва Ишкошим дар соли 2019 сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ ташкилу бунёд нагардидаанд.

### 7.5 (7.11.) Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ

Дар мавсими соли 2019 дар майдони 10514 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст, ки аз он зироатҳои ғалладонагӣ майдони 4443 гектар, картошка 1999,2 гектар, сабзавот 670 гектар, полезиҳо 2 гектар ва хӯроки чорво 3399,8 гектарро ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта, аз ҷумла майдони кишти сабзавот +12 га зиёд гардида, майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ -1329,5 га, зироатҳои ғалладонагӣ -948 га, картошка -664,3 га ва полезиҳо -5 га кам гардидааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини истифодаи оқилонаи обу замин ва ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои бекорхобида тадбирҳои мушаххас андешанд.

Дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидории вилоят дар маҷмӯъ 194 адад тракторҳои гуногунтамға, 90 адад ядакҳои тракторӣ, 175 адад испорҳо, 28 адад култиваторҳо, 48 адад сихмола дар ҳолати дурусти техникӣ қарор дошта, барои мавсими кишту кори баҳорӣ зироатҳои кишоварзӣ омодаи кор мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ нисбати нӯҳмоҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

Ҷиҳати гузоштани заминаи боэътимод барои мавсими соли 2020 дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидории вилоят дар майдони 271 гектар кишти тирамоҳӣ ва 3515 гектар шудгори тирамоҳии зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шуд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои хориҷӣ барои таъмини суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, истифодаи оқилонаи обу замин ва ба гардиши кишоварзӣ даровардани заминҳои бекорхобида, таъминот бо тухмиҳои хушсифат, бунёди гармхонаҳои банақшагирифташуда дар соли 2019 ва таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, бунёди боғу токзор дар доманакӯҳҳо, амалигардонии барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаи кишоварзӣ ва пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва татбиқи сиёсати давлатии соҳаи кишоварзӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амнияти озуқаворӣ" ҷиҳати рушди интенсивии соҳаи кишоварзӣ хусусан гандум, картошка ва зироатҳои равғандеҳ ва маҳсулоти тухм ҷорӣ намудани технологияҳои нав мусоидат намоянд.

## 8. Рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ (банди 87-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4) Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ, 8.2. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат арзёби гардиданд.**

**8.1.** (8.1, 8.2, 8.3, 8.4) **Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ**

**8.1. Таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо дар назардошти рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ**

Мувофиқи маълумоти пешниҳодгардида дар шаҳри Хоруғ 31 ҳазор аҳолӣ истиқомат мекунанд ва ба ҳолати имруза 85%-и аҳолӣ бо оби ошомидани таъмин мебошанд. Системаи обтаъминкунӣ дар шаҳри Хоруғ аз се манбаъ ворид мешавад, аз ҷумла хати обгузари Боғевдара аз ноҳияи Шуғнон дар масофаи 13,2 км бо қубури диаметраш 500 мм, манбаи дуюм аз ноҳияи Рошткалъа ба масофаи 11 км бо қубури диаметраш 250 мм ва манбаи сеюм аз чашмаи Хуфак бо қубури 150 мм ворид мешавад.

Ба ғайр аз ин дар шаҳри Хоруғ чоҳи амудӣ бо насоси обкаш, тавассути қубури диаметраш 120 мм амалӣ мегардад. Инчунин дар шаҳр чор обанбор мавҷуд буда, ҳаҷми об дар онҳо 8000 м$^3$ ташкил медиҳад. Хати коррезӣ дар шаҳри Хоруғ ба масофаи 15 км вуҷуд дошта, бо қубурҳои диаметраш 500 мм амалӣ мегарданд.

Корҳои сохтмонӣ дар хати оби нушокӣ аз маҳаллаи Дашти боло то маҳаллаи Хичордев ба масофаи 1800 метр бо қубурҳои диаметраш 160 мм аз тарафи ҶДММ «Помирэнергосервис» дар моҳи майи соли 2019 мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд. Дар моҳи ноябри соли 2019 дар маҳаллаи Табобатхонаи ш. Хоруғ барои таъмин намудани сокинони маҳал бо оби нӯшокӣ ду пойгоҳи обкаш бо қубурҳои диематраш 65 мм васл карда шуданд.

Дар шаҳраки Ваҳдати ноҳияи Шуғнон 2 чоҳи амудӣ сохта шудаанд, ки аз онҳо барои обтаъминкунии маркази ноҳия об тавассути қубурҳои диаметраш 150 мм ба масофаи 800 метр интиқол дода мешавад. Инчунин дар маркази маъмурии ноҳияи Шуғнон шаҳраки Ваҳдат бо шабакаи муҳандисии беруна, яъне ҳавзи ахлотпартои муваққатии сохташуда пайваст шудааст, ки ба талаботи ҳозира ҷавобгӯ намебошад. Тибқи нақшаи тасдиқгардида ҳавзи ахлотпарто дар деҳаи Барчид ба нақша гирифта шудааст, ки масофаи зиёда аз 3 километрро ташкил медиҳад. Бо сабаби муайян нагардидани сарчашмаи маблағгузорӣ, айни ҳол сохтмони ҳавзи ахлотпарто оғоз нагардидааст.

Системаи обтаъминкунии маркази ноҳияи Рӯшон аз ду манбаъ иборат мебошад. Манбаи якум аз сойи Вомардара бо қубури диаметраш 250 мм ва манбаи дуюм аз оби чашмаи Вомардара бо қубури диаметраш 160 мм ба ҳавзи обтаъминкунӣ ҷорӣ мешавад.

Дар ноҳияи Ванҷ шабакаи оби маркази ноҳия аз ду обанбор бо ҳаҷми 500 м$^3$ бо ду адад хати оби нӯшокӣ диаметраш 200 мм, ду адад хати оби нӯшокӣ диаметраш 150 мм ва 1 адад хати оби нӯшокӣ диаметраш 100 мм иборат мебошад.

Дар маркази ноҳияи Дарвоз 2 ҳавзи обтаъминкунӣ бо ҳаҷми 70 м$^3$ вуҷуд доранд, ки барои обтаъминкунии маркази ноҳия сохта шудаанд. Об тавассути қубурҳои диаметраш 100 мм ҷорӣ мешавад ва сарчашмаи он аз деҳаи Хушарвак буда, дарозии он 4,5 километрро ташкил медиҳад. Айни замон аз дарёи Хумбов дар масофаи 6 км барои маркази ноҳия ва деҳаи

Даштак хатти оби нушокӣ аз тарафи БҶМИИК-и Хазинаи Оғохон бо маблағи 740 ҳазор сомонӣ бо қутри 75 мм корҳои сохтмонӣ пурра ба иҷро расонида шуда, мавриди истифодабарӣ қарор дода шудааст.

Дар асоси Нақшаи генералии маркази ноҳияи Ишкошим зичии аҳолии марказ дар дурнамо 8 ҳазор нафар ба нақша гирифта шуда, айни замон аҳолии маркази ноҳия зиёда аз 3,5 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Шабакаҳои муҳандисӣ дар маркази ноҳия ба талаботҳо ҷавобгӯ набуда, хати коррезӣ (канализатсия) умуман вуҷуд надорад ва хати обтаъминкунӣ дар даврони собиқ иттиҳоди шуравӣ сохта шудааст. Бояд қайд намуд, ки айни ҳол обанборҳои асосӣ ва ҳавзҳои обтозакунии маркази ноҳия дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, дар сурати баланд шудани сатҳи об дар маҳаллаҳои маркази ноҳия ба тариқи реҷа об таъмин карда мешавад.

Айни замон корҳои лоиҳакашии хати коррезӣ (канализатсия) ва хати обтаъминкунии ноҳияи Ишкошим аз тарафи ҶСК «Коррезлоиҳа» оғоз гардидаанд. Корҳои аксбардорӣ ва топографӣ ба анҷом расидаанд.

Системаи обтаъминкунии маркази ноҳияи Роштқалъа аз мавзеи Чағинс тавассути қубури диаметри 200 мм оғоз гардида, ба масофаи 1,5 км то маркази ноҳия давом мекунад. Бояд қайд намуд, ки мувофиқи Нақшаи генералӣ сохтмони хати коррезӣ ба масофаи 4 ҳазору 350 метр ба нақша гирифта шудааст.

Маркази ноҳияҳои Рӯшон, Ванҷ, Дарвоз, Роштқалъа ва Мурғоб шабакаи умумии коррезӣ ва обсофкунӣ надоранд.

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақмоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон, Дарвоз, Ишкошим ва Роштқалъа нисбати нуҳ моҳи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст

### 8.2. Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба як сари аҳолӣ

Оид ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2019 қайд кардан зарур аст, ки дар ноҳияи Ишкошим 14 адад ба маблағи 450,0 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Роштқалъа 50 адад ба маблағи 1300,0 ҳазор сомонӣ, ва шаҳри Хоруғ 140 адад ба маблағи 7019,0 ҳазор сомонӣ манзилҳои зист ба истифода дода шудаанд.

Аз ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон ва Шуғнон маълумот пешниҳод нагардида ҷиҳати истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба як сари аҳолӣ дар асоси таъмини нишондиҳандаи БМР барои солҳои 2016-2020 бахри амалӣ намудани он чораҳои мушаххас бояд андешид.

Ба кор андохтани фондҳои асосӣ, аз ҷумла хонаҳои истиқоматӣ дар ноҳияи Рӯшон 1,6 ҳаз. м$^2$, ноҳияи Ишкошим 8,6 ҳаз. м$^2$, ноҳияи Роштқалъа 0,004 ҳаз.м$^2$, ноҳияи Дарвоз 8,1 ҳаз. м$^2$ ва ноҳияи Мурғоб 720 м$^2$–ро ташкил медиҳад, ки барои таъмини аҳолӣ бо манзили зист шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Нишондиҳандаи болозикр дар замимаи ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ванҷ ва Шуғнон дарҷ нагардидааст.

**8.3. Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти бунёди иншооти ҷашнӣ (банди 65 паём)**;

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059” ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори раиси вилоят аз 8 июни соли 2018, №173 ва Нақшаи чорабиниҳо иборат аз 399 банд бо арзиши умумии 243226,8 ҳазор сомонӣ таҳия ва тасдиқ гардида, ба ҳолати охири соли ҷорӣ аз бандҳои умумӣ (199 банд) ба маблағи 69,5 млн. сомонӣ пурра иҷро гардида, дар 170 банд корҳо идома ёфта истодааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят сохтмони 27 адад бинову иншоотҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳо ва дигар идораҳои ҷумҳуриявӣ ба маблағи 75,5 млн. сомонӣ ба анҷом расидааст, ки 31 фоизро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумотҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят дар шаҳру ноҳияҳои Рӯшон 114, Дарвоз 96 адад, Ванҷ 81 адад, Ишкошим 70 адад, Хоруғ 67 адад, Рошткалъа 61 адад, Мурғоб 38 адад ва Шуғнон 30 адад иншоот ба нақша гирифта шудааст.

**8.4. Вазъи таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, дараҷаи қонеъ гардонии муроҷиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ**

Дар вилоят шумораи муроҷиати шаҳрвандон оид ба ҷудо намудани қитъаи замин дар соли 2019, 748 ададро ташкил дода, шумораи дархостҳои қонеъкардашуда 232 адад ва қитъаи замини ҷудокардашуда 9,62 гектарро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, маълум гардид, ки муроҷиати шаҳрвандон оид ба ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар ноҳияи Ишкошим +120 (281) адад нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад, ки ин нишондод дар шаҳру ноҳияҳои Ванҷ +100 (173) адад, Хоруғ +75(145) адад ва Рӯшон +70 (249) ададро ташкил додааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Дарвоз -6 (111) адад, кам ба қайд гирифта шудааст.

Дар соли 2019 дар шаҳри Хоруғ ҳамагӣ 212 адад парвандаҳои танзими замин тайёр карда шудааст, ки аз онҳо 115 парванда оиди сохтмони хонаи истиқоматӣ, 115 вобаста ба замини наздиҳавлигӣ, 64 адад оиди ҷудо намудани китъаи замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ, 10 хоҷагиҳои деҳқонӣ, 17 сохтмони ҳаргуна иншоотҳо, 23 иншооти вобастакуниро ташкил медиҳанд.

Ноҳияи Дарвоз вазъи таъминоти аҳолии ноҳияро бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ зери назорат қарор дода, дар соли 2019, 215 (188) адад ариза оид ба масъалаи ҷудо намудани замин ворид гардидааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 27 адад зиёдтар ворид гардидааст, ки 114,3

фоизро ташкил дода, муроҷиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар доираи қонунҳои амалкунанда баррасӣ карда шудаанд.

Дар ноҳияи Рӯшон дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.12, №109 барои 417 хоҷагӣ майдони 24,6 га замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ ба оилаҳои эҳтиёҷманд ҷудо гардидааст. Дар давраи ҳисоботи ба 401 оила, 23,12 га қитъаи замин аз тариқи қуръапартоӣ тақсим карда шудааст, ки шумораи муроҷиати шаҳрвандон оид ба ҷудо намудани қитъаи замин барои хонаҳо ва наздиҳавлигӣ дар соли 2019 310 адад, шумораи дархостҳои қонеъкардашуда 160 адад ё 51,6% ва қитъаи замини ҷудокардашуда, 3 га-ро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Шуғнон 34,7га замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ба оилаҳои эҳтиёҷманд ҷудо гардид.

Дар соли 2019 ноҳияи Ишкошим дар маҷмӯъ 346 нафар шаҳрвандон бо дархостҳои хаттӣ оид ба ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ муроҷиат намуданд, ки аз ин шумора дархости 325 нафар қонеъ карда шуд.

Дар ноҳияи Роштқалъа 17,86 га заминҳо ба 345 оилаҳои эҳтиёҷманд барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ҷудо гардид, ки аз онҳо 117 оилаҳои эҳтиёҷманд ба сохтмон шуруъ намудаанд, ки нисбати нуҳ моҳи соли ҷорӣ бе тағйир боқӣ мондааст.

Инчунин, дар ноҳияи Мурғоб барои сохтмони хонаи истиқоматӣ майдони 3,57 га замин ҷудо шудааст, ки майдони 0,22 га қитъаи замин вобаст карда шудааст.

Дар боқимонда шаҳру ноҳияҳои вилоят вобаста ба таъмин намудани аҳолии ноҳия бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ низ чораҳои дахлдор андешида шуда, ҳангоми баррасии аризаҳо оид ба замин дар доираи талаботҳои қонунҳои амалкунанда арзу муроҷиатҳоро дида баромада, талаботи шаҳрвандон қонеъ карда мешаванд.

**8.2. (8.5) Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат**

**8.5. Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат (Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19);**

Дар соли 2019 дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон шумораи оилаҳои ба сохтмони манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд 451 нафар буда, барои иҷрои корҳои сохтмонӣ маблағи 45,7 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст. Шумораи оилаҳои ба таъмири манзил ниёзманд 457 нафар буда, барои корҳои таъмирӣ маблағи 79,7 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст.

Ин нишондод дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ 130 нафар ба сохтмони манзилҳои истиқоматӣ ниёзманд, дар ноҳияҳои Ванҷ 84 нафар, Ишкошим 76 нафар, Шуғнон 56 нафар, Мурғоб 48 нафар, Роштқалъа 24 нафар,

Дарвоз 18 нафар ва Рӯшон 15 нафарро ташкил дода, масъалаи дастгирии оилаҳои ниёзманд зери назорати доимӣ қарор дорад.

Ҳаҷми маблағҳои ҷудогардида барои дастгирӣ ба оилаҳои ниёзманд дар шаҳри Хоруғ 17,0 ҳазор сомонӣ, ноҳияҳои Рӯшон 30,0 ҳазор сомонӣ ва Шуғнон 408,0 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рошткалъа, Ишкошим ва Мурғоб дар самти сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат дар ин давраи ҳисоботӣ корҳо амалӣ нагардидаанд, ки барои дастгирии оилаҳои ниёзманд ва ҷалби шахсони саховатпеша фаъолиятро пурзур намоянд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо аз қабили надоштани лоиҳаи бино ва аз ташхиси давлатӣ нагузаштани онҳо, бе қарори раисони шаҳру ноҳияҳо оғоз намудан ба корҳои сохтмонӣ, дар шаҳри Хоруғ бе иҷозати мақомотҳои дахлдор ҷойгир кардани дуконҳо дар қади роҳҳо, ки намуди зоҳирии шаҳрро коста мегардонанд ва назорати сусти сармеъморони шаҳр ва ноҳияҳо аз иншоотҳои сохташаванда дар 264 иншоотҳои ҷашнӣ, чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳоро мебояд, ки ҳамкориро бо Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрас намудани нақшаи муфассали тарҳрезии (ПДП) Нақшаи генералии маркази шаҳру ноҳияҳо, марказҳои ҷамоатҳои деҳот бо як тартиби муайян тарзи ҷобаҷогузории бинову иншоотҳои маъмуриву ҷамъиятӣ ва хизматрасонӣ ба роҳ монад.

## 9.Рушди инфрасохтор ва нақлиёт (бандҳои 26 ва 14-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 9.1.(9.1) Масофаи таъмири роҳҳо, 9.2.(9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, 9.3.(9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ арзёби гардиданд.**

### 9.1. (9.1) Масофаи таъмири роҳҳо

### 9.1 Таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ бо истифода аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо

Мувофиқи нақшаи пешбинишуда барои таъмиру нигоҳдории роҳҳои вилоят дар соли 2019 бо назардошти маблағгузории мутамарказ ва нигоҳдории кормандон маблағи 12593,8 ҳазор сомонӣ равона карда шудааст.

Барои таъмир ва нигоҳдории роҳҳои маҳаллии вилоят маблағи 12598,8 ҳазор сомонӣ нақшабандӣ шуда, иҷроиши корҳои таъмир ва нигаҳдории роҳҳо ба маблағи 3543,5 ҳазор сомонӣ иҷро гардид.

Ҳаҷми маблағи ҷудогардида дар давраи ҳисоботӣ барои таъмир аз худ карда шудааст, дар ноҳияҳои Рӯшон 1258,4 ҳазор сомонӣ, Шуғнон

739,7 ҳазор сомонӣ, Ишкошим 557,9 ҳазор сомонӣ, Мурғоб 404,0 ҳазор сомонӣ ва Роштқалъа 279,2 ҳазор сомониро ташкил додааст.

Маълумот вобаста ба нишондоди мазкур дар замимаи ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Дарвоз ва Ванҷ дарҷ нагардидааст.

Бояд зикр намуд, ки масофаи роҳҳои таъмир ва барқароркардашуда дар вилоят 2116,8 км роҳҳои дохилиро дар бар мегирад.

Ин нишондод дар ноҳияҳои Дарвоз 73 км роҳҳои дохилӣ, Роштқалъа 44,9 км роҳҳои дохилӣ, Мурғоб 16 км роҳҳои дохилӣ, Ишкошим 1,5 км роҳҳои дохилӣ ва шаҳри Хоруғ 1 км роҳҳои дохилиро ташкил додааст.

Нишондиҳандаи болозикр дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон ва Шуғнон дарҷ нагардидааст.

Дар соли 2019 аз тарафи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ишкошим дар масофаи 1576 $м^2$ мумфарш карда шудааст, ки маблағи 403,0 ҳазор сомониро ташкил додааст.

### 9.2. (9.3, 9.4) Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот

### 9.3. Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот (Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”)

Дар ҳудуди вилоят 62 хатсайри мусофиркашонӣ фаъолият намуда, дар тамоми шаҳру ноҳияҳо, терминалҳо ва ҷамъиятҳо ташкил карда шуда, мусофиронро бо нақлиёт таъмин менамоянд, ки нисбати аввали соли 2019 нишондиҳандаи хатсайрҳо бетағйир боқӣ мондааст.

Дар соли 2019 оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” аз ҷониби Раёсати Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт 12 маротиба ҷаласаи комиссияи иҷозатномадиҳӣ гузаронида шуда, дар асоси қарор ба 77 нафар соҳибкорони инфиродӣ иҷозатнома дода шудааст, ки аз ҳисоби иҷозатномаҳо маблағи 26,4 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид карда шуд. Шумораи варақаҳои назоратӣ дар ин давра 1067 ададро ташкил дода бе тағйир боқӣ мондааст.

Баҳри иҷрои Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ” нисбати 972 нафар шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунӣ тартиб дода шуда, маблағи 258,1 ҳазор сомонӣ ба буҷаи давлат ворид гардидааст. Дар маҷмӯъ аз ҳисоби иҷозатномадиҳӣ ва ҷаримаситонӣ ба буҷа маблағи 284,5 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст.

Дар ҳудуди вилоят ду адад гузаргоҳи сарҳадӣ фаъолият мекунанд, ки ин гузаргоҳи сарҳадии Кулма бо Ҷумҳурии халқии Хитой ва гузаргоҳи сарҳадии Қизил Арт бо Ҷумҳурии Қирғизистон мебошанд. Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ тавассути ин дидбонгоҳҳои Кулма ба вилоят 78 адад (+21 адад нисбати нӯҳмоҳаи соли 2019) воситаҳои нақлиёти хориҷӣ бо ҳаҷми 3230

(+1829 тонна нисбати нӯҳмоҳаи соли 2019) тонна бор ва воситаҳои нақлиёти ватанӣ 4884 адад (+1783 адад нисбати нуҳмоҳаи соли 2019) бо ҳаҷми 105725 тонна (+30844 тонна нисбати нуҳмоҳаи соли 2019) бор ба вилоят ворид гардидааст, ки аз рушди соҳа ва баланд бардоштани хизматрасонии нақлиётӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар ҳисоботи ноҳияи Роштқалъа вобаста ба банди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

Дар соли 2019 дар ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Мурғоб ва Шуғнон бунёди терминалҳои наздисарҳадӣ ва марказҳои логистикӣ ба қайд гирифта нашудааст. Дар деҳаи Барзуди Ҷамоати деҳоти Назаршо Додхудоеви ноҳияи Рӯшон маркази хизматрасонии техникӣ дар масоҳати 1 гектар аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ бо арзиши лоиҳавии 390,0 ҳазор сомонӣ ба қайд гирифта шудааст ва корҳои сохтмонӣ идома доранд.

## 9.3. (9.5) Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ

## 9.5.Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ (банди 14 паём)

Дар соли 2019 ҳаҷми боркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ 573,5 ҳазор тонна ва мусофиркашонӣ 7868,8 ҳазор мусофирро ташкил дода, нисбати ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми боркашонӣ 102% ва мусофиркашонӣ 100 % зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳандаҳо дар шаҳр Хоруғ 138% бокашонӣ ва мусофирашонӣ 87,1%, ноҳияҳои Ишкошим боркашонӣ 184,2% мусофиркашонӣ 99%, Мурғоб 53,8% ва 721,5%, Дарвоз 351,7% ва 100,3%, Роштқалъа 104,4% ва 98,2 %, Ванҷ 109,3% ва 127%, Рӯшон 109,9% ва 103,2% ва Шуғнон 104,1% ва 100% ташкил додааст.

Ҷиҳати тақвият бахшидан ба нишондиҳандаи мусофиркашонӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ишкошим ва баланд бардоштани сатҳи боркашони дар ноҳияи Мурғоб мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои зикргардида тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

Ҳамзамон, ин нишондиҳанда нисбати нуҳ моҳаи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Ишкошим боркашонӣ -69%, мусофиркашонӣ -39,7%, Хоруғ боркашонӣ бетағйир ва -6,7%, Мурғоб боркашонӣ бетағйир ва -614,8%, Дарвоз -245,4% ва +1%, Роштқалъа -3,4% ва +3%, Рӯшон -7,2% ва -164% ва Шуғнон -3,9% ва 1,6% ташкил додааст.

Нишондиҳандаи баланди боркашонӣ ва мусофиркашонӣ дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Шуғнон ва Рӯшон ба назар мерасад, ки афзоиши суръати гардиши савдо таъмин шуда, ба рушди иқтисодӣ мусоидат намудааст.

Нишондиҳандаи дастрасӣ ба хизматрасонии нақлиёти мусофиркашонӣ дар сатҳи муайян таъмин карда шуда, хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ қаноатбахш набуда, беҳбудиро талаб менамояд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он бо ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо чораҳо андешида, бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани таъминоти муассисаҳои

хоҷагиҳои роҳи вилоят бо техникаҳои роҳсозӣ ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ ҳамкориҳоро зичтар намоянд.

## 10. Рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 10.1.(10.1, 10.2) Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет, 10.2. Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ арзёбӣ агрдиданд.**

### 10.1.(10.1, 10.2) Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет

### 10.1. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба истифодабарии алоқаи мобилӣ ва Интернет, аз ҷумла шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва Интернет

Дар миқёси вилоят 4 ширкатҳои хусусии телефонҳои мобилӣ ба монанди «Тсел», МЛТ, «Билайн», «Вавилон» ва «Телеком- Технолоҷӣ» фаъолияти кории худро вусъат дода, аксарияти хизматрасонии алоқаро дар вилоят расонида истодаанд. Шумораи умумии истифодабарандагони алоқаи мобилӣ  аз руи маълумоти намояндагии Хадамоти назорат ва танзим дар соҳаи алоқа 193744 муштариро ташкил дода,  ҳаҷми хизматрасонии алоқа ба аҳолӣ 297,8,0 ҳазор сомонӣ мебошад.

Ҷиҳати дастрасии аҳолӣ бо алоқаи мобилӣ ва интернет низ аз тарафи ширкатҳои амалкунанда тадбирҳо андешида шуда, имрӯзҳо дар марказҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят 3G (интернети босуръат) аз тарафи ширкатҳои мобилии Мегафон, Вавилон ва Tcell фаъол буда, дастраси аҳолӣ мебошанд.

Алоқаи мобилӣ дар 33 деҳаи (1165 хоҷагӣ бо 6171 нафар аҳолӣ) вилоят, ки ин 2,6 фоизи аҳолиро ташкил мекунад, вуҷуд надорад.

Дар ноҳияҳои Ванҷ 97% аҳолии ноҳия, Дарвоз 97% ва Мурғоб 60%, аҳолиии ноҳия ба хизматрасонии алоқаи мобилӣ ва интернет дастрас мебошанд.

Дар ноҳияи Дарвоз 556 нуқтаи телефонӣ аз тарафи минтақаи №12-и қитъаи техникии ноҳия ба аҳолӣ ва 161 адади дигар ба идораю муассисаҳо пайваст гардида, нисбати шашмоҳаи 9 моҳаи соли 2019 бетағйир буда, мавриди истифода қарор доранд.

Дар ноҳияи Роштқалъа асосан аз хизматрасонии алоқаи мобилии ширкатҳои хусусӣ ба монанди «Тсел», МЛТ, «Билайн», «Вавилон» истифода бурда, шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ 14000 нафарро ташкил медиҳанд.

Ҳаҷми маблағи хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар ноҳияи Рӯшон дар соли 2019 2114,0 ыазор сомониро ташкил намуд. Дар 5274 хоьагии ыудуди ноыия (90,7 %) ва 18 583 нафар (90,5%) ба алощаи мобилӣ дастрасӣ доранд.

Ҳамзамон, воситаи асосии иттилоот ин интернет ба шумор меравад, вазъи пайвастшавӣ ба интерет дар ноыия, аз ҷумла дар Ьамоатҳои деҳоти

Назаршо Додхудоев пайвастшавӣ ба интернет 80,9 %, дар Ҷамоати деҳоти Рӯшон 70,4%, дар Ҷамоати деҳоти Муъминшо Абдулвосиев 50,6 %, дар Ҷамоати деҳоти Пастхуф 39,6%, дар Ҷамоати деҳоти Бартанг 19,4%, дар Ҷамоати деҳоти Басид 32,2% ва дар Ҷамоати деҳоти Савноб ыамагӣ 18,2%-ро ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Хоруғ аз тарафи одамони ҷиноятпеша симҳои телефон дар қисми маҳаллаҳои шаҳр, ба хотири фурӯши металли ранга, бурида шуда, идораи Тоҷиктелекоми вилоят қудрати барқароркунии симҳоро ва мутаносибан алоқаро надорад. Аз ин рӯ, қисми аҳолии шаҳр дастрасӣ ба алоқаи телефониро надоранд.

Қисми зиёди сокини шаҳр соҳиби телефонҳои мобилӣ мебошанд, ки аз ин сабаб ба барқароркунии ноқилҳои хати алоқаи телефонӣ таваҷҷуҳи дахлдор зоҳир карда намешавад.

Ҳамзамон, пешниҳод нагардидани маълумот ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ишкошим ва Шуғнон дар бораи шумораи истифодабарандагони алоқаи мобилӣ ва Интернет аз ҷониби масъулини соҳа ба назар расидааст, ки дар оянда, дар доираи қонунҳои амалкунанда ҳамкорӣ ба роҳ монда шавад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳисоботҳои ҷамъбастии нӯҳмоҳаи соли 2019 аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Шуғнон, Роштқалъа ва Мурғоб маълумотҳо оид ба банди мазкур бетағйир нисбати нӯҳмоҳаи соли 2019 пешниҳод шудаанд, ки барои таҳлили банди мазкур мушкилот ба миён меоварад.

### 10.2. Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ

Дар ноҳияи Ишкошим шумора ва номгӯи хизматрасониҳои давлатие, ки дар шакли электронӣ пешкаш карда мешаванд, аз сабаби пайваст набудани ноҳия ба шабакаи интернет дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашуда, бо ҳамин сабаб шумораи истифодабарандагони фаъол низ хело кам мебошанд, ки айнан чунин ҳолат дар ҷамъбасти 9 моҳаи соли 2019 низ ба назар мерасид.

Феълан хизматарсонии давлатӣ, аз ҷумла истифодаи шакли электронии дафтари хоҷагӣ дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия ҷорӣ карда нашуда, дар ин самт корҳо идома доранд.

Дар бахши омори ноҳияи Роштқалъа зиёда аз 10 намуди ҳисоботҳо дар шакли электронӣ пешкаш гардида истодаанд. Инчунин андози ғайриманқул низ ба тариқи электронӣ пеш бурда мешавад. Мушкилоти асосии соҳаи мазкур айни замон ин аз сабаби канда шудани кабели нахи нурии телефонҳои байнишаҳрӣ муддати зиёда аз 6 моҳ кор накарда истодаанд. Масъулини соҳаро зарур аст, ки вобаста ба мушкилоти бамиёномада дар ҳамкорӣ бо роҳбарияти мақомоти марказии ҳокимияти давлатии дахлдор чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вобаста ба масъалаи мазкур маълумоти мушаххас пешниҳод нагардидааст ва аз сабаби номукаммал пешниҳод

намудани маълумотҳо аз ҷониби масъулини соҳа барои арзёбии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мушкилот ба миён омадааст.

Инчунин, мавриди зикр мебошад, ки маълумотҳои банди мазкур дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои болозикр нисбат ба ҷамъбасти 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

Илова бар ин банди Нақша чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» вобаста ба ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят мавриди иҷро қарор дода нашудааст, ки мушкилоти мазкур дар 9 моҳаи соли 2019 низ ба назар мерасид.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он дар якҷоягӣ бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолии ноҳияҳои Ишкошим, Шуғнон ва Мурғоб ба шабакаи интернет, ҷиҳати ҷорӣ намудани пешбурди шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ дар ҷамоатҳои деҳоти шаҳру ноҳияҳо чораҷӯӣ намоянд.

## 11.Вусъати шуғли пурмаҳсул

**Арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо таъмини вусъати шуғли пурмаҳсул бо нишондиҳандаҳои 11.1.(11.2) Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ, 11.2. (11.3) Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо, 11.3. (11.4) Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардум ва равнақи таъмини "усто – шогирд" ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл дар деҳоти кишвар, арзёбӣ гардиданд.**

### 11.1.(11.2) Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ,
### 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ ва баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ

Дар соли 2019 дар қайди шуъбаҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳру ноҳияҳои вилоят 9470 нафар буда, ба 4531 нафар мақоми бекорӣ дода шудааст, ки аз он 1833 нафарро занҳо ташкил медиҳанд.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи бекорони расман ба қайдгирифта, нисбат ба соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои вилоят Роштқалъа +312 нафар (906 нафар) ва Ишкошим +126 нафар (503 нафар) зиёд гаштааст, ки андешидани чораҳоро барои паст намудани сатҳи бекорӣ тақозо менамояд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Дарвоз -713 нафар (1131), Рӯшон -175 нафар (157 нафар), Шуғнон -91 нафар (352 нафар) Мурғоб -31 нафар (1192 нафар) ва Ванҷ -31 нафар (189 нафар ҳамагӣ шумораи бекорон), кам

гардидаст, ки дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани фаъолияти мақомотҳои дахлдор дар таъмини бекорон бо ҷойҳои корӣ дарак медиҳад.

Вазъи қиёсии шумораи муҳоҷирони меҳнатии ба қайд гирифташуда нисбат ба аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ноҳияи Роштқалъа 59% (ҳамагӣ 6544 нафар дар муҳоҷирати меҳнати қарор доранд), Рӯшон 50% (6926 нафар), Ишкошим 34,1% (4540 нафар), Мурғоб 29,8% (1279 нафар), Шуғнон 27,4% (7875 нафар), Ванҷ 24% (4456 нафар) ва Дарвоз 12,9% (1410 нафар)-ро ташкил медиҳад.

Вазъи қиёсии баланди шумораи муҳоҷирони меҳнатии нисбат ба аҳолии қобилияти меҳнатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Роштқалъа ва Рӯшон ба назар расида, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани вазъи рушди иҷтимоию иқтисодӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

### 11.2. Баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, пешниҳоди ҷойҳои кории холӣ дар ярмаркаҳо аз ҷониби ташкилотҳо ва бо ҷойи кории доимӣ таъмин гардидани бекорон

Дар давраи ҳисоботӣ шуъба ва бахшҳои Агении меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 52 маротиба ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ бо пешниҳоди 435 адад ҷойҳои кории холӣ гузаронида, дар онҳо 148 корхона ва 2612 нафар иштирок намуданд. Дар ярмаркаҳо 1453 нафар ба ҷойи кор роҳхат гирифта, 220 нафар бо кор таъмин шуданд, ки аз он 38 нафар ҷавонон ва 55 нафар занон буда, 904 нафар ба касбомӯзӣ ва 329 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ сафарбар шудаанд.

Гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ нисбати 9 моҳи соли 2019 аз ҷониби шуъба ва бахшҳои Агении меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят +10 маротиба (ҳамагӣ 52 маротиба) зиёд гардида, теъдоди пешниҳоди ҷойҳои кории холӣ +25 ададро (ҳамагӣ 435 адад) ташкил додааст.

Ҳамзамон, нисбати нӯҳмоҳаи соли 2019 +20 нафар (ҳамагӣ 220 нафар) бо кор таъмин шудаанд, ки 110%-ро ташкил дода, ҷиҳати кам кардани шумораи бекорон заминаи мусоид гузошта шуда истодааст.

Дар соли 2019 аз ҷониби бахши Агении меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияҳои Дарвоз 7 маротиба ярмаркаи ҷои кории холӣ бо 169 таъсиси ҷойҳои нави корӣ, аз ин шумора 400 нафар бо корӣ доимӣ таъмин гардидаанд, ки ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Ванҷ 7 маротиба ярмарка бо 703 таъсиси ҷойҳои нави корӣ, Рӯшон 6 маротиба ярмарка бо 1485 таъсиси ҷойҳои нави корӣ, Шуғнон 6 маротиба ярмарка бо 1023 таъсиси ҷойҳои нави корӣ, Ишкошим 6 маротиба ярмарка бо 880 таъсиси ҷойҳои нави корӣ, Роштқалъа 8 маротиба ярмарка бо 1485 таъсиси ҷойҳои нави корӣ, 140 нафар ба касбомӯзӣ ва 22 нафар бо корӣ доимӣ ва Мурғоб 4 маротиба ярмарка бо 6 таъсиси ҷойҳои нави корӣ гузаронида шудааст.

Шумораи ҷойҳои корӣ нисбати 9 моҳаи соли 2019 дар ноҳияҳои Роштқалъа +1462 адад, Шуғнон +1020 адад ва Ванҷ +702 адад зиёд гардидааст, ки самаранокии фаъолияти ин ноҳияҳо ба назар мерасанд.

Дар натиҷаи ярмаркаҳои ҷойҳои нави кории гузаронидашуда, дар ноҳияи Ванҷ 774 нафар корҷуён ба касбомӯзӣ аз руи 22 ихтисос фаро гирифта, дар ноҳияи Дарвоз 100 нафар, дар ноҳияи Ишкошим 50 нафар, дар ноҳияи Мурғоб 30 нафар,дар ноҳияи Роштқалъа 140 нафар ба касбомӯзӣ, ва дар шаҳри Хоруғ 190 нафар барои касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд.

Дар ярмаркаҳои гузаронидашуда дар шаҳри Хоруғ 778 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидаанд.

Дар ярмаркаҳои гузаронидашуда дар ноҳияи Рӯшон аз 332 нафар бекорон расман ба қайд гирифта шуда, 195 нафар ё 58,7% бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидаанд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Мурғоб 381 нафар ё 31,1%, Шуғнон 107 нафар ё 24,1%, Дарвоз 400 нафар ё 21,6%, Роштқалъа 188 нафар ё 20,7%, Ишкошим 40 нафар ё 10,6% ва Ванҷ 6 нафар ё 3% бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидаанд.

Самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи корҳои холӣ ва таъмини бекорон бо ҷойи кор дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Роштқалъа дар сатҳи хуб таъмин карда шуда, дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ярмаркаҳо тадбирҳо судманд саривақт андешида шаванд.

### 11.3. (11.4) Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо

### 11.4. Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардум ва равнақи таъмини "усто – шогирд" ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл дар деҳоти кишвар (Нусха аз Протколи маҷлиси ҲҶТ аз 21.01.2019 с., №1 банди 27);

Таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар қиёс бо шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда дар вилоят 246% (ҷойҳои кории таъсис додашуда 11139 адад, шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда 4518 нафар) ташкил медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Рӯшон 945% (1485/157), Ванҷ 377% (703/189), Шуғнон 290% (1023/352) ва Ишкошим 174,9% (880/503) ташкил намудааст.

Нишондиҳандаи болозикр дар ноҳияи Роштқалъа ба 0% (ҷойҳои кории таъсис додашуда 0 адад шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда 906 нафар) баробар буда, дар ноҳияҳои Мурғоб 0,5% (6/1192) ва Дарвоз 14,9% (169/1131) ташкил намуда, барои бекорони расман бақайдгирифташуда шумораи ҷойҳои кории нав нокифоя буда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикр дар якҷояги бо вазораҳои саноат ва технологияи нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои тахсис додани ҷойҳои нави корӣ фаъолиятро пурзур намоянд.

Дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ вобаста ба иҷрои супориши мазкур дар ин давра дар самти ҳунарҳои мардумӣ тибқи “Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ” ва тариқи худмаблағгузорӣ 1263 нафар шаҳрвандони шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят ба касбомӯзии касбҳои гуногун фаро гирифта шудаанд. Аз ҷумла, ба касби дузанда 310 нафар, бофанда 245 нафар, адрасбоф 15 нафар, муҳрабоф 20 нафар, қуроқдуз 20 нафар, тоқидуз 50 нафар, дастаки тайёр намудани маҳсулоти пашмин 60 нафар, дуредгар 70 нафар, гулдуз 101 нафар, коркарди шир 30 нафар, нонпазӣ 30 нафар, ошпаз 36 нафар, қаннод 146 нафар, заргар 7 нафар, кафшергар 55 нафар, сангтарош 8 нафар, коркарди меваю сабзавот 45 нафар , кулолгар 15 нафар мебошанд.

Ба ғайр аз ин ба 135 нафар бекорони дар қайдбуда, ки дар рушди соҳаи ҳунарҳои мардумӣ ба монанди дузандагӣ, бофандагӣ, мухрабофӣ, қуроқдузӣ, рубобтарошӣ, дуредгарӣ, қолинбофӣ оҳангарию заргарӣ, қолинбофӣ ва ғайра хоҳиши фаъолият доранд, 342,6 ҳазор сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шудааст, ки ин нишондод нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

Бо мақсади эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ ва равнақ додани ҳунари дастии аҷдодӣ, инчунин ташкил намудани раванди “усто -шогирд” дар шаҳри Хоруғ ташкилоти ҷамъиятии “Ҳаёт” фаъолият дорад, ки муассиси он беш аз 50 нафар ҷавондухтарон ҳунари бофандагию дӯзандагӣ, қӯроқдӯзию мӯҳрабофӣ, мурабботайёркунию дигар намуди ҳунарҳои мардумиро таълим медиҳад ва дар ҳамаи намоишҳои ҳунарҳои мардумӣ ба маърази тамошо гузошта мешаванд.

Дар ноҳияҳои Дарвоз ва Ванҷ вобаста ба таъсис додани рушди ҳунарҳои мардумӣ аз тарафи Барномаи филиали Муассисаи давлатии Маркази таълимии калонсолони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо занони чирадаст марказҳои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ аз қабили; қаннод, гулдуз, қуроқдӯз ва ғайраҳо ташкил карда шудааст.

Инчунин, дар деҳаи Ушхарви Ҷамоати деҳоти Нулванди ноҳияи Дарвоз сехи дӯхти либосҳои мардумӣ бо анъанаҳои миллӣ ташкил карда шуда, занони хонанишин ба шуғл ҷалб карда шуда, дар дигар деҳотҳо низ корҳои ба шуғл ҷалб намудани занон идома дорад. Ҳамзамон аз ҳисоби Маркази таҳсилоти иловагӣ маҳфили “Дастони моҳир” дар маркази ноҳия бо ҷалби 44 нафар шогирд дар 4 гуруҳ, дар деҳаи Сайдон муассисаи тахсилоти миёнаи умумии №30 бо ҷалби 22 нафар шогирд дар 2 гуруҳ ва дар деҳаи Ҷорф муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10 бо ҷалби 22 нафар шогирд дар 2 гуруҳ ташкил карда шудааст.

Дар ноҳияи Ишкошим ташкили курсҳои бозомӯзии касбӣ, рафти таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардум яке аз масъалаҳои ҳаётан муҳим ба шумор рафта, вобаста ба эълон гардидани солҳои 2019 -2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” дар ҷамоатҳои деҳоти ҳудуди ноҳия 11 адад курсҳои касбомӯзӣ ташкилу

гузаронида шудаанд, ки дар ин курсҳо 11 нафар устодон ба 165 нафар шогирдон таълим додаанд.

Бояд қайд кард, ки дар соли 2019 дар ноҳияи Роштқалъа мағозаи ҳунарҳои мардумӣ ташкил карда шуда, 1 усто ба 15 шогирд малакаи касби ресандагӣ ва коркарди муинаро таълим доданд. Дар баробари ин 9 нафар омузгор дар асоси шартнома ва барои гузарондани дарсҳои иловагӣ 27 омӯзгор аз тарафи маркази таълимӣ бо шуғл таъмин шудаанд.

Дар Литсейи касбии техникии №77 Ҷамоати деҳоти Навободи ноҳияи Шуғнон устохонаҳои коркарди мебел, дузандагӣ, бофандагӣ корҳои амалӣ аз автомобил ва электротехника, адрасбофӣ ва қолинбофӣ фаъолият карда истодааст.

Дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти дaвaтии ноҳияҳои Рӯшон ва Мурғоб вобаста ба масъалаи мазкур маълумот пешниҳод карда нашудааст.

Инчунин, маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Дарвоз, Ишкошим, Шуғнон ва Роштқалъа нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

Пешниҳод: Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани дараҷаи бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, таъмини самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кории холӣ, васеъ намудани фарогирии шаҳрвандон ба омӯзиши касбу ҳунарҳо ва вусъат додани хунарҳои мардумӣ, аз ҷумла бо роҳи "усто-шогирд" тадбирҳои мушаххас андешанд.

## 12. Рушди сармояи инсонӣ (маориф)
## (бандҳои 38, 50-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди маориф бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ, 12.2. (12.2) Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ, 12.3. (12.3) Устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, 12.4. (12.4, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим, 12.5. Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсоли ватанӣ арзёби гардиданд.**

### 12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ

### 12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст

Дар вилоят 312 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавҷуд аст, ки аз онҳо 64 муассисаи таълимӣ ибтидоӣ, 44 муассисаи таълимӣ асосӣ, 204 муассисаи таълимии миёнаи умумӣ дар ВМКБ кору фаъолият намуда истодаанд, ки нишондиҳандаи мазкур нисбати 9 моҳаи соли 2019 -2 адад

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, -1 адад муассисаи таълимии миёнаи умумӣ, -3 адад муассисаи таълимӣ ибтидоӣ кам гаштааст.

Аз тарафи шуъбаи асосии сохтмони мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатии ВМКБ дар шаҳри Хоруғ сохтмони иловагӣ дар назди кӯдакистони №1 бо арзиши харҷномавӣ 3.418,0 сомонӣ, дар ноҳияи Шуғнон кӯдакистони №2 бо арзиши 2260,0 сомонӣ, дар ноҳияи Рӯшон сохтмони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7 бо 20 адад синфхона барои 480 ҷой бо арзиши 14000,0 сомонӣ ва сохтмони муассисаи таълимии №9 бо 25 адад синфхона барои 640 ҷой бо арзиши 15000,0 сомонӣ, аз тарафи Дирексияи сохтмонии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Шуғнон толори варзишӣ дар муассисаи таълимии №28 бо маблағи 1300,0 ҳазор сомонӣ, аз тарафи Ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар ноҳияи Ванҷ сохтмони муассисаи таҳсилоти асосии №29 бо 4 адад синфхонаи иловагӣ барои 96 ҷой бо маблағи 32,0 сомонӣ ва дар ноҳияи Роштқалъа кӯдакистони №1 бо 30 ҷой ба маблағи 856,0 ҳазор сомонӣ корҳо анҷом дода шудаанд.

Таҳлилҳо муайян намуд, ки дар вилоят соли 2019 норасоии китобҳои дарсӣ 51956 ададро ташкил дода, аз ҳисоби ноҳияҳои Ишкошим 15261 адад, Ванҷ 12079 адад, Дарвоз 10800 адад, Роштқалъа 8564 адад, Мурғоб 2302 адад, Рӯшон 1900 адад ва Шуғнон 1050 адад ба амал омада, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бартараф кардани мушкилии мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

Норасоии китобҳои дарсӣ фарқият нисбат ба 9 моҳаи соли 2019 дар ноҳияҳои Ванҷ +10601 адад Роштқалъа +5264 адад ва Дарвоз +3800 адад, зиёд гашта, дар ноҳияҳои Ишкошим, Мурғоб ва Рӯшон нишондиҳандаи мазкур нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст, ки маъулини соҳаро зарур мебошад чораҳои мушаххас андешанд.

Ҳамзамон, ин дар ноҳияҳои Шуғнон-14033 адад ва Ванҷ -3441 адад кам гашта, самаранокии фаъолияти Вазорати маориф ва илм ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро инъикос менамояд.

Ба ифтихори ҷашни бошукуҳи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 19 адад муассисаҳои таълимӣ сохта мавриди истифода қарор дода мешаванд. Инчунин дар асоси супориши протоколии Президенти мамлакат, Пешвои миллат дар 4 соли охир дар шаҳр ва ноҳияҳои вилоят 54 адад муассисаҳои таҳсилоти умумӣ сохтмон, азнавсозӣ ва аз таъмири асосӣ бароварда мешаванд

Ҳамзамон, дар вилоят соли 2019 70 адад, дар ноҳияҳои Дарвоз 5 адад, Ванҷ 15 адад, Шуғнон 15 адад, Ишкошим 9 адад ва Роштқалъа 12 адад, мактабҳо дар ҳолати садамавӣ қарордошта ҳамчун омили боздорандаи рушди соҳа маҳсуб ёфта, барои бартараф намудани он чораҳои дахлдор андешида шавад. Аз шаҳри Хоруғ маълумот пешниҳод нагардидааст.

### 12.2. (12.2) Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ

### 12.2. Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабии кӯдакон ва васеъ намудани фоизи фарогирии онҳо, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативии омода намудани кӯдакон

Дар вилоят 29404 кӯдаки синни то 5-сола мавҷуд буда, аз ин теъдод 2064 нафар кӯдак ба кӯдакистон ва 6609 нафар кӯдак ба Маркази рушди барвақтии кӯдак фаро гирифта шудааст, дараҷаи фарогирӣ 29,4% ташкил додааст.

Дар ноҳияи Дарвоз шумораи умумии кӯдакон 662 нафар (+28, фарогирӣ 104%) Рӯшон шумораи умумии кудакон 315 нафарро ташкил дода, (нисбати соли гузашта +6 нафар зиёд гашта, фарогирии кӯдакон дар Муассисаҳои томактаби 100%), ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Ишкошим шумораи умумии кӯдакон 312 нафар (-2 нафар, фарогирӣ 99%), Мурғоб шумораи умумии кӯдакон 140 нафар (-8 нафар, фарогирӣ 0%) ва Роштқалъа шумораи умумии кӯдакон 60 нафар (+15 нафар, фарогирӣ 100%) ташкил додааст, ки аз самаранокии фаъолияти соҳаи мазкур шаҳодат медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки вобаста ба нишондиҳандаҳои мазкур дар замимаи ҳисоботҳои шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Ванҷ, ва Шуғнон маълумот дарҷ нагардидааст.

Дар шаҳри Хоруғ ҳамагӣ 6 муассисаҳои таълимии томактабӣ бо фарогирии 1005 ва 20 маркази инкишофи барвақтии кӯдакон кору фаъолият дошта, 824 нафар кӯдакон фаро гирифта 64 нафар мураббӣ бо маълумоти олӣ 51 нафар, бо маълумоти махсуси педагогӣ 13 нафар машғули таълиму тарбия мебошанд

Дар ноҳияи Рӯшон 3 кӯдакистон бо фарогирии 315 кӯдак (аз он ҷумла 169 духтар), 45 маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 870 кӯдак машғул буда, ба таълими онҳо 28 мураббӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва 81 мураббӣ дар марказҳои инкишофи кӯдак машғули таълиму тарбия мебошанд, ки дар соли 2019 кӯдакони аз 1 то 6 сола 2643 нафарро ташкил дода, аз онҳо 1240 нафар ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта шуданд, ки ин 46,9 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Роштқалъа 1 адад боғчаи бачагона бо фарогирии 60 нафар тифлакон (34 нафар духтар) дар 4 гурӯҳ аз 1 то 6 сола фаъолият намуда, бинои иловагии боғчаи бачагона бо иштироки раиси ВМКБ ва муовини аввали Вазири энергетика ва захираҳои об ба истифода дода шуд. Ҳамзамон дар назди 41 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва 8 деҳа, деҳаҳои Бидеҷ (Ҷамоати деҳоти Барвоз), Ричез, Ҷараҷан, Барчид (Ҷамоати деҳоти Сежд), Дашт (Ҷамоати деҳоти М. Миршакар), Зигур ва Бармев (Ҷамоати деҳоти Тусиён) Дирум,Ҷараҷанд, Барчид ва Ричез (Ҷамоати деҳоти Сежд) марказҳои инкишофи кӯдакони синни томактабӣ фаъолият намуда истодаанд, ки ин марказҳо бо фарогирии 979 нафар (498 духтар) кӯдакони 3-5 сола амал карда истодаанд.

Ноҳияи Шуғнон дар ҳамкорӣ бо барномаҳои АКФ ва ташкилотҳои деҳотӣ, дар назди муассисаҳои таълимии ноҳия 33 адад Марказҳои

инкишофи кӯдакони синни то мактабӣ, бо барномаи ЮНИСЕФ 20 – “Гурӯҳи омодагӣ ба муассисаҳои таълимӣ” ташкил карда шудаанд. Дар ин марказҳо ба тарбияи 1230 – нафар кудакон ва 84 – мураббӣ вобаст карда шуда, фаъолият доранд.

Дар ноҳияи Ванҷ шумораи умумии марказҳои инкишофи кӯдакон дар муассисаҳои таълимии ноҳия 34 ададро ташкил медиҳад, ки дар онҳо 53 нафар мураббиён ба таълими 712 нафар кӯдакон фаро гирифта шудаанд, ки 326 нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд..Инчунин дар ноҳия 2 боғчаи бачагона бо фарогирии 120 нафар кӯдакон амал намуда, боз аз тарафи Дирексияи сохтмони иншоотҳои назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони боғчаи бачагона барои 200 нафар кӯдак оғоз гардидааст.

Инчунин, дар ноҳияи Дарвоз дар соли 2019 муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 26 ададро ташкил дода,дар ин муассисаҳо 570 нафар тифлакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, ба онҳо 34 нафар мураббиён, ки 4 нафар дорои маълумоти олӣ, 2 нафар маълумоти олии нопурра, 17 нафар маълумоти миёнаи касбӣ ва 11 нафар бо маълумоти миёна мебошанд, кор ва фаъолият менамоянд. Инчунин, дар ноҳия 1 боғчаи бачагона бо фарогирии 92 нафар тифлакон фаъолият дорад, бо таҷҳизотҳо пурра таъмин мебошад.

Дар ноҳияи Ишкошим соли 6 адад кӯдакистон бо фарогирии 310 нафар тарбиятгиранда фаъолият дошта, бо замми ин дар назди 39 адад муассисаҳои таҳсилотӣ 48 адад гуруҳи марказҳои инкишофи кӯдакони синни томактабӣ арзи вуҷуд дорад, ки дар маҷмуъ 997 нафар кӯдакон фаро гирифта ба онҳо 65 нафар мурrабия таълиму тарбия дода истодаанд.

Дар ноҳияи Мурғоб ҳамагӣ 6 муассисаҳои таълимии томактабӣ фаъолят намуда, 165 нафар кӯдак фаро гирфта шуда, 22 нафар мураббиён кору фаъолият доранд ва 14 маркази инкишофии барвақти кӯдакон фаъолият дошта 287 нафар кӯдакон фаро гирфта 21 нафар мураббиён кору фаъолят мекунанд

Инчунин, сохтмони 1 адад кӯдакистон, 3 адад маркази инкишофи барвақтии кудакон дар иншоотҳои ҷашнӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст.

## 12.3. (12.3) Устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ

## 12.3. Фароҳам овардани шароити муосид барои устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ (компютер, тахтаи электронӣ) ва ҷалби васеи истеъдодҳои ҷавонон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ, сатҳи фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истедодҳо, технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ

Дар муассисаҳои таълимии вилоят 3015 адад компютер ва 741 адад принтер мавҷуд мебошад. Дар маҷмуъ шумораи умумии компютерҳо дар шуъбаи маориф ва муассисаҳои таълимии вилоят 3094-адад компютер ва

831 адад принтерро ташкил медиҳад, ки ба сари 7 хонандаи синфҳои 5-11, 1 адад компютер рост меояд.

Дар 246 адад муассисаҳои таълимии асосӣ ва миёнаи умумӣ кабинетҳои информатика ташкил карда шуда, нисбати аввали соли 2019 бетағйир буда, мувофиқи шароит бо аёниятҳои зарурӣ ҷиҳозонида шудаанд.

Дар маҷмӯъ 69 адад муассисаҳои таълимӣ вилоят ва 6 шуъбаи маориф ба шабакаи Интернет (бо модем), ду адад мактабҳои шаҳри Хоруғ ба тариқи Wi-MAX, Wi-Fi пайваст мебошанд. Аз сабаби набудани алоқаи доимӣ бо шабакаи Интернет бо шӯъбаҳои маориф алоқаи мунтазам бурда намешавад.

Дар давоми соли ҷорӣ ба муассисаҳои таълимии вилоят аз ҳисоби маблағҳои муассисаҳои таълимӣ 125 адад компютер, 17 принтер, 57 тахтаи электронӣ ва 37 адад видеопроекторҳо харидорӣ шудаанд. Яъне нисбат ба нақшаи дурнамо барои харидории компютер дар соли 2019- 93 адад буда, харидори шуд 125 адад, ки ин 134%-ро ташкил дода, нақшаи харидории тахтаи электрони 34 адад бошад, харидори шуд 72-адад, ки ин 211%-ро ташкил медиҳад.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Давроз 433 адад компютер, 134 адад принтер, 31 адад синфхонаи компютерӣ, 8 адад тахтаи электронӣ, мавҷуд аст, ки ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ 474 адад компютер ва 94 адад принтер, ноҳияҳои Ванҷ 382 адад компютер, 93 адад принтер, 11 адад видеопроектор, Рӯшон 390 адад компютер, 72 адад принтер, 29 адад сканер (3 бар 1), 34 адад ноутбук, 6 адад Wi-MAX, 114 адад мебели махсус, Шуғнон 577 адад компютер, 182 адад принтер, 48 адад проектор, 48 адад сканер, 59 адад ноутбук ва 33 адад камераҳои мушоҳидавӣ, Ишкошиим 323 адад компютер, 81 адад принтер, 63 адад сканер, 28 адад проектор, 74 адад ноутбук ва 10 адад камераҳои назоратӣ, Роштқалъа 311 адад компютер, 101 принтер, 2 адад сканер, 24 адад проектор, 44 адад ноутбукро ташкил медиҳад.

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди шуъбаи маориф ташкил карда шуда, дар ноҳияи Роштқалъа бошад утоқи корӣ надошта, ба ғайр аз як компютер дигар бо ягон намуди техникаи иттилоотӣ муҷаҳҳаз гардонида нашудааст.

Дар ноҳияи Мурғоб то ҳол марказҳои технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ташкил нашудаанд.

Дар соли 2019 шумораи компютерҳо дар муассисаҳои таълимӣ нисбат ба соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Роштқалъа +27 (ҳамагӣ 311), Ишкошим +6 адад (323 адад), Мурғоб +1 адад (221 адад) Рӯшон +34 адад (354) зиёд гардида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияҳо таъмин гардида, дар шаҳри Хоруғ (453 адад) ва ноҳияҳои Дарвоз +2 (433 адад) ва Рӯшон (353 адад) дар сатҳи соли гузашта истодааст.

Дар ноҳияи Ванҷ 382 адад нисбат ба соли гузашта -64 адад кам гардида, аз нишондиҳандаи устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ таъмин карда нашудааст.

Дар давраи ҳисоботи шумораи тахтаҳои электронӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар ноҳияҳои , Ванҷ 16 адад, Роштқалъа 15 адад, , Ишкошим 15 Рӯшон 11 адад ва Дарвоз 8 ададро ташкил медиҳад, ки барои таъмини нишондиҳандаи устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ замина гузошта шуда истодааст.

**12.4.** (12.4, 12.6) **Баланд бардоштани сифати таълим**

**12.4. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоӣ кадрҳои омӯзгорӣ, гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон**

Дар муассисаҳои таълимии вилоят 50 адад синфхона бо равияҳои ҷамъиятӣ- гуманитарӣ, табии - риёзи мутобиқ ба талаботи замон ташкил карда шудаанд.

Тибқи ҳисоботии ММТ-ии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки аз 2744 нафар хатмкунандагони соли 2019 2691 нафар, ки аз ин теъдод 1320 нафар духтар ва 391 нафар хатмкардагони солҳои пешин ба қайд гирифта шудаанд. Теъдоди 1711 нафар (916 духтар) хатмкунандагони муассисаҳои таълимии шаҳр ва ноҳияҳои вилоят тариқи Маркази миллии тестӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дохил шуданд.

Дохилшавии хатмкунандагони муассиссаҳои таълимии вилоят ба донишгоҳҳо ва донишкадаҳои миёна ва олии касбии хориҷи кишвар низ назаррас мебошад, ки ин теъдод 267 нафарро ташкил медиҳад, , аз ҷумла 113 нафар ба донишгоҳҳои Федератсияи Россия, 94 нафар ба мактабҳои олии Қирғизистон, 2 нафар ба макотиби олии Қазоқистон, 30 нафар ба муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии халқии Хитой, 6 нафар ба ИМА, 5 нафар ба Полша, 1 нафар ба Гурҷистон, 1 нафар ба Африка, 1 нафар ба Сингапур ва 1 нафар ба Ҷопон дохил шуданд.

Барои соли таҳсили 2019 - 2020 тибқи нақшаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муассисаҳои таълимии вилоят 242 адад квотаи Президентӣ ҷудо гардидааст, ки ин теъдод нисбати ноҳияҳо чунин аст: Дарвоз 41 адад, Ванҷ 35 адад, Рӯшон 30 адад, Шуғнон 26 адад, Роштқалъа 40 адад, Ишкошим 37 адад, 4-адад шаҳри Хоруғ ва Мурғоб 31 ададро ташкил медиҳад.

Мутобиқи банди 82 “Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 70 квотаи иловагӣ ба хонандагони шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ҷиҳати ба таҳсил фаро гирифтани онҳо аз рӯи ихтисоси “Кори табобатӣ” дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино пурра таъмин карда шуд. Дар маҷмӯъ дар вилоят тибқи квотаи Президентӣ барои дохил шудан ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон 94 квота ҷудо карда шуда, ҳамаи квотаҳо таъмин ва азхуд карда шуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон аз теъдоди 5689 нафар омӯзгор дар давоми соли 2019 973 нафари омӯзгорони фанҳои мухталиф аз курсу семинарҳо гузаронида шудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи кабинетҳои фаннӣ дар муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ванҷ 67 адад, Роштқалъа 68 адад, Ишкошим 55 адад, Рӯшон 55 адад, Дарвоз 21 адад, Хоруғ 20 адад ва Мурғоб 17 ададро ташкил медиҳад, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим мусоидат намудааст.

Дар соли 2019 норасоии кадрҳои омӯзгорӣ дар вилоят 83 нафарро ташкил дода, аз ин теъдод 38 нафар омузгорони забонҳои хориҷӣ ва 45 нафар омузгорони фанҳои дақиқ мебошанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Дарвоз 46 нафар (21 нафар омузгорони фанҳои забони хориҷӣ ва 25 нафар омӯзгоронӣ фанҳои дақиқ), Рӯшон 24 нафар (17 нафар омузгори фанни забони хориҷӣ, 7 нафар фанҳои дақиқ), Шуғнон 9 нафар (2 нафар омузгори фанни забони хориҷӣ, 4 нафар фанҳои дақиқ), Роштқалъа 14 нафар (8 нафар омузгори фанни забони хориҷӣ, 6 нафар фанҳои дақиқ) нисбати нуҳ моҳи соли 2019 бетағйир буда, дар ноҳияҳои Мурғоб 7 нафар (2 нафар омузгорони фанни забони англисӣ ва 5 нафар омузгори фанҳои дақиқ) ва Ванҷ хамагӣ 7 нафар омузгор (2 нафар омузгори фанҳои забони хориҷӣ ва 5 нафар омузгорони фанҳои дақиқ) ташкил дода, ба сатҳу сифати таълим таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ишкошим вобаста ба банди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

Шумораи аз ҳама зиёди норасоии омӯзгорон дар ноҳияҳои Дарвоз, Рӯшон, Шуғнон ва Роштқалъа ба назар расида, барои бартараф намудани он пурзур намудани ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад.

### 12.6. Тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ: русӣ, англисӣ ва ғайра арзби гардиданд.

Дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии вилоят ба таълими фанни забони русӣ 504 нафар омӯзгорон машғул мебошанд, ки 466 нафарашон дорои маълумоти олӣ, 13 нафар олии нопурра, 25 нафар миёнаи махсуси педагогӣ ва 26 нафар ғайриихтисос мебошанд.

Таълими забони англисиро 383 нафар омӯзгор ба уҳда доранд, ки аз онҳо 306 нафар бо маълумоти олӣ, 8 нафар бо маълумоти олии нопурра, 54 нафар бо маълумоти миёнаи педагогӣ, 14 нафар маълумоти миёна ва 11 нафар ғайриихтисос кору фаъолият карда истодаанд.

Тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии тестӣ ва донишгоҳҳои хориҷи кишвар дар 5-соли охир аз соли 2015 то 2019 миқдори 320 нафар хонанда ба факултаи забони русӣ, 470 нафар ба факултаи забони англисии донишгоҳҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар қабул гардида, таҳсил карда истодаанд.

Дар 5-соли охир ба Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ тариқи таҳсили буҷҷавӣ ба факултаи забони русӣ 195, забони англисӣ 185 нафар ва

шартномавӣ (пулакӣ) забони русӣ 19 нафар ва бо ихтисоси забони англисӣ 195 нафар дохил гардида, таҳсил намуда истодаанд.

Филиали Донишкадаи Давлатии Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ барои расонидани ёрии амалӣ методӣ ба омӯзгорон диққати махсус дода истодааст. Аз ҷумла, дар солҳои 2015-2019 барои омӯзгорони забони русӣ ду намуди номгӯи курсҳои такмили ихтисос бо фарогирии зиёда аз 100 нафар ва барои омӯзгорони забони англисӣ се намуд курсҳои 12 – рӯза бо фарогирии 115 нафар омӯзгорон таъмин карда шуд.

Дар муассисаҳои таълимии вилоят 44 иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни забони англисӣ ва 51 иттиҳодияи фанни забони русӣ амал карда истодаанд, ки ҳар кадомашон аз 3 то 5 муассисаи ҷамоатро фаро гирифта, бо онҳо моҳе як маротиба машғулиятҳо гузаронида мешавад. Зиёда аз 107 муассисаи таълимии вилоят маркази маводҳои таълимӣ ташкил шудаанд, ки ҳамаи омӯзгорони ин фанҳо аз онҳо самаранок истифода мебаранд.

Дар ноҳияи Ванҷ маркази омузиши забонҳои русӣ ва англисӣ ташкил карда шуда, дар онҳо зиёда аз 100 нафар омӯзандагон фаро гирифта шудаанд. Инчунин, бо ташаббуси ташкилоти ҷамъиятии "Дунёи бехатар" барои омӯзиши фанҳои забони русӣ ва англисӣ дар баъзе ҷамоатҳои курсҳои чормоҳаи фанҳои мазкур ташкил карда шуда, зиёда аз 200 нафар ҷавонону наврасон ба омӯзиши ин фанҳо фаро гирифта шудаанд.

Дар соли 2019 дар ноҳияи Рӯшон курсҳои забони англисӣ ва русӣ гузаронида шуда, дар онҳо 30 нафар омӯзгорони фанни забони русӣ ва 30 нафар омӯзгорони фанни забони англисӣ оиди татбиқи самаранокии гузариш ба муносибатҳои босалоҳият дар таълим аз семинари 5 рӯза гузаштанд.

Дар ноҳияҳои Шуғнон, Ишкошим, Мурғоб ва Рошткалъа ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимӣ ҳафтаи рузи забонҳои хориҷӣ ба роҳ монда шуда, мунтазам гузаронида мешаванд.

Дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Ванҷ ва Рӯшон дар муассисаҳои таълимӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониш аз забонҳои хориҷӣ, русӣ, англисӣ ва ғайра курсҳои иловагӣ ташкил карда шуда, барои баланд бардоштани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир заминаи мусоид гузошта шуда истодааст.

### 12.5. Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсоли ватанӣ

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят Хоруғ 100% хонандагон бо либоси мактабии истеҳсоли ватанӣ, дар ноҳияи Рошткалъа 98% хонандагон, дар ноҳияи Дарвоз 90% хонандагон, дар ноҳияи Мурғоб 85% хонандагон, ноҳияи Ванҷ 80% хонандагон, дар ноҳияи Рӯшон 65% хонандагон ва дар ноҳияи Ишкошим 63% хонандагон таъмин карда шуда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Мурғоб, Ишкошим ва Рӯшон

барои баланд бардоштани сатҳи таъминоти хонандагон бо либоси мактабии истеҳсоли ватанӣ дар солҳои 2019-2020 тадбирҳои заруриро пешбинӣ намоянд.

Шуъбаи маорифи шаҳри Хоруғ бо Агентии таъминоти махсуси назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ, шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои Дарвоз ва Ишкошим бо ҶДММ «Кохи Бонувон»-и ноҳияи Дарвоз, шуъбаи маорифи ноҳияи Ванҷ бо сехи дузандагии "Ҳангома" ва сехи дӯзандагии "Меҳри модар" –и ноҳияи Дарвоз, шуъбаи маорифи ноҳияи Шуғнон бо корхонаи «Ҳаёти нав»-и ноҳияи номбурда, шуъбаи маорифи ноҳияи Роштқалъа бо ҶДММ «Кохи Бонувон»-и ноҳияи Дарвоз шартнома ба имзо расонида шудааст.

Инчунин, шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои Ванҷ ба миқдори 1641 ҷуфт, Дарвоз 1296 ҷуфт, Рӯшон 1148 ҷуфт, Хоруғ 571 ҷуфт, Шуғнон 536 ҷуфт, Ишкошим 505 ҷуфт, Мурғоб 269 ҷуфт ва Роштқалъа 249 ҷуфт ҷамъ ба миқдори 6188 адад бо сехи дӯзандагии "Меҳри Модар" – и ноҳияи Дарвоз шартномаро ба имзо расонида, таъмини хонандагон бо либоси мактабӣ идома дорад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти садамавӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, васеъ намудани фарогирии кудакон ба муассисаҳои томактабӣ ва иштироки омӯзгорон дар семинару конфронсҳои илмӣ – назариявии ҷумҳуриявӣ, баланд бардоштани дараҷаи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии ватанӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 13. Рушди соҳаи тандурустӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи тандурустӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ;**

### 13.1. (13.1) Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ

**13.1. Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасогии кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст.**

Дар вилоят 35 адад шифохонаҳо, 58 адад марказҳои саломатӣ ва 169 адад бунгоҳҳои тиббӣ фаъолият намуда, дар онҳо ба аҳолии шаҳру ноҳияҳо хизматрасонии тиббӣ ба роҳ монда шуда, шумораи онҳо дар сатҳи 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

Дар муассисаҳои табобатӣ- профилактикии вилоят 491 нафар духтур ва 1971 нафар корманди миёнаи тиббӣ машғули кор мебошанд, ки шумораи онҳо нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

Аз шумораи умумии табибони ҳамаи ихтисосҳо дар вилоят дараҷаи табибони дорои тахассуси олӣ дар вилоят 49,8%, дар шаҳру ноҳияҳои Рӯшон 54,5%, Хоруғ 44,1%, Ишкошим 42,4%, Дарвоз 27,0%, Ванҷ 26,6%, Шуғнон 23,0% ташкил дода, дар ноҳияҳои Роштқалъа 21,7%, ва Мурғоб 18,1% мебошад, ки аз ин ҳисоб хизматрасонии сифатноки тиббӣ ба аҳолӣ расонида намешавад.

Дар як вақт норасоии табибон дар шаҳру ноҳияҳои Мурғоб 22 нафар, Роштқалъа 11 нафар, Дарвоз 8 нафар, Шуғнон 7 нафар, Рӯшон 11 нафар, Ишкошим 7 нафар, Ванҷ 12 нафар ба назар мерасад, ки барои бартараф намудани он андешидани чораҳои заруриро ба миён омадааст.

Фарқияти нишондиҳандаи мазкур нисбати соли гузашта дар ноҳияҳои Шуғнон -2 нафар, Роштқалъа -2 нафар ва Ишкошим -3 нафар кам гардидааст.

Ин нишондод дар вилоят ва ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон, ва Мурғоб фарқият нисбати соли сипаригардида бетағйир боқӣ мондааст.

Дар ноҳияи Ишкошим дар соли 2019 сохтмони маркази саломатӣ дар деҳаҳои Зонги Ҷамоати деҳоти Зонг ва Вранги Ҷамоати деҳоти Вранг аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба маблағи 2830 ҳазор сомонӣ арзиши лоиҳавӣ сохта шуда мавриди истифода қарор дода шуданд.

Соли 2019 дар ноҳияи Роштқалъа бунгоҳи тибии деҳаи Занинс ҷамоати деҳоти М. Миршакар сохта ба истифода дода шуда, сохтмони бунгоҳи тиббӣ дар деҳаи Бидизи Ҷамоати М. Миршакар ва деҳаи Зигури Ҷамоати Тусиён дар назар дошта шудааст.

Таркиби сифатии норасоии мутахассисони дорои маълумоти олии тиббӣ дар муассисаҳои табобатию – профилактикии вилоят, хусусан дар ноҳияҳои Дарвоз - табиби оилавӣ, эҳёгар, асабшинос, нарколог, Роштқалъа-табиби оилавӣ, сироятшинос, асабшинос, силшинос, рентгенолог, дандонпизишки кӯдакона, ноҳияи Шуғнон-табиби оилавӣ, эҳёгар, кардиолог, сироятшинос, рентгенолог, табиби пуст, неонотолог, нарколог, Ишкошим-табиби тибби оилавӣ, эҳёгар, сироятшинос, рентгенолог, неонотолог, Мурғоб– табиби оилавӣ, эҳёгар, осебшинос, рентгенолог ва мутахассисони соҳаи санитарию – эпидемологӣ дар Марказҳои назорати давлатии санитарӣ-эпидемиологии вилоят, шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Дарвоз дар нуҳ моҳи соли 2019 барои аз таъмирӣ ҷорӣ баровардани ҳуҷраю шуъбаҳо ва гирду атрофи беморхона бо маблағи 3400 сомонӣ масраф гардидааст.

Дар ин давом 57 адад таҷҳизотҳои навъи муосири тиббӣ ба маблағи 40548 сомонӣ аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз шумораи дар боло зикргардида, 34 адад номгӯй ба беморхонаи марказӣ, 4 адад номгӯй ба тариқи ройгон ва 5 адад кати беморон ба маблағи 3750 сомонӣ ба беморхонаи минтақавии Нулванд, беморхонаи минтақавии Сағирдашт ба миқдори 15 адад номгӯй ба тариқи ройгон ва 5 кати беморон ба маблағи 3670 сомонӣ барои кӯмаки аввалияи тиббӣ 8 намуд номгӯи ройгон барои тамизкунӣ асбобҳои дандонпизишк ва

ба миқдори 1 адад таҷҳизоти тамизкуниро ба маблағи 22000, инчунин аз ҳисоби хазинаи Оғохон барои таваллудхонаи беморхонаи марказӣ 20-номгӯи таҷҳизотҳо ба маблағи 343367 сомонӣ таъмин карда шуда, дар истифода мебошанд.

Ба солимии аҳолӣ диққати зарурӣ дода шуда, дар давоми солҳои 2016-2019 аз ҳисоби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 297192 сомонӣ ва аз ташкилоти байналмилалии ЮНИСЕФ ба маблағи 343367 сомонӣ беморхонаи маркази ноҳия бо таҷҳизотҳои замонавӣ таъмин карда шуд.

Тибқи супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати-миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафари корияшон ба Ҷамоати деҳоти Сағирдашти ноҳия таҷҳизотҳои тиббӣ ба маблағи 29651 сомонӣ ва як мошинаи ёрии таъҷилӣ УАЗ-452 ба маблағи 219300 сомонӣ аз ҳисоби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас гардидаанд.

Моҳи сентябри соли ҷорӣ дар Ҷамоати Ғ.Бердибаев марказҳои саломатӣ аз нав сохта, ба истифода дода шуд. Дар ноҳияи Мурғоб 12 нафар кадрҳои тиббӣ намерасанд. Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз ҷумла ноҳияи Мурғоб барои соли 2019, 9 адад квотаи тиббӣ ҷудо гардид. Айни хол 23 нафар дар соҳаи тиббӣ таҳсил доранд ва дар оянда мушкилоти кадрӣ дар соҳаи тиб ҳалли худро ҳоҳад ёфт.

### 13.2. Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ

### Сил

Мувофиқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи вилоят дар соли ҷорӣ, гирифторони бемории сил 837 нафарро ташкил дода, номутобиқатии бо маълумотҳои шаҳру ноҳияҳо (311 нафар) ба назар мерасад.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи беморони касалии сил дар шаҳри Хоруғ 143 нафар, ноҳияҳои Роштқалъа 120 нафар, Шуғнон 49 нафар, Ишкошим 35 нафар, Рӯшон 32 нафар, Ванҷ 29 нафар, Дарвоз 17 нафар ва Мурғоб 4 нафарро ташкил додааст.

Зиёдшавии ин нишондиҳанда нисбати аввали соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ +53 нафар, Роштқалъа +76 нафар, Дарвоз +10 нафар ва Шуғнон +14 нафарро ташкил дода, ҷиҳати пешгирии бемории мазкур мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои болозикр фаъолиятро пурзӯр намуда, ҳамкориро бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷоннок намоянд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Мурғоб -1 нафар, Ишкошим -3 нафар ва Рӯшон -5 нафар кам гаштааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро инъикос менамояд.

### ВНМО

Мувофиқи ҳисоботи вилоят сироятёфтагони бемории ВНМО–БПНМ 684 нафар ба қайд гирифта шуда, номутобиқати бо маълумотҳои шаҳру ноҳия мушоҳида мегардад.

Ин нишондиҳанда дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Хоруғ 188 нафар, ноҳияҳои Шуғнон 127 нафар, Рошткалъа 34 нафар, Ишкошим 27 нафар, Ванҷ 22 нафар, Дарвоз 11 нафар, Рӯшон 5 нафар ва Мурғоб 4 нафарро ташкил медиҳад.

Зиёдшавии ин нишондиҳанда нисбати аввали соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ +18 нафар, Рӯшон +2 нафар, Ишкошим +2 нафар, Ванҷ +2 нафар, Рошткалъа +4 нафар ва Шуғнон +6 нафарро ташкил дода, бетағйир боқӣ монда аст, ки ҷиҳати пешгирии бемории мазкур мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо тадбирҳои саривақтӣ роҳандозӣ намоянд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Мурғоб -1 нафар кам гаштааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро инъикос менамояд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои пешгирии касалиҳои сироятӣ (хусусан сил ва ВНМО) чораҳои иловагӣ андешида, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ бо роҳи бартараф намудани норасоиҳои табибони дорои тахассуси дараҷанокӣ, дастрасии табибон ба аҳолӣ, бунёд ва таъмири иншоотҳои тиббӣ дар маҳалҳо мусоидат намоянд.

## Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**13.5.(13.5,13.6,13.7) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир) арзёби мегардад.**

**13.5.(13.6, 13.7) Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир),**
**13.5. Корҳои анҷомдода ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ, дар навбати аввал ятимону маъюбон шахсони бесарубонмондаву эҳтиёҷманд ва нафақахӯрону собиқадорон (банди 48 паём, Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19)**;

Дар соли 2019 1044 – адад воситаҳои техникии тавонбахшӣ ба маъюбони шаҳру ноҳияҳои вилоят тақсим карда шуда, аз ҷумла 49 адад аробачаи маъюбӣ, 142 адад асо, 63 адад асои нобино, 111 адад асобағал, 47 адад асои то оринҷ, 9 адад роҳрав (хадунок), 16 адад аппарати шунавоӣ ва 70 адад таъмири протези ба 533 нафар маъюб пойафзол дода шудааст.

Ҳамзамон, 17 нафар маъюб барои гирифтани протези пой ва ортез ба Корхонаи давлатии "Заводи протезию ортопедии шаҳри Душанбе" фиристода шуданд.

Дар ин давра аз ҷониби мутахассисони "Маркази Нур" ба 212 нафар кудакони имконияташон маҳдуд хизмати иҷтимоӣ, аз ин ба 192 - нафар онҳо хизматрасонии иҷтимоӣ ба таври рузонаю шабона, ба 14 нафар

ташхиси таббии ройгон ба 20 нафар хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона расонида шуд.

Бо мақсади саривақт ва босамар амалӣ гаштани ҳуқуқ ва манфиатҳои маъюбону пиронсолон айни ҳол дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят 8 шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона амал мекунанд, ки 59 нафар кормандони ин шӯъбаҳо ба 389 нафар (Дарвоз 22 нафар, Ванҷ 31 нафар, Рӯшон 52 нафар, Шуғнон 74 нафар, Роштқала 68 нафар, Ишкошим 35 нафар, Мурғоб 65 нафар, шаҳри Хоруғ 42 нафар) шахсони яккаву танҳо, пиронсолону маъюбон 10223 адад хизматҳои маишӣ, 3525 адад хизматҳои тиббии равонӣ, 788 адад хизматҳои ҳуқуқӣ, 2135 хизматҳои педагогӣ ва дигар хизматҳо 4059 адад, дар маҷмуъ 20730 адад хизматҳои иҷтимоӣ расонида шуд.

Шумораи оилаҳои камбизоат дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоят 5318 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1270 нафар кам гардидаанд.

Шумораи оилаҳои камбизоат дар ноҳияи Дарвоз +100 нафар (315) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд ба қайд гирифта шуда, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Ванҷ +69 нафар (550) нафарро ташкил дода, барои бартараф намудани тамоюли манфӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Камшавии шумораи оилаҳои камбизоат дар ноҳияҳои Шуғнон -476 нафар (1338 нафар), Ишкошим -434 нафар (1197 нафар), Роштқалъа -173 нафар (698 нафар) ва Рӯшон -165 нафар (955 нафар) ба назар расида, аз беҳтар гардидани ҳолати иҷтимоии сокинони ин ноҳияҳо шаҳодат медиҳад.

### 13.5 (13.6) Ҷараёни пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоию унвонӣ ва васеъ намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта

Дар давраи ҳисоботӣ ба бонкҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят маблағи 2497,9 ҳаз. сомонӣ ворид гардида, аз ин маблағ аз тарафи филиалҳои бонки БДА "Амонатбонк" 2140,9 ҳаз. сомонӣ ба оилаҳои камбизоат кумакпулӣ пардохт гардид. Аз маблағҳои мазкур ба ҳолати 25 декабри соли 2019 маблағи 357000 сомонӣ бақия мондааст, ки мувофиқи маълумотҳо рӯзҳои наздик пурра пардохт карда мешавад.

Дар доираи Барномаи кумаки унвонии иҷтимоӣ, дар соли 2019 дар вилоят ба 5318 – оилаҳои ниёзманд мақоми камбизоатӣ (аз ҷумла: дар ноҳияҳои Дарвоз 415 оила, Ванҷ 619 оила, Рӯшон 790 оила, Ишкошим 763 оила, Роштқалъа 525 оила, Шуғнон 862 оила ва Мурғоб 568 оила дода шуд, ки барои таъмини нишондиҳандаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарордошта мусоидат менамояд.

Вобаста ба шумораи оилаҳои камбизоат аз шаҳри Хоруғ маълумот пешниҳод нагардидааст.

Қобили зикр аст, ки ҳамагӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (аз давраи 1 октябри соли 2018 то 1 октябри соли 2019) 5318 оила

ҳамчун оилаи камбизоат эътироф гардида, аз пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ бархурдор мебошанд.

Дар соли ҷорӣ шумораи умумии нафақахӯрон, дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилоят 28669 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 624 нафар зиёд гардидааст.

Нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 шумораи умумии нафақахӯрон дар шаҳри Хоруғ +213 (3848) ноҳияҳои Мурғоб +91 нафар (2957 нафар), Ванҷ бетағйир (3487 нафар), Рӯшон +105 нафар (3424 нафар), Шуғнон +122 нафар (4960 нафар), Ишкошим +64 нафар (3431нафар), Дарвоз +50 нафар (2494 нафар) ва Роштқалъа +36 нафар (3309 нафар) зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои зарурииро барои назорати таъмини пардохти саривақтии нафақаи онҳо тақозо менамояд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии моддию молиявии гурӯҳҳои осебпазир, кам намудани шумораи оилаҳои камбизоат ва фароҳам овардани муҳити дастрас барои маъюбон ҳамкориҳоро тақвият бахшанд.

## 14. Рушди соҳаи фарҳанг
## (банди 36-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи фарҳанг бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ 14.1.** (14.1, 14.2) **Сохтмон ва таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ ва ёдгориҳои таърихи арзёбӣ гардиданд.**

Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 4 театр, 53 қаср ва хонаи фарҳанг, 10 мактаби мусиқӣ, 58 клуб, 180 китобхона, 10 осорхона, 1 боғи фарҳангӣ фароғатӣ мавҷуд мебошанд, ки аз онҳо 99 адад таъмирталаб буда, 18 адад муассисаҳои фарҳангии вилоят таъмир карда шудааст.

Дар вилоят дар 10 адад муассисаҳои таълимӣ фарҳангӣ, ки аз онҳо 7 мактаби санъат ва 3 мактаби мусиқӣ мебошанд, теъдоди 1655 нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шуда, ба онҳо 204 нафар омӯзгорон фаъолият намуда истодаанд.

Бояд қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар замимаи зербанди мазкур бо нишондиҳандаи умумии вилоят мутобиқат намекунанд, аз ин лиҳоз масъулини соҳаро зарур аст, ки ҷиҳати бартараф намудани номутобиқати тадбирҳо андешанд.

Ҳамзамон, дар ноҳияи Дарвоз сохтмони 1 адад китобхона ба маблағи 70,0 ҳазор сомонӣ дар иншоотҳои ҷашнӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст, ки соли 2020 пурра ба истифода дода мешавад. Инчунин, соли 2019 гирду атрофи бинои қасри фарҳанги ноҳия ба маблағи 4000 ҳазор сомонӣ пурра таъмир карда шуда, хонаи фарҳанги деҳаи Рузвай ба маблағи 600 сомонӣ аз таъмири ҷорӣ бароварда шуд.

Дар ноҳияҳои Ишкошим ва Мурғоб дар соли 2019 ҷиҳати бунёд, таҷдид ва азнавсозии муассисаҳои соҳаи фарҳанг ягон кор роҳандозӣ

нагардидааст. Иловатан ба ин сохтмони бинои хонаи фарҳанг, дар деҳаи Лангари Ҷамоати деҳоти Зонг аз тарафи шуъбаи сохтмони асосии вилоят 2,4 млн сомонӣ ба нақша гирифта шуда, корҳои сохтмонӣ идома дорад.

Мувофиқи ҳисоботи вилоят, мактаби мусиқии бачагона 10 адад буда аз ин шумора 3 адад таъмирталаб мебошад ва ин нишондод нисбат ба аввали соли 2019 бетағйир аст. Инчунин, номутобиқати бо маълумотҳои шаҳру ноҳияҳо (9 адад ҳамагӣ, аз ин 6 адад таъмирталаб) ба назар мерасад, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ҷиҳати ислоҳ намудани номутобиқатии нишондиҳандаҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

**14.2. Таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар шаҳру ноҳияҳо, бо ҷалби соҳибкорону сармогузорон бунёд намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар гирду атрофи онҳо (банди 36 паём);**

Мутобиқи маълумоти пешниҳоднамудаи вилоят дар давраи ҳисоботӣ ягон муассисаи фарҳангӣ азнавсозӣ карда нашуда, аз таъмирӣ асосӣ баровarда нашудааст. Сохтмони театри замонавӣ дар маркази вилоят шаҳри Хоруғ идома дорад.

Дар ҳудуди ноҳияи Дарвоз, ки яке аз ёдгориҳои таърихӣ қалъаи “Карон” дар деҳаи Рузвай ҷойгир буда, бо ҷалби соҳибкорону сармоягузорон қисман таъмиру таҷдид карда шуда, дар ин мавзеъ инфрасохтори сайёҳӣ сохта нашудааст.

Дар ҳудуди ноҳияи Ишкошим теъдоди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ба 103 адад мерасанд, ки аксарияти онҳо ба таъмиру таҷдид ниёз доранд, аммо новобаста ба ин мушкилот дар ноҳия аз ҷониби соҳибкорон инфрасохтори гирду атрофи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ мавзеҳои қалъаи Намадгут, қалъаи Ямчун, маъбади Буддоӣ ва қаълаи Абрешим бунёд ва азнавсозӣ карда шудааст.

Дар ноҳияи Рӯшон бо мақсади азнавбарқароркунии Қалъаи мазкур дар доираи тасдиқи Барномаи ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020 аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 ба маблағи 130,0 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, аз ҷониби ширкати сохтмони «Акмал» қисми деворҳои харобгаштаи он азнавсозӣ ва барқарор карда шудаанд.

Дар ноҳияи Рӯшон яке аз ёдгориҳои таърихӣ Мазори Шоҳтолиби Сармаст соли 2019 аз ҷониби БҶИИМК-и хазинаи Оғохон аз таъмири ҷорӣ ба маблағи 37 ҳазор сомонӣ баровarда шудааст.

Айни ҳол дар ҳудуди ноҳия 55 адад ёдгориҳои таърихӣ номнавис ва мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, аз ҷумла, 7 қалъа, 18 зиёратгоҳ, 5 қадамгоҳ, 5 чанори азим, 5 музейи таърихии кишваршиносӣ, 4 чашмаи шифобахш, 2 мақбара, 1 ҳайкали ёдгорӣ мавҷуд мебошад.

Дар ноҳияи Роштқалъа 121 адад ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ба қайд гирифта шудааст, аз он ҷумла 18 адад қалъа, 11 адад мазор, 8 адад қадамгоҳ, 4 адад навиштаҷот рӯи санг, 2 адад ҷойҳои таърихӣ, 6 адад ғор ва 2 адад мақбара мавҷуд мебошад.

Қайд кардан зарур аст,ки лавҳаи ёдгории “Ҷанги Бузурги Ватани”и Ҷамоати деҳоти Қ. Гадолиев ба маблағи 10,0 ҳазор сомонӣ аз тарафи Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ аз таъмир бароварда шудааст.

Дар шаҳри Хоруғ бо ибтикори соҳибкорони маҳаллӣ дар шаҳр баҳри таъмини инфрасохтори сайёҳӣ марказҳои ҳунарҳои мардумӣ аз ҷумла “Де-Памирӣ”, “Помир-Лодҷ”, “Бадахшон-Тревел” ва меҳмонхонаҳои замонавии “Серена”, “Лаъл”, “Кивекас” ва “Памир Палас” бунёд гардидаанд, ки ин омилҳо барои ҷалби бештари сайёҳон ба шаҳр ва муаррифии ҳунарҳои мардумии тоҷикони Бадахшон мусоидат менамоянд.

Дар ноҳияи Мурғоб давоми соли 2019 бо сабаби набудани соҳибкорону сармоягузорон таъмиру таҷдиди инфрасохторҳои сайёҳӣ роҳандозӣ нагардидааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, дар якҷоягӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши мушкилотҳои соҳаи фарҳанги шаҳру ноҳияҳои вилоятро ташкил намуда, ҷиҳати ҳалли онҳо ва беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои фарҳангии дар ҳолати садамавӣ ва таъмирталаб қарор дошта, бунёди инфрасохтори сайёҳӣ дар қалъаи “Карон”-и ноҳияи Дарвоз чораандешӣ намоянд.

## 15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ: (банди 2, 32-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза, 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, 15.3 (15.4) Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор, 2018-2028” дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон арзёбӣ гардиданд.**

### 15.1. (15.1, 15.2) Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза,

**15.1.Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва бо фоиз нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ ва бақияи карзи он),**

Дар соли 2019 ҳисоботӣ мутобиқи маълумоти пешниҳоднамудаи вилоят шумораи аҳолӣ 227,7 ҳазор нафар буда, аз он 184,7 нафари аҳолӣ бо оби ошомиданӣ таъмин буда, дар вилоят 81,1%-ро ташкил додааст.

Нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза дар шаҳри Хоруғ 86,9%, ноҳияҳои Дарвоз 73,8%, Ванҷ 82,1%, Роштқалъа 81,7%, Рӯшон 84,6%, Шуғнон 84,6%, Ишкошим 82,0%, ва Мурғоб 61,9% ба назар расида, ҷиҳати дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи ошомиданӣ замина гузошта шудааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Мурғоб 61,9% баробар мебошад, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳияро зарур аст, ки ҷалби сармоягузории беруна ва дохиларо ба роҳ монда, ҳамкориҳоро бо мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ вусъат бахшида шаванд.

Дар шаҳри Хоруғ ҳолати вазнини молиявии корхонаи фаръии таъминоти об ва канализатсияи шаҳр ба назар мерасад, ки қарзи кредитории корхона 4,9 млн. сомониро ташкил медиҳад, аз он ҷумла дар назди Ширкати "Помир Энерҷӣ" 2 млн. 30 ҳазор сомонӣ, дар назди БАТР 2 млн 494 ҳазор сомонӣ, андозҳо 406,5 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби 8 фоизи шартнома бо КВД "ХМК"-и ҷумҳуриявӣ 38600 сомонӣ қарздор мебошад. Қарзҳои дебитории КФОТ-и шаҳри Хоруғ бошад, маблағи 755400 сомониро ташкил медиҳад, аз ҷумла, аз ҳисоби корхонаҳои буҷавӣ 273900 сомонӣ, корхонаҳои тиҷоратӣ 24100 сомонӣ, аҳолӣ 27400 сомонӣ ва аҳолии имтиёздошта 430000 сомониро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки дар вилоятдар 51 деҳа(23987 нафар) ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надошта дар 81 деҳа (31187 нафар) қисман ба оби нӯшокӣ дастрасӣ доранд, аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Дарвоз дар 16 деҳа (6100 нафар), Ванҷ дар 4 деҳа (2442 нафар), Рӯшон дар 14 деҳа (5009 нафар), Шуғнон дар 2 деҳа (534 нафар), Рошткалъа дар 8 деҳа (1008 нафар), Ишкошим дар 15 деҳа (12681 нафар), Мурғоб 5 деҳа (395 нафар), Хоруғ 3 маҳаллаи аҳолинишин (1918 нафар) ба оби нӯшокӣ дастрасӣ надошта, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти марказӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки нисбати мушкилоти бамиёномада чораҳои таъхирнопазир роҳандозӣ намоянд.

### 15.2. Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ

Ба давраи ҳисоботии соли 2019 барои сохтмони хати обгузари маҳаллаи навбунёди Ваҳдат, маблағи 216,0 ҳазор сомонӣ ва барқарорсозии системаи обтаъминкунии маркази ноҳияи Ванҷ ба маблағи 294,2 ҳазор сомонӣ аз ҷониби КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо гардида, аз худ карда шудаанд. Хати оби нӯшокии деҳаи Бовид ба маблағи 1000,0 ҳазор сомонӣ бо маблағгузории хусусӣ ба истифода дода шуд.

Дар ноҳияи Дарвоз давоми соли 2019 бо дастгирии ташкилотҳои ғайридавлатии "Миссияи Шарқ" дар деҳаҳои Пастироғ, Сафедорони Ҷамоати деҳоти Сағирдашт ва Ширги Ҷамоати деҳоти Қалъаихумум бо оби нӯшокӣ таъмин карда шудааст.

Аз ҷониби Барномаи ҷонибдории инкишофи манотиқи кӯҳистони Хазинаи Оғохон бошад, дар соли 2019 бо ҷалби сармояи хориҷӣ бо маблағи 730 ҳазор сомонӣ дар масофаи 6 км борои деҳаҳои Қалъаихум ва деҳаи Даштаки Ҷамоати деҳоти Қалъаихум хатти оби нӯшокӣ кашида шуда, аҳолӣ пурра бо оби нӯшокӣ таъмин гаштаанд. Тибқи нақшаи пешбинишуда дар ҳамкорӣ бо ташкилоти мазкур барои соли 2020 масъалаи

таъминот бо оби нӯшокӣ идома дошта, деҳаҳое, ки бо оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд, таъмин карда мешаванд.

Дар соли 2019 барои корҳои лоиҳакашии шабакаҳои обу канализатсияи маркази ноҳияи Рӯшон маблағи 65,4 ҳазор сомонӣ аз ҷониби КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо гардид. Сохтмони хати оби нӯшокии деҳаи Ҷадуд (4253м) бо маблағгузории БҶИИМК-и Хазинаи Оғохон ба маблағи 116,7 ҳазор сомонӣ, сохтмони хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Хуфи ҷамоати деҳоти Пастхуф (2815 м) бо маблағгузории ширкати Глобал Партнерс ба маблағи 190,8 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ ба анҷом расида, хати обгузари мавзеи Ҷангали деҳаи Пастхуф ба маблағи 65,0 ҳазор сомонӣ бо маблағгузории сафорати Амрико, хати оби нӯшокии деҳаи Разуҷ ба маблағи 95,0 ҳазор сомонӣ бо маблағгузории «Ҳилоли Аҳмар», хати оби нӯшокии деҳаи Ҷадуд ба маблағи 264,0 ҳазор сомонӣ бо маблағгузории Барномаи Хазинаи Оғохон, хати оби нӯшокии деҳаи Деҳ ба маблағи 268,0 ҳазор сомонӣ бо маблағгузории Барномаи «Глобал-Партнес», хати оби нӯшокии деҳаи Хуф ба маблағи 220,0 ҳазор сомонӣ бо маблағгузории Барномаи «Глобал-Партнес» ва хати обгузар дар деҳаҳои Шидз - Санобод ва Пастбаҷув ба маблағи 896 ҳаз. сомонӣ сохта истифода дода шуд.

Дар ноҳияи Роштқалъа сохтмони 18 нуқтаи обгузар гузаронида шуд, ки маблағи умумии он 2601,7 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Ишкошим соли 2019 барои барқароркунии системаи обтаъминкунии маркази ноҳия маблағи 66 ҳазор сомонӣ аз ҷониби КВД “ХМК” Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо гардиданд, сохтмони хати оби нӯшокӣ дар деҳаи Удит барои 34 хоҷагӣ ба маблағи 110,9 ҳазор сомонӣ бо маблағгузории БҶИИМК-и Хазинаи Оғохон корҳои сохтмонӣ анҷом ёфта, сохтмони хати оби нӯшокии деҳаи Вранги Ҷамоати деҳоти Вранг (1990 м) ба маблағи 25,7 ҳазор сомонӣ бо маблағгузории Барномаи “Глобал Партнес” сохта ба истифода дода шуданд.

Дар шаҳри Хоруғ соли 2019 барои беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ ва идораю муассисаҳои кучаҳои маркази шаҳр бо ташаббуси роҳбарияти вилоят ва бо маблағгузории Оҷонсии Хазинаи Оғохон оид ба макони зист дар ҳамкорӣ бо ҳукумати Швейтсария сохтмони хати обгузар аз маҳаллаи Дашти боло то маркази шаҳр бо маблағи 849,5 ҳаз сомонӣ ба роҳ монда шуда, баъди ба истифода дода шудани он кучаҳои маркази шаҳр пурра аз оби ошомиданӣ таъмин гардиданд.

Ҳамзамон, бо оби нӯшокӣ таъмин намудани маҳаллаи Шарифобод бо дастгирии Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (маблағи 14000 сомонӣ) барои харидории насоси обкаш, қубурҳои обгузар ва дигар қисмҳои танзимкунанда ҷудо гардида, ки дар муддати кутоҳ маҳаллаи Шарифобод оби тозаи ошомиданӣ таъмин гардид.

Корҳои анҷомдодаи шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Ванҷ, Ишкошим, Роштқалъа ва Дарвоз ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, мусоидат намудааст.

### 15.2. (15.3) Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020

Вобаста ба барномаи болозикр дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ишкошим, Шуғнон, Роштқалъа ва Мурғоб маълумот омода нагардидааст.

Вобаста ба иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар ноҳияҳои Ванҷ ва Дарвоз як қатор корҳо ба иҷро расонида шуда, вобаста ба ин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои мазкур дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатии “Миссияи Шарқ”, Хазинаи Оғохон ва Ҳилоли Аҳмар-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъминоти деҳаҳои дурдаст бо оби нӯшокӣ ҷалб карда шуд.

Соли 2019 дар бинои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаи татбиқи лоиҳаҳои инвестисионии «Беҳтар намудани шабакаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия дар шаҳри Хоруғ» аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «ХМК»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд ба имзо расид, ки маблағи умумии сармоягузорӣ 4,0 млн. доллари ИМА-ро дар бар гирифта, аз он 2,0 млн. доллари ИМА қарзи бонкӣ ва 2,0 млн. доллари ИМА грантро ташкил медиҳад. Бо амалӣ гадидани барномаи мазкур таъминоти аҳоли ва идораю муассисаҳои шаҳр беҳтар хоҳад гашт.

Ҳамзамон, дар ноҳияи Рӯшон дар доираи барномаи мазкур, барои таъмини аҳолии ноҳия бо оби нушокӣ, бо назардошти ҳамаи сарчашмаҳо дар ҳаҷми 7,5 млн.сомонӣ маблағ пешбинӣ гардидааст. Дар сурати амалӣ гардидани чорабинии мазкур, масъалаи таъминоти оби нӯшокӣ, дар ноҳия пурра ҳалли худро меёбад. Бояд қайд намуд, ки мушкилоти мазкур дар 9 моҳаи соли 2019 низ ба назар мерасид.

Вобаста ба иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Шуғнон оид ба оби нушокӣ ба солҳои минбаъда пешбинӣ карда нашудааст.

### 15.3 (15.4) Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор, 2018-2028” дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон

Вобаста ба эълон гардидани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор солҳои 2018- 2028» мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Нақша чорабиниҳоро таҳия ва тасдиқ намуда, давра ба давра амалӣ намуда истодааст. Аз ҷониби мутахассисон дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят конфронс, сӯҳбату вохӯриҳо инчунин, озмунҳо дар доираи масъалаи мазкур баргузор карда шудааст.

Дар мавзӯҳои “Об барои рушди устувор”, аксияи «Тозагии соҳил» дар шаҳру ноҳияҳо, оид захираҳои оби Бадахшон, оид ба пиряххои Бадахшон ва аҳамияти онҳо ва оид ба “Сарез-нозанини хуфта” тариқи телевизиони Бадахшон 18 маротиба, 3 маротиба тавасути телевизиони шабакаи якуми Тоҷикистон, 4 маротиба ба воситаи телевизиони Сафина

баромадҳо ва намоишҳо пешкаши тамошобинон гардидаанд. Тавассути радиои вилоятӣ 14 маротиба ва радиои тоҷик 6 маротиба баромадҳо дар мавзӯи об ба шунавандагон пешкаш карда шуд, ки маълумоти мазкур нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

Дар ноҳияи Ишкошим вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии "Об барои рушди устувор, 2018 – 2028" дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон дар ин давра се маротиба мизи мудаввар бо фарогирии зиёда аз 95 нафар шунавандагон бо иштироки ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ, ки дар ноҳия фаъолият доранд,баргузор гардид.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои баланд бардоштани дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза, беҳтар намудани ҳолати молиявии Корхонаи давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру ноҳияҳо тадбирҳои зарурӣ пешбинӣ намоянд.

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ**

**15.5.** (15.5, 15.6)**Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ**

**15.5. Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии "Шуғли сабз", вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ (Нақша - чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 "Соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ");**

Дар шаҳри Хоруғ ва маркази ноҳияҳои вилоят нуқтаҳои партовҳои маишӣ (полигон, свалка) мавҷуд буда, дар назорати доимии КВД "ХМК"-и шаҳру ноҳияҳо қарор доранд.

Ҳаҷми баровардани партовҳо 27,3 ҳазор метри кубӣ ташкил дода, даромаднокӣ бошад, маблағи 1505,7 ҳазор сомонӣ ташкил медиҳад, ки ин 90 фоизи нақшаро дар бар мегирад, аз он ҷумла, дар шаҳри Хоруғ 13,1 ҳазор метри кубӣ, ноҳияи Дарвоз 2,2 ҳазор метри кубӣ, ноҳияи Ванҷ 2,6 ҳазор метри кубӣ, ноҳияи Рӯшон 3,5 ҳазор метри кубӣ, ноҳияи Шуғнон 0,3 ҳазор метри кубӣ, ноҳияи Роштқалъа 1,1 ҳазор метри кубӣ, ноҳияи Мурғоб 2,6 ва ноҳияи Ишкошим 1,9 ҳазор метри кубиро ташкил мекунанд.

Дар вилоят 515 адад лампаҳои каммасрафи симобдори аз истифодабаромада, аз ҷумла дар шаҳри Хоруғ 16 адад, дар ноҳияи Дарвоз 174 адад, ноҳияи Ванҷ 65 адад, ноҳияи Рӯшон 35 адад, ноҳияи Шуғнон 39 адад, ноҳияи Роштқалъа 76 адад, ноҳияи Ишкошим 60 адад ва ноҳияи Мурғоб 50 адад дар нуқтаҳои қабул боқӣ мондаанд.

Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят айни ҳол ягон корхонаи безараргардонии лампаҳои каммасрафи симобдори аз истифодабаромада мавҷуд набуда, вобаста ба иҷрои супориши Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 17 феврали соли 2018 таҳти № 18128(22.4) ҷиҳати дар марказҳои вилоятҳо ва шаҳри Душанбе бо ҷалби маблағҳои буҷетӣ ва маблағҳои мақсадноки грантӣ ба истифода додани корхонаҳои хурди безараргардонии лампаҳои

каммасрафи симобдори аз истифода баромада, мактуби раиси ВМКБ №1/118 аз 16 марти соли 2018 ба Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид, аммо то ҳол дастгирӣ ва маблағгузорӣ нагардидааст.

### 15.6. Корҳои анҷомдодашуда дар доираи барномаҳои соҳавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо) дар шаҳру ноҳия (дар асоси иҷрои ваколатҳои ММҲД ҚҶТ “Дар бораии ҳифзи муҳити зист” моддаи 10)

ҚҶТ “Дар бораии ҳифзи муҳити зист”

Моддаи 10. “Ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист”

Банди 2. Таҳия ва татбиқи барномаҳо ва нақшаҳои амал оид ба ҳифзи муҳити зист.

Дар соли 2019 шаҳри Хоруғ даромади корхонаи Хоҷагии манзилию комуналӣ маблағи 713 527 сомониро(аҳоли 282,8 ҳаз. сомонӣ, аз идораву корхонаҳо 430,6 ҳаз. сомонӣ) ташкил дод. Қарздории дебиторий корхона маблағи 276,3 ҳаз. сомониро ташкил дода, қарздории кредиторӣ бошад маблағи 482,6 ҳаз. сомониро ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Дарвоз вобаста ба иҷрои барномаи соҳавӣ намояндагии корхонаи воҳиди давлатии “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” дар ноҳия ба маблағи 53518 сомонӣ хизмат расонид, ки ин нисбати соли гузашта 1989 сомонӣ зиёд буда, 107,0 фоизи нақшаи истеҳсолиро ташкил дод.

Дар ин давом ба 258 шартнома ба аҳолӣ ва корхонаҳо баста шуда, сари вақт корхонаи мазкур ӯҳдадориҳоро иҷро менамояд.

Намояндагии КВД «Хоҷагии манзил-коммуналӣ» дар ноҳияи Роштқалъа дар соли 2019 барои корҳои тозакунӣ ва дигар корҳо дар маҷмуъ ба маблағи 453,9 хазор сомонӣ сомонӣ пешбинӣ гардида, хароҷоти маблағ 472,9 ҳазор сомонӣ ё 104% ташкил медиҳад.

Дар ноҳияи Ишкошим дар сатҳи миллӣ ба мақсади рушди соҳаи коммуналӣ, беҳдошт ва сифати хизматрасониҳо бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 – июли соли 2010, №321 “ Консепсияи ислоҳоти хоҷагии манзилию коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2025” қабул гардида, айни ҳол дар марҳилаи амалишавӣ қарор дорад.

Бояд қайд намуд, ки маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Дарвоз ва Ишкошим нисбати 9 моҳи соли 2019 бетғйир боқӣ мондааст.

Шӯъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Мурғоб 124 объектҳо дар самти ҷойгиркунии партовҳо, ҳавои атмосферӣ ва барои истифодабарии захираҳои табӣ аз ҳисоби ҷойгиркунии партовҳо 8189 сомонӣ, барои ҳавои атмосферӣ 962 сомонӣ, барои моҳи 1165 сомонӣ, барои олами ҳайвонот аз ҳисоби шикор 163224 сомонӣ ва аз ҳисоби зарари олами ҳайвонот 955 сомонӣ ба суратҳисоби шуъбаи ҳифзи муҳити зисти ноҳия ва буҷаи маҳалли ворид гардидаанд.

Вобаста ба иҷрои ваколатҳои мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар қонуни мазкур пешбинигардида, дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои Роոштқалъа, Шуғнон, Рӯшон ва Ванҷ маълумот омода карда нашудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои таҳияи лоиҳа оиди азнавсозӣ ва сохтмони хати коррезии шаҳр ва марказҳои ноҳияҳо, амалигардонии лоиҳаи идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳияҳо, иҷрои ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии дар ҚҶТ "Дар бораии ҳифзи муҳити зист" пешбинигардида ба ҳамоҳангсозии фаъолият тақвият дода шавад.

## 16. Таъмини устувори экологӣ

**Нишондодҳои пешакии таъмини устувори экологӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 16.1. (16.1, 16.2) Пешгирии ҳолатҳои фавқулода, 16.2. (16.3) Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқарраргардида, арзёби гардиданд.**

### 16.1. (16.1,16.2.) Пешгирии ҳолатҳои фавқулода

### 16.1. Корҳои анҷомдодашуда оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо

Дар соли 2019 дар шаҳри Хоруғ барои тоза намудани маҷрои дарёи Ғунд дар масофаи 250 метри бо ҳаҷми 9100 метри кубӣ аз сангу шағал аз тарафи Филиали Оҷонсии Оғохон оид ба макони зист сузишвории дизелӣ ба миқдори 2 тонна ва аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят техникаи Эксаватор ҷудо гардидааст, тоза карда шуд.

Дар соли 2019 аз тарафи Филиали Оҷонсии Оғо Хон оид ба макони зист дар маҳаллаи Тем зинакунонии нишебӣ ба маблағӣ 25 ҳаз.доллари амрикоӣ ва дар дигар қисматҳои шаҳр 46 ҳазор доллари ИМА пешбинӣ шудааст.

Соли 2019 дар Дарвоз ҷиҳати анҷом додани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят сӯзишворӣ ва симтӯр дастрас гардонида шуд, ки ба ноҳияи Дарвоз низ 5 ҳазор литр сӯзишворӣ ва 126 дона симтӯр ворид гардида, соли 2018 дар мавзеҳои хавфнок 2030 литр сӯзишворӣ ва 76 дона симтӯр истифода бурда шуда, боқимонда 2970 литр сӯзишворӣ ва 54 дона симтур истифода бурда шуданд.

Дар ноҳияи Ванҷ тозакунии ва корҳои соҳилмустаҳкамунии дарёи Ванҷоб дар масофаи 700м$^2$ анҷом дода шуд. Барои иҷрои ҳаҷми ин кор 2000 литр сузишворӣ ҷудо гардид.

Дар ноҳияи Ишкошим ҷиҳати корҳои соҳилмустакамкунӣ дар рудхонаҳои Зугванд 2000 литр сузишвории дизелӣ ва 400 м$^2$ симтур ҷудо гардид, ки ҳодисаҳои аз шусташавии замини корам пешгирӣ карда шуд.

Ҳамзамон, соли 2019 ноҳияи Рӯшон бо маблағгузории Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораёни корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Дашти Вомар ба масофаи 525 метр оғоз гардида, ба

ин мақсад 1646 ҳазор сомонӣ сарф карда шуд. Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ идома дорад.

Дар ноҳияи Шуғнон корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ аз тарафи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тоза кардани рӯдхонаи деҳаи Барсеми Ҷамоати деҳоти Сучон дар масофаи 1200 метр симтур ва сӯзишвории дизелӣ ба миқдори 3000 литр ҷудо гардид. Барои тоза намудани рӯдхонаи деҳаи Патхури Ҷамоати деҳоти Ванқалъа корҳои тозакунӣ рӯзҳои наздик боз карда мешаванд.

Дар давраи ҳисоботии ноҳияи Мурғоб аз тарафи башардустонаи Глобал Партнерс ба Ҷамоати деҳоти Мурғоби ноҳияи Мурғоб барои соҳилмустаҳкамкунӣ назди купруки пиёдагарди “НБО”-и “Тоҷикистон” 1000 (як ҳазор) литр ва аз тарафи Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 300 (се сад) литр сӯзишворӣ дизелӣ ҷудо карда дода шуд. Рузҳои 16 то 26 сентябри соли ҷорӣ дар мавзеи мазкур дар қад қади дарёи Оқсу аз тарафи қувваю воситаҳои мудофиаи граждании хадамоти роҳ ва нақлиёти ноҳия ва аз тарафи сокинони “НБО”-и “Тоҷикистон” ҳашар ташкил намуда, ҳамагӣ 16 нафар 1 адад боркунак ва 1 адад мошини боркаш кор ва фаъолият намуда, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ пурра ба анҷом расонида шуд.

Дар деҳаи Анҷиди Ҷамоати деҳоти Роштқалъа бо ҷалби сармояи хориҷӣ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо маблағи 449,0 ҳазор сомонӣ корҳо анҷом дода шуда, дар деҳаи Савири ноҳияи Роштқалъа дар масофаи 280 метр дар арафаи анҷомёбист.

Вобаста ба масъала маълум менамоем, ки барои пешгирӣ намудани зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар зери хатари экологӣ истиқоматкунанда аз тарафи масъулин корҳои фаҳмондадиҳӣ дар маҳалҳои ноҳияҳои вилоят гузаронида шуда, бо 59 хоҷагиҳое, ки дар соли 2018 тибқи нақша бояд ба ҷои бехатар кӯчонида мешуданд суҳбатҳо гузаронида, ба ҳар як хоҷагӣ маблағи муайян дода шуд. Инчунин дар ин муддат бо 53 хоҷагӣ, ки имсол бояд ба ҷои бехатар кӯчонида мешаванд, суҳбатҳо гузаронида шуданд. Бояд қайд намуд, ки ба 59 хоҷагӣ бо қарорҳои раисони ноҳияҳои вилоят барои сохтмони хонаи истиқоматӣ қитъаи замин ҷудо гардиданд.

Аз тарафи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи Раёсати кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ дар вилоят огоҳиномаҳо ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ванҷ 32 адад ва Дарвоз 18 адад ворид гардида, аз тарафи бахши ноҳия, ҷамоатҳо, хадамотҳои дахлдори ноҳия хабардор карда шуда, аҳолие, ки дар минтақаҳои хавфнок истиқомат доранд аз тарафи ин ниҳодҳо хабардор карда шуда, ба аҳолие, ки дар минтақаҳои ниҳоят хатарнок истиқомат доранд огоҳинома оиди то ба эътидол омодани вазъият муваққатан тарк намудани манзилҳои зисташон дода мешавад.

Дар ноҳия Рӯшон аҳолии 31 деҳа (208 хонавода) дучори ҷараёнҳои геологии таҳдидкунанда мебошанд. Шумораи бештари аҳолӣ дар мавзеи

хавфнок дар ҷамоатҳои Рӯшон (379 нафар) ва Бартанг (231 нафар) зиндагӣ мекунанд. Ҷамоатҳои осебпазир Бартанг ва Басид маҳсуб меёбанд.

Дар ноҳияи Шуғнон зери 14 адад мавзеъҳои хавфноки Ҷамоати деҳоти Ванқалъа 183 хоҷаги 976 нафар аҳолӣ Ҷамоати деҳоти Вер 6 адад 63 хоҷаги 330 нафар аҳолӣ, Ҷамоати деҳоти Навобод 10 адад 328 хоҷаги 2534 нафар аҳолӣ, Ҷамоати деҳоти Сучон 13 адад 109 хоҷаги 407 нафар аҳолӣ, Ҷамоати деҳоти Ғарибшо Шаҳбозов 7 адад 234 хоҷаги 1320 нафар аҳолӣ Ҷамоати деҳоти Мирзоҷон Ширинҷонов 5 адад 211 хоҷаги 1256 нафар аҳолӣ, Ҷамоати деҳоти Поршинев 8 адад 1207 хоҷаги 7260 нафар аҳолӣ қарор доранд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рӯшон ва Шуғнон барои пешгирии ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табиии дошта фаъолиятро дар самти ҷалби аҳолӣ ва ба ҳамкорӣ бо мақомоти марказӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ тақвият бахшида шавад. Хамзамон, масъулини соҳаи боқимонда шаҳру ноҳияҳои вобаста ба пешниҳод намудани маълумотҳои такрори аз ҷамъбасти натиҷаҳои 9 моҳаи соли 2019 чораҳои мушаххас андешиданд.

Хамзамон, маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рӯшон, Шуғнон, Мурғоб ва Рошткалъа вобаста ба банди мазкур нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки тибқи маълумоти Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №5/3-2012 барои таъмини аҳолии минтақаи водии Бартанги ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ҳолати рахнашавии сарбанди кӯли Сарез дар 16 нуқтаи аҳолинишин анборҳои маводи ниёзи мардум дар ҷойҳои бехавф сохта шудааст. Инчунин системаи огоҳкунонии аҳолӣ ва ҳайати роҳбарикунандаи мудофиаи граждании тамоми сохторҳо ҳангоми рахна шудани сарбанд омода карда шудааст.

Бо супориши раиси Кумита ҳангоми зарурат дар ноҳияи Ванҷи ВМКб дидбонгоҳо таъсис дода мешаванд.

### 16.2. (16.3) Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқаррааргардида, арзёби гардиданд.

### 16.3. Мавҷудият ва ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ будани нуқтаҳои партовҳои маиши (полигон, свалка), ташкили супоридани лампаҳои симобдор ба нуқтаҳои коркард

Дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят айни ҳол ягон корхонаи безараргардонии лампаҳои каммасрафи симобдори аз истифодабаромада мавҷуд набуда, нуқтаҳои партовҳои маишӣ (полигон, свалка) дар назорати доимии КВД “ХМК”-и шаҳру ноҳияҳо қарор доранд.

Бо мақсади безараргардонии лампаҳои каммасрафи симобдори аз кор баромада, ки аз аҳолӣ ва идораву корхонаҳо ҷамъоварӣ карда шудааст, дар соли 2019 аз тарафи соҳибкори инфиродӣ 5344 адад ба шаҳри Исфараи вилояти Суғд интиқол дода шуданд.

Дар вилоят соли 2019 25-адад нуктаҳои ҷамъоварии лампаҳои симобдор ташкил карда шудааст. Аз ин ҷумла дар ноҳияи Дарвоз 1-адад, ноҳияи Ванҷ 7- адад, ноҳияи Рӯшон 5-адад, ноҳияи Шуғнон 7-адад, ноҳияи Роштқаъла 6-адад, ноҳияи Ишкошим 1-адад, ноҳияи Мурғоб 1-адад, шаҳри Хоруғ 3-адад нуктаи ҷамъоварӣ мавҷуд мебошад.

Дар маркази ноҳияи Ишкошим партовгоҳ дар майдони 5,0 га қитъаи замин мавҷуд буда, он дар тавозуни КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" – и ноҳия қарор дорад. Ба мақсади ҷамъоварӣ ва супоридани лампаҳои люминисентӣ (симобдор) дар КДФ "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" – и ноҳия нуктаи қабули ин намуди лампаҳо ташкил гардида, ҷамъоварии он ба роҳ монда шудааст, аммо коркарди он аз сабаби мавҷуд набудани таҷҳизотҳои зарурӣ дар ноҳия роҳандозӣ нагардидааст. Лампаҳои люминисентӣ (симобдор), ки аз истифода баромадаанд ба шаҳри Душанбе интиқол дода мешаванд.

Дар ноҳияи Роштқаъла бо қарори раиси ноҳия барои хоҷагии манзилию коммуналии ноҳия дар мавзеи Анҷин қитъаи замин барои ҷобаҷокунии партовҷой ҷудо гардид. Қитаъи замин, ки майдони 1 га дар бар мегирад, тахту ҳамвор карда шуд. Аз Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ ва иҷозатнома оиди фаъолият ба ҳуқуқи ҷамъоварӣ, истифодабарӣ, безараргардонӣ, кашонидан ва ҷойгиркунонии партовҳо гирифта шудааст. Барои ҷамъоварии партовҳо дар маркази ноҳия 8-қуттии махсус ҷойгир шуда, назди мактабҳо, касалхонаи минтиқавӣ қуттиҳои махсуси партовҷамъкунӣ ташкил карда шуда, бобати сари вақт ҷамъоварӣ намудани партовҳо назорат бурда мешавад.

Дар ин давра ба миқдори 8284 адад лампаҳои каммасрафи симобдори аз истифодабаромада ҷамъоварӣ гардидаанд. Аз ин миқдор ба ҳолати ҳозира 8284 адад лампаҳои каммасрафи симобдори аз истифодабаромада, аз ҷумла дар шаҳри Хоруғ 5344 адад, ноҳияи Дарвоз 700 адад, ноҳияи Рӯшон 600 адад, ноҳияи Шуғнон 682 адад, ноҳияи Роштқалъа 250 адад бо маблағгузории раёсати ҳифзи муҳити зисти ВМКБ (7557 сомонӣ) барои безараргардонӣ ба вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе интиқол дода шудаанд. Боқимонда 1256 адад лампаҳои каммасрафи симобдори аз истифодабаромада, аз ҷумла дар ноҳияи Дарвоз 400 адад, ноҳияи Ванҷ 412 адад, ноҳияи Рӯшон 200 адад, ноҳияи Роштқалъа 170 адад, ноҳияи Мурғоб 50 адад ва Шуғнон 39 адад дар нуктаҳои қабул боқӣ мондаанд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" барои ҷамъоварии лампаҳои каммасраф ва ташкили коркарди онҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқуллода ва ҳалли масъалаҳои аҳолии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта ба ҳамоҳангсозии фаъолият тақвият дода шавад.

## 17. Рушди варзиш ва ҷавонон
## (банди 51-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди варзиш ва ҷавонон бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 17.1. (17.1) Дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва баланд бардоштани нерӯи эҷодии онҳо, 17.2. (17.2) Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ, 17.3.(17.3, 17.4, 17.5) Фароҳам овардани шарои барои ҷалби сокинон ба варзиш, арзёбӣ гардиданд.**

### 17.1. (17.1) Дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва баланд бардоштани нерӯи эҷодии онҳо

Шумораи умумии ҷавонон дар вилоят 82829 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 49 нафар ҷавонони роҳбарикунанда буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 нафар кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби ҷавонон кам гаштааст.

Шумораи ҷавонони роҳбарикунанда дар вилоят нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

Ҷавонони роҳбарикунанда дар шаҳри Хоруғ +2 нафар (5 нафар роҳбарикунанда), Ванҷ +4 нафар (36 нафар роҳбарикунанда) ва Мурғоб +7 нафар (17 нафар роҳбарикунанда) нисбат ба соли гузашта зиёд гашта, нишондиҳандаи дастгирии ҷавонони лаёқатманд марҳила ба марҳила таъмин гардида истодааст.

Ҳамзамон, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Рӯшон (4 нафар роҳбарикунанда) ва Роштқалъа (10 нафар роҳбарикунанда) дар сатҳи соли гузашта буда, дар ноҳияҳои Дарвоз -6 нафар (39 нафар роҳбарикунанда), дар ноҳияҳои Ишкошим -14 (32 нафар роҳбарикунанда) ва Шуғнон -1 нафар (7 нафар роҳбарикунанда) шумораи ҷавонони роҳбарикунанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта кам гардидааст, ки ба пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои болозикрро барои баланд бардоштани нишондиҳандаи дастгирии ҷавонони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда ба миён омадааст.

Фарқияти нишондиҳандаи мазкур нисбати 9 моҳаи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Ванҷ, Рӯшон, Дарвоз, Мурғоб ва Рошткалъа бетағйир боқӣ буда, дар ноҳияҳои Ишкошим -2 нафар ва дар ноҳияи Шуғнон -1 нафар кам шудааст, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷавонон ва ҳисси ватандӯстӣ дар онҳо тадбирҳои мушаххас андешида шавад.

### 17.2. Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ

Даъвати ҷавонписарон ба хизмати ҳарбӣ яке аз маъракаҳои муҳими сиёсӣ буда, хушбахтона ҷавонони бо нангу номуси вилоят аввалин шуда худихтиёрӣ ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуданд ва даъвати ҷавонписарон дар муҳлати 3 рӯз пурра 108 фоиз иҷро гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ 127%, ноҳияҳои Ишкошим 119%, Мурғоб 117,6%, Рошткалъа 110%, Шуғнон 102%, Ванҷ 100%, Рӯшон 100% ва

Дарвоз 100%-ро ташкил додааст, ки барои баланд бардоштани ҳисси ватандустии ҷавонон таъсири мусбӣ мерасонад.

**17.3.(17.3, 17.4, 17.5) Фароҳам овардани шароит барои ҷалби сокинон ба варзиш**

**17.3. Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон (банди 51 паём);**

Дар вилоят ҷамъи умумии иншоотҳои варзишӣ 402 адад мебошад, аз ҷумла як маҷмааи варзиши аз ҷумла 67 адад толори варзишӣ, 293 адад майдончаҳои варзишӣ, 11 адад варзишгоҳ, 3 адад қасри варзишии «Вастан» дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон мавҷуд мебошанд.

Дар вилоят 10 мактаби варзишӣ бо фарогирии 3754 нафар варзишгар, аз ҷумла 667 духтар фаъолият карда истодааст.

Шумораи иншоотҳои варзишӣ дар шаҳри Хоруғ 26 адад толори варзишӣ, 1 адад маҷмааи варзишӣ, 1 адад мадончаи варзишӣ, 5 адад ҳавзи шиноварӣ, 1 адад мактаби варзишӣ, 5 адад майдончаҳои бозиҳои кӯдакона, 2 адад дигар иншоотҳои махсуси варзишӣ ва 1 адад варзишгоҳ, дар ноҳияҳои Ванҷ 1 адад варзишгоҳ, 8 адад толори варзишӣ, 3 адад майдончаи бозии кудакон ва 52 адад майдончаи варзишӣ, Рӯшон 3 адад варзишгоы, 5 адад толори варзишӣ, 32 адад майдончаи варзишӣ, 1 адад майдончаҳои бозиҳои кӯдакона, 1 адад дигар иншоотҳои махсуси варзишӣ ва 1 мактаби варзишӣ, Роштқалъа 1 адад варзишгоҳ, 6 адад толори варзишӣ, 1 адад мактаби варзишӣ ва 51 адад майдончаи варзишӣ, Дарвоз 2 адад варзишгоҳ, 1 адад мактаби варзишӣ, 20 адад майдончаи варзишӣ ва 10 адад толори варзишӣ, Ишкошим 1 адад варзишгоҳ ва 1 адад мактаби варзишӣ, Шуғнон 1 адад варзишгоҳ, 9 адад толори варзишӣ, 48 адад майдончаи варзишӣ, 1 адад мактаби варзишӣ ва Мурғоб 2 адад толори варзишӣ, 1 адад мактаби варзишӣ, 6 адад майдончаи бозии кӯдакона ва 28 адад майдончаи варзишӣ фаъолият намуда истодааст.

Айни замон, дар ноҳияи Роштқалъа бо дастгирии Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумхурии Тоҷикистон барои 2 толорҳои варзишӣ тачҳизотҳои варзишӣ оварда шуда, 1 толори варзишӣ таъмир гардида, сохтмони 4 толори варзиши ба итмом расида, сохтмони 4 толорои варзиши идома дорад. Таъмиру сохтмони толорҳо ва майдончаҳои варзишӣ аз тарафи ҷавонони деҳаҳо низ маблағгузорӣ карда мешаванд ва корҳои сохтмонӣ пурра аз тарафи ҷавонон ба тариқи ройгон анҷом дода шуда истодааст. Дар соли 2019 дар Ҷамоати деҳоти Барвоз аз тарафи соҳибкор Назаршоев майдончаи варзишӣ сохта шуда истодааст.

Дар натиҷаи ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ бо ширкати “Помир-энерҷӣ” санаи 3 июли соли 2019 майдонча барои бозии кӯдакон дар кӯчаи Шириншоҳ Шоҳтемур бо харҷи зиёда аз 90 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Бо ҷалби соҳибкорону тоҷирони маҳаллӣ дар ноҳияҳои Ишкошим дар маркази ноҳия сохтмони варзишгоҳ барои 4000 ҷойи нишаст идома дорад.

Инчунин, дар ноҳияи Шуғнон соли 2019 бо дастгирии соҳибкори маҳаллӣ Шосафедов Г. дар деҳаи Муни Ҷамоати деҳоти Навободи ноҳияи Шуғнон майдончаи варзишӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Дар ноҳияи Мурғоб аз тарафи соҳибкорону тоҷирон, ягон иншоотҳои варзишӣ бунёд карда нашуд.

Ҳамзамон, сохтмони 3 адад толори варзишӣ ва 3 адад майдончаи варзишӣ дар иншоотҳои ҷашнӣ бахшида ба 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шудааст, ки барои таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи варзиш мусоидат намуда, заминаи фароҳам овардани шароит барои ҷалби сокинон ба варзиш гузошта мешавад.

### 17.4. Нишондиҳандаҳои иншоотҳои соҳаи варзиш ва машқҳои пагоҳирӯзӣ.

Дар вилоят давоми соли 2019 машқҳои пагоҳирӯзӣ 305 маротиба гузаронида шуда теъдоди фарогирифта 18840 нафар, 6633 нафар занон ва 12207 нафар мард ташкил медиханд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ 48 (+2 нисбат ба соли гузашта) маротиба гузаронида шуда, теъдоди иштирокдорон 300 нафар буда, аз онҳо 110 нафар зан мебошад, ноҳияҳои Шуғнон 42 (+4) маротиба, теъдод 1520 нафар, 550 нафар зан, Рӯшон 39 (+11) маротиба, теъдод 2568 нафар, 898 нафар зан, Мурғоб 30 (+5) маротиба, теъдод 1159 нафар, 489 нафар зан, Ишкошим 32 (+10) маротиба, теъдод 1695 нафар, 470 нафар зан, Ванҷ 44 (+6) маротиба, теъдод 1042 нафар, 145 нафар зан ва Дарвоз 39 (+24) маротиба, теъдод 1983 нафар, 126 нафар занро ташкил медиҳад, ки барои таъмини солимии ҷомеа замина гузошта шуда истодааст.

Дар ҳисоботи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Мурғоб маълумот вобаста масъалаи мазкур нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ монда, дар ҳисоботи ноҳияи Рошткалъа вобаста масъалаи мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

### 17.5. Оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим, омодасозии варзишгарони касбӣ (банди 51 паём);

Бо мақсади тарғиби ташаккули тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳои сироятӣ ва иҷрои нақшаҳои муштарак дар ин муддат 35 семинар тренингҳои омӯзишӣ бо ҷалби 2120, 158 вохӯрию мулоқотҳо бо фарогирии 22396 нафар, 9 семинар машваратҳои иттилоотӣ бо ҷалби 965, 29 аксияю ҳамоишҳо бо ҷалби 5790, 11 конференсия, мизи мудаввар, 30 озмунҳо бо фарогирии 1120 нафар гузаронида шуда, шумораи маводҳои иттилоотӣ дар ин давом 5907 ба аҳолӣ тақсим карда шуд.

Дар давоми соли 2019 барои сафарбар намудани варзишгарони вилоят ҷиҳати ширкат варзидан дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ 420,6 сомонӣ ҷудо гардидааст.

Варзишгарони вилоят дар соли 2019 дар 53 адад мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва 18 чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуда, сазовори 240 медал гардиданд, аз инҳо 56 медали тилло, 74 медали нуқра ва 110 медали биринҷӣ мебошад. Ҳамзамон, дар 84 мусобиқаҳои байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 51 медал гардиданд, аз инҳо 10 медали тилло, 17 медали нуқра ва 24 медали биринҷӣ мебошад.

Дар соли 2019 варзишгарони вилоят Хушщадам Хусравов, Сомон Маҳмадбеков, Шакармамад Мирмамадов дар мусобищаьіои сатыи ьаыонӣ байни 83 давлати дунё иштирок намуда, Парчами Ьумыурии Тоьикистонро баланд бардоштанд, дастаи волейболбозони бонувон дар ьоми Пойтахт-2019, дастаи бонувони баскетболбозон дар Чемпионати Ьумыурии Тоьикистон, дастаи 13 солаи футболбозони вилоят, дастаи ьавонони волейболбозон, дастаи бокс ва карате киёкушинкай дар мусобищаьіои ьумыуриявӣ сазовори ьойи аввал гардиданд.

Бо мақсади иҷрои мактуби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузор намудани мусобиқаҳои интихоби вилоятӣ, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят марҳилаи дуюм аз моҳи марти соли 2019 бо теъдоди 8 чорабинии варзишӣ аз он ҷумла чемпионат ва мусобиҳақои вилоятӣ аз намудҳои Теквандо ВТФ, Самбо, Теквандо ВТФ (2003-2005), гуштини тарзи озод, гуштини миллӣ, бокс, дзюдо 2005-2007 ва варзиши сабук байни синну соли 2000-2003 баргузор гардида, дар ин чорабиниҳо 396 нафар варзишгар иштирок намуданд, ки аз ин теъдод 47 нафарро бонувон ташкил медиҳад.

Қобили қайд аст, ки дар давоми соли 2019 дар маҷмуъ 30 адад мусобиқаҳои варзишӣ дар ҳайати 149 даста ва бо иштироки 1676 нафар варзишгарон доир гардида, маблағи умумии он ба 31250 сомонӣ рост меояд.

Ҷавонони ноҳияи Рошткалъа дар мусобиқаҳои варзишии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори 18 медал, аз ҷумла 5 медали тилло 3 медали нуқра ва 10 медали биринҷи Инчунин 2 нафар унвони Устоди варзиш ва 6 нафар номзадии устоди варзишро соҳиб шуданд.

Бо мақсади рушди ҳамаҷонибаи соҳаи варзиш дар доираи «Барномаи маҷмӯи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» дар ноҳияҳои Рӯшон, Дарвоз ва Ванҷ нақшаи чорабиниҳои мушаххаси рушди соҳа таыия шудааст, ки дар доираи он як қатор чорабиниҳои варзишӣ, аз намуди волейбол, баскетбол, тенниси рӯйи миз, шоҳмот, гӯштини миллӣ, дзюдо, самбо ва гуштини тарзи озод пайваста гузаронида мешаванд.

Варзишгарони мактаби варзишии ноҳияи Шуғнон дар мусобиқаи ҷумҳурявӣ соҳиби 75 медал аз онҳо 21 адад тилло, 21 адад нуқра, 33 адад бринҷӣ дар мусобиқаи вилоятӣ иштирок намуда,соҳиби 116 адад медал аз ҷумла 48 адад тилло,36 адад нуқра,32 адад биринҷӣ сазовор гаштанд.

Мавриди қайд аст, ки дар ҳисоботҳои ҷамъбастии шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Мурғоб маълумоти пешниҳодгардида, нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби бештари ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби ташкилоту муассиса, соҳибкорон барои бунёди майдону толорҳои варзишӣ, ва фароҳам овардани заминаи баланд

бардоштани оммавигардонии варзиш ва дастгирии ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оид ба ташкили машқҳои пагоҳирӯзӣ, мусоидат намоянд.

**18. Рушди соҳаи сайёҳӣ**
**(банди 34, 36-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сайёҳӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 18.1. Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, 18.2.(18.2, 18.3, 18.4) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ, арзёбӣ гардиданд.**

**18.1. Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои ва корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ**

Шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар заминаи қарори раиси вилоят аз 8 апрели соли 2019 нақшаи кории шуъбаи рушди сайёҳӣ ба тасвиб расид. Тибқи нақшаи кории шуъбаи рушди сайёҳӣ дар 9 моҳи соли 2019 як қатор корҳо ба сомон расонида шудаанд. Бо мақсади ҳарчи бештар ҷалб намудани сайёҳон ба ВМКБ ва ҳамзамон муаррифи намудани минтақаҳои сайёҳии вилоят насби рекламаи минтақаҳои сайёҳӣ ва ишораҳои сарироҳӣ, аз ҷумла насби харитаи нави сайёҳӣ ва таъмини маводи иттилоотии сайёҳӣ бо се забон, дар ҳамкорӣ бо АСЭФП ва дигар субеъктони хизматрасони сайёҳӣ дар истгоҳҳои нақлиётӣ ва даромадгоҳҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят корҳо рафта истодаанд. Дар баробари ин дар қад-қади роҳҳои маркази шаҳру ноҳияҳои вилоят шиору овезаҳо вобаста ба эълон гардидани “Солҳои рушди деҳот, сайёҳи ва ҳунарҳои мардумӣ” насб карда шуда, тавассути васоити ахбори омма, сомонаҳои расмӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ муҳимияти рушди соҳаи сайёҳӣ тарғибу ташвиқ шуда истодааст.

Дар соли 2019 раиси шаҳри Хоруғ аз 20 сентябри соли 2018, №643 бо нақша чорабиниҳои иборат аз 28 банд қабул гардида. Ҷиҳати ҷалби сайёҳон, ҳунарҳои дастии бонувон аз ҷумла, ҷӯроббофию, тоқидӯзӣ ва мӯҳрабофию кандакорӣ рушди ҳамаҷонибаро пайдо намуда, имрӯзҳо 71 нафар ҳунармандони моҳир, ки ба эҳё намудани ин ҳунарҳо машғуланд, ба қайд гирифта шуда, дар чорабиниҳои шаҳрию вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ дастоварди худро пешкаши меҳмонону сайёҳон мегардонанд

Бо мақсади рушди сайёҳӣ дар ноҳия қарори раиси ноҳия Мурғоб аз 31 августи соли 2018, №263 “Дар бораи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020” қабул гардида нақша чорабинии он ба Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Дар ноҳия ҳунарҳои мардумӣ , аз он ҷумла ҳайкалсозӣ аз санг, шохи ҳайвонотҳо, гипс, пашми гусфанд, тухфаҳоро омода намуда, барои сайёҳон ба фуруш бароварда шуд.

Дар ноҳияи Рӯшон барои пешбурди сиёсати соҳа ва татбиқи самаранокии он барои ҷалби бештари сайёҳон хизматрасониҳои босифат

зарур аст. Ба ин мақсад аз тарафи раиси ноҳия дар нимсола 710 адад қарор ба тасвиб расонида шуд, ки аз онҳо 3 адад барои сохтмони меҳмонхона, 9 адад мағоза мебошанд.

Оиди амалисозии нақша чорабиниҳои стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар ноҳияҳои Дарвоз, Вагҷ, Ишкошим ва Роштқалъа қарори раисони ноҳия, нақша чорабиниҳо таҳия гардида, ба сохторҳои марбута барои иҷро ирсол карда шудааст. Ҳамзамон, дар мавриди фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоя ва рушди соҳибкорӣ дар бахши сайёҳӣ як қатор корҳоро ба иҷро расонд.

Самаранокии корҳои анҷомдода вобаста ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо ва корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Рӯшон ва Мурғоб ба назар расида, боқимонда ноҳияҳоро зарур мебошад, ки вобаста ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" чораҳои мушаххас андешанд.

### 18.2.(18.2, 18.3, 18.4) Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ
### 18.2. Корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ, зиёд намудани таъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва шумораи сайёҳон

Дар ҳудуди вилоят 36 нафар субъектони хизматрасонии сайёҳӣ (ширкатҳои сайёҳӣ) бо иҷозатномаи махсуси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият карда истодаанд. Аз ҷумла: Дарвоз 2, Ванҷ 1, Рӯшон 3, Шуғнон 3, Ишкошим 1, Мурғоб 12 ва шаҳри Хоруғ 14 адад мебошанд.

Ҳамзамон, дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят баҳри беҳтар намудани инфросохтори соҳаи туризм аз сектори хусусӣ чораҳои амалӣ андешида шуда, айни замон дар шаҳри Хоруғ зиёда аз 12 адад, ноҳияи Дарвоз 8 адад, ноҳияи Ванҷ 2 адад, ноҳияи Рӯшон 3 адад, ноҳияи Шуғнон 4 адад, ноҳияи Роштқалъа 4 адад, ноҳияи Ишкошим 20 адад, ноҳияи Мурғоб 14 адад меҳмонхона барои қабули сайёҳони дохилию хориҷӣ омода мебошанд, ки аксарияти аз ин меҳмонхонаҳо фаъолияти мавсимӣ доранд.

Бо мақсади ташаккул додани туризми табобатию солимгардонӣ, ки ин шакли аз ҳама паҳншудатарини фаъолияти туристӣ буда, бо мақсади истироҳат, солимгардонӣ, барқароркунии ҷисмонӣ ба шумор меравад, ва дар ҳудуди вилоят 4-осоишгоҳ Гарм-Чашма, Авҷ, Биби Фотимаи Зухро ва Ҷелондеҳ арзи вуҷуд доранд, ки барои сайёҳони дохилию хориҷӣ хизмат мерасонанд, ки маълумоти мазкур 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

Вобаста ба эълон гардидани соли 2019 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" шумораи сайёҳони хориҷӣ афзоиш ёфта, дар соли ҷорӣ дар вилоят теъдоди сайёҳони ташрифоварда 37,8 ҳаз. нафарро ташкил дода, аз намуди сайёҳии табобатӣ, солимгардонӣ ва экологӣ истифода намудаанд.

Нишондиҳандаи баланди шумораи сайёҳони хориҷӣ, ки ба шаҳру

ноҳияҳои вилоят ташриф овардаанд, нисбат ба соли гузашта дар шаҳри Хоруғ +969 (12401нафар), Дарвоз +4240 (9689 нафар), Мурғоб +3314 (8362 нафар), Рӯшон +590 (1600), ноҳияҳои Ишкошим +82 (5267 нафар), Роштқалъа +59 (324 нафар) ва Ванҷ +29 (170 нафар) зиёд мушоҳида гардида, барои сайёҳон мавзеҳои сайёҳии ин ноҳияҳо ҷалбкунанда ба ҳисоб меравад.

Дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон вобаста ба замимаҳо маълумот омода нагардидааст.

Дар шаҳри Хоруғ барои сайёҳон 11 адад ширкатҳои сайёҳӣ аз ҷумла, "Ассосиатсияи сайёҳӣ-экологии Помир", "Тур Де-Памир", "Бадахшон-Травел", "Де-Памирӣ", Ассотсиатсияи ронандагони "Сафар", "Помир Лоҷ", инчунин меҳмонхонаҳои "Лаъл", "Деҳлӣ-Дарбор", "Помир Вояж", "Серена", "Помир Тревела" ба сайёҳони дохилию хориҷӣ бо сатҳи хизматрасонии лозимӣ шароит муҳайё кардаанд. Ҳамзамон, зиёда аз 10 адад меҳмонхонаҳои хусусӣ, 40 адад хомстейҳо ва 17 адад объектҳои таърихию фарҳангӣ арзи вуҷуд доранд.

Вобаста ба эълон гардидани "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" дар ноҳияи Дарвоз бо мақсади беҳтар намудани инфирасохтор ва фароҳам овардани шароити мусоид барои сайёҳони дохилию хориҷӣ 8 адад меҳмонхона, 1 адад тарабхона, 1 истироҳатгоҳ, 1 адад минтақаи шикор, 2 ширкати сайёҳӣ ҶДММ "М-Сайёд" ва ҶДММ "Амир-Тур" фаъолият доранд.

Дар ноҳия  Рӯшон 6 ширкати туристӣ ( ҶДММ « Сарез-тревел, «Боми ҷаҳон тур», (Бартанг сарезтур), ( Хело Ҷолоиб), «Динар сервис), (Дарвозаи Помир» ва ду ташкилоти ҷамъиятӣ (ҶДММ «Боми Ҷизев» ва «Парчам») ба қайд гирифта шуда, се ширкат  фаъолият доранд.

Дар қаламрави ноҳия барои қабули сайёҳони дохилию хориҷӣ 6 меҳмонхонаҳо бо ҷойи нишасти 60 нафар ва 27 Хоместей (истироатгоҳои замонавӣ) бунёд гардида, дар хизмати сайёон қарор доранд.

Дар ноҳияи Шуғнон барои қабули сайёҳони дохиливу 15 меҳмонхона, 6 ҳомстей, осоишгоҳҳои «Сарез», «Шифо»,  «Ташриф», 8 мавзеи тамошобоб ва дар маҷмӯъ  16 ошхона бо хизматрасонии хуб фаъолият менамоянд.

Дар ҳудуди вилоят ҳамагӣ 32 меҳмонхонаҳо мавҷуд ҳастанд, ки дорои 437 ҷои хоб, 39 адад як ҳуҷрагӣ, 68 адад ду ҳуҷрагӣ ва 26 адад люкс мебошад.

Имконияти ҷои хоб дар ҳуҷраҳо дар як шабонарӯз:

1. Шаҳри Хоруг – 540 нафар
2. Ноҳияи Дарвоз – 203 нафар
3. Ноҳияи Ишкошим – 449 нафар
4. Ноҳияи Рошткала – 112 нафар
5. Ноҳияи Мурғоб – 414 нафар
6. Ноҳияи Шугнон – 66 нафар
7. Ноҳияи Рӯшон – 342 нафар.

Ҳамзамон, тибқи маълумоти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2019, №71/1-1152 дар қаламрави вилоят то имрӯз 5 адад маркази итилотии сайёҳии таъсис дода шудааст аз он 2 адад шаҳори Хоруғ, 1-ноҳияи Дарвоз ва 2 адад дар ноҳии Мурғоб ҷойгир мебошанд.

Инчунин, бо мақсади пайдо намудани маълумоти дуруст ба сайёҳон доир ба маконҳои сайёҳии вилоят харитаи сайёҳии ВМКБ таҳия гардидааст.

Аз ҷониби Шуъбаи рушди сайёҳии вилоят дар ҳамкорӣ бо Ассосиатсияи сайёҳии экологии фарҳангии Помир 5 хатсайри сайёҳӣ коркад шуданд, ки сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ метавонанд аз онҳо истифода баранд.

**18.3.(18.3)Ташкили ба роҳ мондани муаррифии мавзеъҳои нодири сайёҳӣ**

Бо мақсади ҳарчи бештар ҷалб намудани сайёҳон ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ҳамзамон муаррифӣ намудани минтақаҳои сайёҳии вилоят насби рекламаи минтақаҳои сайёҳӣ ва ишораҳои сарироҳӣ, аз ҷумла насби харитаҳои сайёҳӣ ва таъмини маводи иттилоотии сайёҳӣ бо се забон дар ҳамкорӣ бо Ассотсиатсияи сайёҳии экологии фарҳангии Помир ва дигар субъектони хизматрасонии сайёҳӣ дар даромадгоҳҳои шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳо корҳо рафта истода аз тарафи шуъбаи рушди сайёҳии вилоят харитаи сайёҳии вилоят таҳия карда мешавад. Дар баробари ин қад-қади роҳҳои марказии шаҳру ноҳияҳои вилоят шиору овезаҳо вобаста ба эълон гардидани "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" насб карда шуда, тавассути васоити ахбори омма, сомонаҳои расмӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ муҳимияти рушди сайёҳӣ, тарғибу ташвиқ карда мешаванд.

Маврид ба зикр аст, ки дар партави сиёсати созанда ва "дарҳои кушод"-и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гӯшаи сайёҳии ВМКБ-ро намояндаи соҳаи сайёҳии вилоят Ассотсиатсияи Эко - Фарҳангии Помир дар намоишгоҳи бузурги байналмилалии сайёҳӣ, ки аз 6 то 10 марти соли 2019 дар шаҳри Берлини Ҷумҳурии Федералии Олмон (ITB Berlin-2019) баргузор гардид муаррифӣ намуданд. Кӯҳҳои сарбафалаки Бадахшони Тоҷикистон ба рӯйхати "100 самти беҳтарин пешоҳангони глобалӣ дар ҳифзи фарҳанги миллӣ, анъана ва ҷалби мардумон ба соҳаи сайёҳӣ дар соли 2019" шомил шуда, дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором ҷои сеюмро сазовор гардид. Бо даъвати расмии сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Брусел намояндагони Ассотсиатсияи сайёҳӣ экологии фарҳангии Помир (АСЭФП) даъват шуданд ва имкониятҳои сайёҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро муаррифи намуданд. Ахборот оиди ин имкониятҳо дар маҷаллаи "Travelling News from and to tourism lovers" #119 June" чоп гардид, ки маҷаллаи мазкур зиёда аз 7 млн. нафар хонанда дорад.

Ҳамзамон, дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон намояндагони АСЭФП дар форуми намояндагони соҳаи сайёҳӣ дар таърихи 11 апрели соли 2019 иштирок намуданд, дар ин чорабинии муҳим намояндагони АСЭФП имкониятҳои сайёҳии вилоятро муаррифи намуданд.

Дар ин чорабини бо 42 ширкатҳои сайёҳии Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Кирғизистон вохӯриҳои судманд баргузор гардидааст.

Омузиши соҳавӣ барои мутахассисони соҳаи сайёҳӣ дар робита бо дигар сохторҳои дахлдори соҳаи сайёҳӣ дар мавзӯъи Менеҷмент, Маркетиг ва Иртиботот барои намояндагони соҳаи сайёҳӣ аз тарафи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ (ДОМ) аз санаи 14 то 23 апрели соли 2019 гузаронида шуда, дар омӯзиши мазкур 20 нафар кормандони соҳаи сайёҳӣ иштирок карданд. Кормандони шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ширкатҳои сайёҳӣ ва донишҷӯёни Донишгоҳи шаҳри Хоруғ дорои шаҳодатномаи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ гардиданд.

Вобаста ба муаррифӣ ва таблиғ намудани имкониятҳои шоистаи сайёҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон намояндагони портали иттилоотии маҷалаи таърихиву фарҳангии “Наша история”-и Ҷумҳурии Белорус барои таҳияи маҷалла ба Вилояти Мухтори Кухистони Бадахшон ташриф оварданд.

Намояндагони портали иттилооти маҷаллаи таърихиву фарҳангии “Наша история”-и Ҷумҳурии Белорус ҷиҳати нашри мақолаҳо оид ба имкониятҳои соҳаи сайёҳии вилоят аз мавзеъҳои таърихӣ, экологӣ, кӯҳнавардӣ, этнографӣ, табобатӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллӣ аз наздик шинос шуданд.

Инчунин, бо мақсади фароҳам овардани ҳамаи имкониятҳо дар соҳаи сайёҳи ва ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта дар ин самт, ки рушди минбаъдаи соҳа аз онҳо вобастагӣ дорад, санаи 7-8 июни соли 2019 конфронси илмӣ - амалӣ бахшида ба солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ таҳти унвони “Мушкилотҳо ва имкониятҳои соҳаи сайёҳӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон” дар меҳмонхонаи Серена баргузор гардидааст. Намояндагони портали иттилооти маҷалаи таърихиву фарҳангии “Наша история”-и Ҷумҳурии Белорус ҷиҳати нашри мақолаҳо оиди имкониятҳои соҳаи сайёҳии вилоят аз мавзеъҳои таърихӣ, экологӣ, кӯҳнавардӣ, этнографӣ, табобатӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва таомҳои миллӣ аз наздик шинос шуданд.

Барои ҷалби диққати бештари сайёҳон ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон санаи 24 июни соли 2019 гурӯҳи хабарнигорони идораи радио ва телевизиони “Мир” бо барномаи “Риштаи ҷаҳон” ба вилоят ташриф оварданд ва бо маъсулини шуъбаи рушди сайёҳии вилоят ҷойҳои диққатҷалбкунандаи сайёҳии вилоятро ба навор гирифтанд.

Барои рушди босуботи ин соҳа аз ҳама муҳим волоияти қонун ва таъмини амнияти бехатарии сайёҳон ба ҳисоб рафта вобаста ба ин санаи 28 июни соли 2019 дар Ассотсиатсияи Сайёҳӣ Экологии Фарҳангии Помир семинари омузишӣ дар мавзӯъи “Бехатарии сайёҳон аз офатҳои табиӣ” бо иштироки намояндаи барномаи инкишофи Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардидааст.

Бо мақсади тарғибу ташвиқи соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ тавассути телевизиони Бадахшон барномаҳои гуногунмазмун таҳти унвони

“Волотар аз кӯҳ фақат кӯҳ метавонад”, “Ёдгориҳои таърихии ноҳияи Ишкошим”, “Сайри таърих”, “Дарвоз розҳояшро мекушояд”, “Муҳофизони роҳи абрешим”, “Сайру гашт аз Яшилкул то Бачор”, “Вахон интизори сайёҳон”, “Обҳои шифобахши Помир” ва дигарон намоиш ва ба нашр расиданд.

Бояд зикр намуд, ки айни замон шуъбаи рушди сайёҳии вилоят бо бахшҳои ноҳияҳои ба шабакаи ягонаи Интернет пайваст набуда, таъсиси махзани маркази ягонаи иттилоотии сайёҳӣ бо мақсади ҷамъоварии ҳама гуна маълумотҳои зарурӣ вобаста ба соҳаи мазкур мушкилот ба миён омадааст, ки дар ин замина корҳо рафта истодааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда сол аз сол ташрифи сайёҳони хориҷи ба ҷумҳурӣ зиёд гардида истодааст.

Оид ба банди мазкур маълумоти нав оварда нашудааст.

**18.4. Таъсиси сомонаҳои интернетӣ ва маъмурӣ хизматрасонӣ сайёҳӣ дар вилояту шаҳру ноҳияҳо**

Шуъбаи рушди сайёҳии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят дар ҳамкорӣ бо бахшҳои рушди сайёҳии шаҳру ноҳияҳои Ванҷ, Ишкошим ва Мурғоб корҳоро ҷоннок намуда, аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз сомонаи интернетӣ (darvoz.tj), Ванҷ (www.Vanj.tj) фаъолият мекунад, ки дар он мавзеъҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаву истироҳатгоҳҳои соҳибкорон ва ҷойҳои таърихӣ ноҳия нишон дода шудааст, ки нисбати 9 моҳи соли 2019 тағйирот ба назар намерасад.

Имрӯзҳо дар ноҳия Комплекси туристию истироҳатии “Ванҷи Боло” аз сохта шудааст. Ҳоло дар ноҳия 4 меҳмонхона аз ҷумла, меҳмонхонаи “Вохурӣ” дорои 4 уток, меҳмонхонаи “Раҳмат” дорои 6 уток, Комплекси туристии Ванҷи боло дорои 8 уток ва ҶДММ “Зиёратшо” дорои 3 уток мавҷуданд. Дар деҳаи Поймазори Ҷамоати деҳоти124 Рованд ду уток дар хонаҳои истиқоматӣ барои қабули сайёҳон омода гардонида шудааст.

Сомонаҳои интернетӣ дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Шуғнон ва Рӯшон ба ҳамаи сайёҳон дастрас буда, баҳри пайдо намудани маълумот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо, таъриху пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ, инчунин чорабиниҳои сиёсии фарҳангии шаҳр дастрас мебошад.

Таҳияи маводи итилоотии сайёҳии ноҳияи Мурғоб вобаста ба минтақаҳои сайёҳӣ рукъа, харита, наворҳои видеоӣ, диск ёддошт, буклет, ва раҳнамо барои сайёҳон ва дигар маводи тарғиботӣ бо забонҳои давлатӣ ва хориҷӣ ва дар даромадгоҳи ноҳия харитаи сайёҳӣ насб гардида, ҷойҳои таърихию фарҳангии ноҳия нишон дода шудааст.

Пешниҳод: Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ шаҳру ноҳияҳои он барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, соҳибкорон, ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта (додани статуси байналмилалӣ ба гузаргоҳи Кулма, ҷалб намудани Бонки аввалини молиявии хурд ба хизматрасонии VISA, MASTER CARD), таъсиси Ширкатҳои сайёҳӣ, коркарди хатсайрҳо ва дақиқ ба роҳ мондани ба ҳисобгирии шумораи сайёҳони хориҷӣ мусоидат намоянд.

## 19. Баробарии гендерӣ
## (банди 49-и паём)

### 19.1. (19.1) Иштироки занҳо дар ҳаёти ссиёсию ҷамъиятӣ

### 19.1Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМҲД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, аз ҷумла дар бонкҳо

Теъдоди ҳайати хизматчиёни давлатӣ дар вилоят 749 нафар мебошанд, ки аз онҳо 213 нафарашон ё 31 фоизро занон ташкил медиҳанд. Дар мансабҳои роҳбарикунандаи хизматчиёни давлатӣ 270 нафар кор мекунанд, ки аз онҳо 61 (25%) нафарро занон ташкил медиҳанд. Айни ҳол дар вилоят аз ҳисоби занон як нафар муовинони раиси вилоят, 7 нафар муовинони шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳо, 6 нафар мудирони шӯъбаҳо ва 5 нафар занон мудирони бахшҳо, 4 мудири шуъбаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ 15 нафар мудири бахши мақомот буда 11 нафар зан ё худ 18% вакилони Маҷлиси вакилони халқи вилоят 53 нафар занон вакилони маҷлиси вакилони халқӣ ноҳия 207 нафар занон вакилони маҷлисҳои ҷамоат мебошанд, ки 9 моҳаи соли 2019 ин нишондод бетағйир боқӣ мондааст.

Ба Маҷлиси вакилони халқи ноҳияҳои Ванҷ 9 нафар, Ишкошим 8 нафар, Рӯшон 8 нафар, Шуғнон 8 нафар, Мурғоб 8 нафар, Роштқалъа 7 нафар, Дарвоз 4 нафар ва шаҳри Хоруғ 7 нафар шомиланд, ки дар сатҳи муайян иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ таъмин карда шудааст.

Шумораи заноне, ки дар соҳаи иқтисоду молия кору фаъолият доранд, 297 нафарро ташкил медиҳанд.

Дар соли 2019 13 нафар занон ва бонувони шаҳру ноҳияҳои вилоят соҳиби гранти Президентӣ гардида, корхонаҳои хурду миёнаро ба кор даровард, ва теъдоди зиёди ҷавондухтарон ва занон бо ҷои кори доимӣ таъмин шуданд.

Дар муассисаҳои бонкии вилоят ба ҳолати имруза, 595 нафар корманд кору фаъолият доранд, ки аз ин теъдод 173 нафар ё ин 29,7% -ро бонувон ташкил медиҳанд.

Шумораи занҳои роҳбарикунанда дар мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ВМКБ 54 нафар буда нисбати соли гузашта – 2 нафар кам гаштааст.

Тибқи маълумотҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Шуғнон 7 нафар (+1 нафар), Рӯшон 8 нафар (+1 нафар ) ва Мурғоб 4 нафарро ташкил додааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ 5 нафар (-4 нафар), ноҳияҳои Роштқалъа 5 нафар (-1 нафар) , Дарвоз 4 нафар (-3 нафар), Ванҷ 4 нафар(-3) ва Ишкошим 3 нафар (-2 нафар) кам гардида, тақвият додани фаъолиятро дар ин самт тақозо менамояд.

Ҳамзамон, шумораи занҳои роҳбарикунанда дар мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ВМКБ нисбати 9 моҳаи соли 2019 -12 нафар кам гардидааст.

Ҳамзамон, мутобиқи маълумоти Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2019, №05-2144 теъдоди занон нисбати ҳамин давраи соли 2018 аз ҳисоби умумии хизматчиёни роҳбарикунандаи давлатии ВМКБ 9 нафар зиёд гардида, дар мансабҳои роҳбарикунанда бошад, 9 нафар коҳиш ёфтааст.

Мувофиқи таҳлилҳо теъдоди занон дар мақмоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он 31,8%, аз ҷумла, дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят 31,6%, Шаҳри Хоруғ 52,4%, ноҳияҳои Шуғнон 39,2%, Рӯшон 38,9%, Роштқалъа 32,8%, Ишкошим 24%, Дарвоз 23,2%, Мурғоб 21,6% ва Ванҷ 17,7% ташкил медиҳад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид дар самти иштироки занҳо дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ, инчунин пешбарии занҳои фаъол ба вазифаҳои роҳбарикунанда фаъолияти ҳамоҳангсозиро тақвият бахшанд.

## 20. Ҳолати иттиҳодияҳои динӣ

**20. (20.1, 20.2) Фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар самти дастгирии қишрҳои осебпазири аҳолӣ (Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19)**;


## 20. Ҳолати иттиҳодияҳои динӣ

**20. (20.1, 20.2) Фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар самти дастгирии қишрҳои осебпазири аҳолӣ (Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19)**;


Дар миқёси шаҳру ноҳияҳои вилоят 62 масҷиди ҷомеъ ва панҷвақта, аз ҷумла дар шаҳри Хоруғ 1 адад, ноҳияи Дарвоз 26 адад, Ванҷ 20 адад, ноҳияи Мурғоб 15 адад фаъолият намуда истодаанд. Дар ҳудуди вилоят шумораи масҷидҳои басташуда 16 адад, дар ноҳияи Дарвоз 14 ва ноҳияи Ванҷ 2 адад мебошанд. Дар масҷидҳои ҷомеъ мувофиқи талабот камераҳои назоратӣ насб карда шуда, баргузории намоз ва амри маъруф дар рӯзҳои ҷумъа назорат карда мешаванд.

Тибқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ масҷидҳои расмӣ ба фаъолияти хайриявӣ машғул буда, дар арафаи идҳои миллӣ ва динӣ ба оилаҳои камбизоат, ниёзмандон, маъюбон кумакҳои хайриявӣ мерасонанд. Аз ин лиҳоз, масҷиди ҷомеи ноҳияи Дарвоз парастории 3 нафар маъюб, масҷиди ҷомеъи марказии ноҳияи Ванҷ 4 нафар, масҷиди ҷомеъи ноҳияи Мурғоб 7 нафар ва Кумитаи рушди ҷамоатхонаҳои шиаи имомии исмоилӣ

дар шаҳри Хоруғ 6 нафар аз табақаҳои ниёзманди аҳолиро ба зимма гирифта, ба онҳо кумакҳои пулӣ ва молӣ ва дар ҳамкорӣ бо созмонҳои Оғохон дар арафаи ҷашнҳои умумиллию суннатӣ аз тарафи онҳо ба 20 оилаи ниёзманд кӯмакҳои яквақтаи моддӣ расонида шуда, хатнасури 31 нафар кӯдак баргузор гардиданд.

Шуъбаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо мақсади иҷрои банди 19 нусха аз Протоколи маҷлиси Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2018, №12 корҳои муайянеро ба сомон расонида, дар ин самт қаблан рӯйхати шахсони яккаву танҳо, маъюбон, барҷомонда, ятимон, оилаҳои камбизоат дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои вилоят тартиб дода шуда, дар арафаи идҳои миллӣ ва суннатӣ ба онҳо кӯмакҳои хайриявӣ расонида мешавад.

Дар соли 2019 дар ноҳияҳои Рӯшон, Шуғнон, Ишкошим ва Рошткалъа ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои динӣ ба қайд гирифта нашудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он, ҳамкориро бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини самаранокии фаъолияти иттиҳодияи диниро дар самти дастгирии қишрҳои осебпазири аҳолӣ ҷиҳати иҷрои Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 сол, №12 банди 19 чораҳои заруриро роҳандозӣ намояд. Маълумоти нав ба қайд гирифта нашудааст.

## 21. Рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ (банди 3 ва 8-и паём)

**Нишондодҳои пешакии рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 21.1.(21.1) Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ, 21.2. Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои коммуналӣ арзёбӣ гардиданд.**

### 21.1. (21.1)Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ

### 21.1. Ҳолати маблағгузорӣ ба бахшҳои хусусии соҳаҳои истеҳсолии шаҳру ноҳияҳо

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар давоми соли 2019 маблағи 99820,9 ҳазор сомониро ташкил дод, ки ин нисбати ҳамин давраи соли 2018 12,6 фоиз, ё ин ки 11153,1 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар шаҳри Хоруғ дар ин давра 63,3 млн. сомонӣ ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +6,32 млн. сомонӣ ё 111,1% ва ноҳияҳои Рӯшон 6,14 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта 1,06 млн. сомонӣ ё 121%, Дарвоз 6,78 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта 3,4 млн. сомонӣ ё 204,9%, Шуғнон 6,6 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта 16,8 ҳаз. сомонӣ ё 102,5%, Ванҷ 5,06 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта 33 ҳаз. сомонӣ ё 108%, Мурғоб 1,59 млн. сомонӣ, нисбат ба соли

гузашта 97,2 ҳаз. сомонӣ ё 106,5% ва Ишкошим 1,55 млн. сомонӣ, нисбат ба соли гузашта 33 ҳаз. сомонӣ ё 102,1% зиёд ташкил додааст.

Инчунин, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Роштқалъа дар ин давра 4,49 млн. сомонӣ ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -0,063 ҳаз. сомонӣ ё 98,6% кам гаштааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Роштқалъа барои таъмини нишондиҳандаи афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ фаъолиятро ҷоннок намуда, барои таъмини суръати афзоиши ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохила чораҳои иловагӣ, пешбинӣ намоянд.

## 21.2.Корҳои анҷомдода ҷиҳати дастрасии хизматрасониҳои пулакӣ

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз ҷиҳати дастгирии бахшҳои хусусӣ, аз ҷумла рушди соҳибкорӣ диққати зарурӣ равона намуда, аз тарафи бонкҳои амалкунанда дар ноҳия дар соли 2019 ба 10 нафар соҳибкорон аз ҷумла, 1 нафар зан маблағи 205000 сомонӣ барои рушд ва равнақ додани соҳаи соҳибкории хурду миёна қарзҳо имтиёзнок дода шудааст. Вобаста ба ин, бинобар сабаби зиёд будани фоизи қарзҳо соҳибкорон барои гирифтани қарзҳои бонкӣ худдорӣ намуданд.

Дар ноҳияи Ишкошим бо мақсади баланд бардоштани дастрасии аҳолии ноҳияҳо ба хизматрасонии пулакӣ, хусусан дар маҳалҳои дурдаст, ба ҳолати 1 январи соли 2020 4 адад филиалҳои бонкҳои ҷумҳуриявӣ ва як адад ташкилоти хурди қарзӣ (филиали № 72 – и Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Амонатбонк, маркази хизматрасонии бонкии № 21 – и аввалин бонки молиявии хурд, филиали Агроинвестбонк, филиали Тоҷиксодиротбонк ва филиали ташкилоти хурди қарзии “Рушди Кӯҳистон”) фаъолият дошта, ба аҳолӣ хизматрасонии бонкиро ба роҳ мондаанд.

Дар соҳаи хизматрасонии бонкӣ дар ноҳияи Рӯшон 5 адад филиалҳои бонкҳои ҷумҳуриявӣ ва як адад ташкилоти хурди қарзӣ, аз ҷумла ҶСП «Агроинвестбонк», Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», ҶСП «Тоҷиксодиротбонк», Аввалин бонки молиявии хурд ва Бонки хурди молиявии «Рушди Помир» ба амалиётҳои бонкӣ машғуланд.

Дар ноҳияи Шуғнон, бонкҳои ҶСП «Агроинвестбонк», Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» ҶСП «Тоҷиксодиротбонк», мавҷуд буда, дар соҳаи хизматрасонии бонкӣ фақат Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» ба амалиётҳои бонкӣ машғул мебошад.

Бояд қайд намуд, ки муфлисшавии бонкҳои низомсоз «Агроинвестбонк» ва «Тоҷиксодиротбок» дар шаҳру ноҳияҳо ба рушди соҳибкорӣ ва сектори хусусӣ таъсири манфӣ расонида истодааст.

## 22. Таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ

**Нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 22.1. Тамоюли ҷиноятҳои ба қайд гирифта ва ошкоршавии онҳо, 22.2 Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид), 22.3.(22.3, 22.4) Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав, 22.4 (22.5) Корҳои анҷомдодашуда оид ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо арзёбӣ гардиданд.**

## 22.1.Ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, дар алоҳидагӣ бо намуди онҳо, аз ҷумла ошкоршавии онҳо

Таҳлили маълумотҳои умумӣ оид ба вазъи ҷинояткории Маркази иттилоотӣ - таҳлилии Раёсати Вазорати корҳои доҳилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 2019 нишон медиҳад, ки дар ин давомият аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии дар вилоят мустақарбуда дар ҳамаи самтҳои хизматӣ 666 (2018- 665) ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 0,15% фоиз зиёд шудааст, ё худ 1 адад ҷиноят зиёдтар ба қайд гирифта шудааст. Аз ин ҷумла, аз тарафи Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ 58 (2018-59) ҷиноят, прокуратураи ҳарбии гарнизони Хоруғ 39 (2018-50), Раёсати Агентии давлатии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар ВМКБ 209 (2018-199), Раёсати Агентии назорати маводи нашъадори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ 6 (2018-15) ба қайд гирифта шудааст.

Ҷиноятҳои аз тарафи Раёсати Вазорати корҳои доҳилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва мақомоти прокуратураи вилоят ба қайд гирифташуда 354 адад ташкил медиҳанд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (2018-342) 3.9 фоиз кам мебошад, ё худ 12 адад ҷиноят камтар ба қайд гирифта шудааст. Фоизи кушодашавии ҷиноятҳо дар ҳамаи самтҳо 88.48 %-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7.64 % (2018-80.64 %) зиёд мебошад.

Нишондодҳои боло зикргардида нишон медиҳанд, ки содиршавии ҷиноятҳо дар ноҳияҳои Рӯшон -4 адад, Рошткалъа -9 адад ва ноҳияҳои Дарвоз -15 ададӣ кам гардида, дар шаҳри Хоруғ +27 адад, дар Ишкошим +9 адад, Ванҷ +3 адад, Шуғнон +10 адад ва Муроб +3 ададӣ зиёд гардидааст.

Аз ҷиноятҳои вазнини бақайдгирифташуда 17 (2018-7) адад ба шаҳри Хоруғ, 2 (2018-2) адад ба ноҳияи Ванҷ, 5 (2018-7) адад ба ноҳияи Ишкошим, 6 (2018-5) адад ба ноҳияи Дарвоз, 9 (2018-1) адад ба ноҳияи Мурғоб, 2 (2018-1) адад ба ноҳияи Рӯшон ва 7 (2018-6) адад ба ноҳияи Шуғнон, 5 (2018-4) адад ба Рошткалъа рост омада, дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Шуғнону Мурғоб вилоят тамоюли зиёдшави дорад.

Дар ин давомият аз ҷониби ноболиғон 2 (2018-3) ҷиноят бо иштироки 6 нафар ба қайд гирифта шуд. Аз ҷиноятҳои содиргардида 1 адади ба шаҳри Хоруғ ва ноҳияи Ишкошим рост меоянд.

## 22.2 Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид)

Дар соли 2019 аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар вилоят 16 (2018 – 9) ҳодисаи худкушӣ ва 5 ҳодисаи суиқасд ба чони худ ба қайд гирифта шудааст. Аз ин миқдор 4 (2) ҳодиса дар шаҳри Хоруғ, 0 (5) ҳодиса дар ноҳияи Шуғнон, 2 (1) ҳодиса дар ноҳияи Рошткалъа, 5 (0) ҳодиса дар ноҳияи Ишкошим, 3 (1) ҳодиса дар ноҳияи Рӯшон, 1 (0) ҳодиса дар ноҳияи Дарвоз ва 1 (0) ҳодиса дар ноҳияи Ванҷ руй додааст. Холатҳои худкушӣ аз аз руи

сину сол 2 нафар ноболиғ, 4 нафар синни 18-25, 7 нафар синни 25-40, 7 нафар синни 40-60 мебошанд. Ҳамзамон қайд кардан зарур аст,ки чунин ҳодисаҳои худкушӣ аз ҷониби ҷинси мард 12 нафар ва ҷинси зан 4 нафар ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

**22.3** (22.3, 22.4) **Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгарой ва тундрав**

Аз тарафи ҷавонони аз синни 18 то 30 сола 41 (2018-46) ҷиноят ба қайд гирифта шудааст.

Дар ноҳияи Ванҷ шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгарой, тундарав ва дастгир намудани аъзоён ва ҷонибдорони ҳизбу ҳаракатҳои ғайрқонунӣ амалкунанда 39 нафарро ташкил намуда, ҷиҳати пешгирии ин ҳодисаҳо корбарӣ рафта истодааст. Аз соли 2016 то инҷониб дар ноҳия ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайрқонунӣ ягон нафар шомил нагардидааст.

Ин ҳолат дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ ноҳияҳои Ишкошим, Мурғоб, Роштқалъа, Рӯшон ва Шуғнон ба назар намерасанд, ки аз фаъолияти босамари мақомоти дахлдорро вобаста ба масъалаи мазкур дарак медиҳад.

Дар ҳисоботи мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимимяти давлатии ноҳияи Дарвоз вобаста ба масъалаи мазкур маълумот дарҷ нагардидааст.

Мавриди зикр аст, ки мутобиқи маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 январи соли 2020, №4/10-104 вобаста ба шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содир мешавад, дар ВМКБ ҳамагӣ дар давраи ҳисоботи 132 ҳолат ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +8 ҳолат зиёд гардидааст.

**22.4** (22.5) **Корҳои анҷомдодашуда оид ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо**

Дар самти ташвиқу тарғиби қонунҳо дар давраи таҳлилӣ пурзӯр намуда, 428 маротиба сӯҳбату вохӯриҳо гузаронида шудаанд, ки аз ин дар воситаҳои ахбори омма 40 маротибаро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, вобаста ба шарҳи мазмуну муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 153 маротиба дар байни коллективҳои меҳнатӣ, хонандагону донишҷӯён ва бо аҳолии шаҳру ноҳияҳои вилоят ва тавассути воситаҳои ахбори омма суҳбату вохӯриҳои гузаронида шудаанд.

Дар ин давра 3 маротиба ҷаласаи Шӯрои вилоятии мутобиқсозию методӣ оид ба тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони дар назди раиси ВМКБ гузаронида, баргузории онҳо телевизиони ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ пахш гардидаанд. Дар Ҷаласcаи баргузоршуда, қарорҳои дахлдор қабул гардида, аз ҷониби аъзоёни Шӯъро ва дигар мақомотҳои марбута ба иҷро расонида шудаанд

Ба мақсади ичрои қарорҳои дар боло зикргардидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзномаи «Бадахшон» рубрикаи «Маслиҳати ҳуқуқӣ» ташкил шуда, вобаста ба шарҳи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тағйиру

иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, пурсишу саволҳои шаҳрвандон аз рӯи масъалаҳои ҳуқуқӣ ҷавобҳои саҳеҳи кормандони адлия дода шуд. Дар ин давомият дар ин рӯзнома –12 маротиба чунин фаҳмондадиҳии қонунҳо ва посуххо дода, ба чоп расонида шудаанд. Инчунин, дар ҳамбастагӣ бо идораҳои дахлдори давлатӣ  ба таври доимӣ барномаҳои телевизионӣ дар мавзӯҳои гуногуни ҳуқуқӣ гузаронида мешавад.

Дар шаҳри Хоруғ ҷиҳати пешгирии ҷиноятсодиркунӣ 9 маротиба аз телевизиони "Бадахшон" баромадҳо ва дар муассисаҳои таълимӣ 27 маротиба вохӯриҳо ва суҳбатҳо баргузор карда шуданд.

Дар ноҳияи Роштқалъа гурӯҳҳои корӣ ташкил карда шуда, мунтазам дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда мешавад. Ҳамзамон, дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" аз тарафи шуъбаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҷавонони бекор ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб карда мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст.

## 23. Рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои ВМКБ

### 23.1. Ҷараёни иҷрои супоришҳои сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон дар соли 2019 муайян карда шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ҷиҳати татбиқи сифатнок ва саривақтии Нақша чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикитон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз 11 то 15 сентябри соли 2018 дар ҷараёни сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон баён доштанд, қарори раиси ВМКБ- ро аз 9 октябри соли 2018, №339 таҳия ва тасдиқ намуда, ҷиҳати иҷро дастраси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, раёсату идораҳо ва муассисаҳои дахлдор гардонд.

Нақша чорабиниҳои мазкур аз 98 банди назоратӣ иборат буда, 9 банди он дар асоси маълумотҳои пешниҳодшуда ҷиҳати иҷрои пурра аз назорат бароварда шуда, 2 банди он бандҳо 25 ва 43 тибқи мактуби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлатҳои муқарраргардида иҷро нагардида, мӯҳлати иҷрои онҳо тамдид карда шуданд. Айни замон 87 банд дар ҷараёни кор қарор доранд, ки мӯҳлати иҷрои онҳо солҳои 2019 – 2021 –ро дар бар мегирад. Аз ҷумла дар соли 2019 мутобиқи нақша иҷроиши 19 банд (3, 13, 14, 15, 16, 18, 20, 22,31, 34, 38, 39, 45, 59, 62, 73, 77,81, 82, 86) муайян карда шудааст.

Аз бандҳои мазкур бандҳои 45 ва 86 пурра иҷро гардида, боқимондаи онҳо мавриди иҷроиш қарор доранд.

Ҳамзамон, мавриди зикр мебошад, ки маълумоти пешниҳодгардидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ дар давраи ҳисоботи нисбат ба 9 моҳаи соли 2019 бетағйир боқӣ мондааст, ки

масъулинро зарур мебошад, ки ҷиҳати иҷрои саривақтии бандҳои иҷронашуда, чораҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

### 23.2. Рафти иҷрои камбудиҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ошкор карда шудаанд.

Рафти иҷрои супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2018, №10/1 ва аз 20 феврали соли 2018, 324/10-50 оид ба ислоҳи пурраи камбудиҳое, ки аз ҷониби гуруҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардиданд, чунин мебошад.

Дар маҷмӯъ аз ҷониби гурӯҳҳои кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ 10 адад камбудиҳо ошкор ва муайян карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, аз шумораи умумии камбудиҳои ошкоргардида, то ба имруз 4 (бандҳои 1, 2, 4, 9) адади он бартараф гардида, 3 (бандҳои 3,6,7) адади он бошад қисман иҷро гардидааст.

Вобаста ба масъалаи теъдоди корхонаҳои аз фаъолият бозмонда дар (соли 2016, 8 адад корхона, соли 2017, 21 адад корхона) дар 9 моҳаи соли 2019 6 адад корхонаҳои саноатии аз фаъолият бозмондааст, мақомоти иҷроияи маҳаллии ин шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияи нав ҷиҳати ба кор андохтани онҳо чораҳои заруриро пешбинӣ намоянд.

Дар масъалаи мавҷудияти шумораи гирифторони бемории (ВМНО/БПНМ) дар соли 2017 Хоруғ 308 нафар, Шуғнон 109 нафар, Рӯшон 72 нафар, Ванҷ 13 нафар, Ишкошим 36 нафар, Мурғоб 5 нафар, Дарвоз 9 нафар ва Роштқалъа 17 нафарро ташкил дода, таҳлил муайян намуд, ки дар 9 моҳи соли 2019 дар шаҳри Хоруғ 188 нафар, ноҳияҳои Шуғнон 127 нафар, Рӯшон 5 нафар, Рошткалъа 34 нафар, Ишкошим 27 нафар, Ванҷ 22 нафар, Дарвоз 11 нафар ва Мурғоб 4 нафарро ташкил додааст, ки ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва Вазорати тандурустии ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вусъат дода шавад.

Бояд қайд намуд, ки вобаста ба банди мазкур мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ ва шаҳру ноҳияҳои он маълумотҳои муфассал пешниҳод накарданд ва он маълумотҳое, ки дар давраи ҳисоботи пешниҳод гардиданд нисбати 9 моҳаи соли 2019 бетағйир мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки вобаста ба ислоҳи камбудиву мушилотҳои қайд гардида, дар раванди арзёбии ҳисоботҳои 9 моҳаи соли 2019 маълумоти ҷавобӣ умумиҷумҳуриявӣ аз вазорату идораҳои дахлдор (мактубҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 2019, №1-4/8790-8581, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 2019, №4(7.1)-3300, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2019, №2-03/3114, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 декабри соли 2019, №09/2-866,

Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2019, №3/3023 ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2019, №1/04-39) ба унвонии Кумитаи рушди маҳал ворид гардид, ки аз ҳамкории мутақобилаи судманд дарак медиҳад.